Н.ИСМАТОВА, О.КАРИМОВА

# АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ

*Китоби дарсӣ барои синфҳои 11-уми мактабҳои таълими миёна*

*Нашри 1*

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ кардааст*

Тошканд
«Yangiyul Poligraph Service»
2018

UO‘K: 340.12(575.1)(075.3)
KBK: 67.0(5O‘)
D 13 Исматова, Наргиза.
Асосҳои давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ барои синфҳои 11-уми мактабҳои таълими миёна/Н.Исматова, О.Каримова. — Нашри якум. — Тошканд.: “Yangiyul Poligraph Service”, 2018.—144 с.

**UO‘K: 340.12(575.1)(075.3)**
**ISBN 978-9943-5246-1-3** **KBK: 67.0(5O‘)ya72**

**Муҳаррирони масъул:**
М.Баратов — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Б.Маликова — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Тақриздиҳандагон:**
Б.Ахроров — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Ҳ.Тўйчиева — номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;
Ҳ.Тоҷибоев — омўзгори фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ”-и мактаби рақами 144-уми ноҳияи Яккасаройи шаҳри Тошканд.

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

© Н.Исматова, О.Каримова, 2018.
© «Yangiyul Poligraph Service», 2018.

ISBN 978-9943-5246-1-3

# Муқаддима

Дар соҳаи таълим дар бобати боз ҳам боло бурдани шуур ва маданияти ҳуқуқӣ вазифаҳои муҳим ба иҷро расонида мешаванд. Яке аз онҳо масъалаи ҳангоми таҳияи китобҳои нави дарсии оид ба соҳаи мазкур истифодаи усулҳои самараноки технологияҳои таълим мебошад. Савол ва супоришҳо, маълумотҳои иловагӣ, масъала(казус)ҳои ҳуқуқӣ, эзоҳи истилоҳҳо, лавҳаҳо аз таърих, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, айнан барои боз ҳам ғанӣ гардонидани донишҳои шумо дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ, ба мусоидати вусъати шуур ва тафаккури ҳуқуқӣ равона карда шудаанд. Ин соҳа чунин як соҳаест, ки баробари инкишофи ҷамъият қонунҳо низ такмил ёфта мераванд. Бинобар ин Шумо фақат аз маълумотҳои дар китоби дарсӣ додашуда маҳдуд нашуда, ба воситаи сайти www.lex.uz тағйиротро дар соҳаи эҷоди қонунҳо мушоҳида карда равед, ҷаҳонбиниатон беш аз пеш васеъ шуда, дар ин соҳа бисёртар донишҳоро аз бар менамоед.

Дар маросими ботантанаи бахшида ба 24-солагии қабули Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон Президентамон Шавкат Мирзиёев ба ин масъала эътибори алоҳида дода, дар роҳи таъмини пойдории қонун боло бурдани маданияти ҳуқуқӣ, аҳамияти муҳим доштани тарбияи шаҳрвандон дар рўҳи ҳурмат ба қонунро таъкид кард.

Донишомўзони азиз!

Китоби дарсие, ки шумо дар даст доред, донишҳои дар синфҳои поёнӣ аз бар намудаатонро давом медиҳад ва мукаммал менамояд, донишҳоятонро васеъ мекунад. Соҳиби маданият шудан вобаста ба худи шумост.

Ононе, ки қонунҳоро намедонанд, ҳуқуқу ўҳдадориҳояшонро имрўз дониста наметавонанд. Вақте ки дар зиндагӣ ба ягон мушкилот дучор оянд, аз вазъият чӣ гуна берун рафтанро надониста, бидуни ҳимоя хоҳанд монд. Яке аз мутафаккирон "Беҳтарин озодӣ ин итоат кардан ба қонунҳост" гуфта будааст. Зеро, устувории қонун кафолати сулҳу осоиш дар кишвар, тантанаи усулиятҳои (принсипҳои) озодӣ ва демократӣ мебошанд.

Дар роҳи мустаҳкам намудани донишҳоятон оид ба ин соҳа ва дар бобати аз бар кардани маданияти ҳуқуқӣ дар баробари арзишҳои волои ахлоқӣ ба шумоён муваффақиятҳо орзумандем.

*Муаллифон.*

# ОҒОЗ

## § 1 Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон — асоси ҳуқуқии давлат

**Фаъолияти эҷодӣ**



*Ваколати идораҳои ҳокимияти давлатӣ, доираи ҳаракати онҳо бо доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон маҳдуд мешавад. Барои исботи ин фикрҳо дар заминаи таҳлили бо ҳам вобастаи қоидаҳои дар моддаҳои 2, 13 ва 14-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон баёншуда кўшиш намоед*

**Дар дарси имрўза бо мавзўъҳои зерин шинос мешавед:**



- ➔ Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон асоси ҳуқуқии давлат.
- ➔ Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон асоси ҳуқуқии татбиқи амалии ҳуқуқҳои инсон.

### Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон — асоси ҳуқуқии давлат

Идоракунии дохилӣ ва мустақилӣ, соҳибихтёрии мамлакатҳо ба воситаи конститутсия қонунӣ карда мешаванд. Ин маънои бо конститутсия маҳдуд шудан, ба тартиб даровардани ҳокимияти давлатиро дорад.

Дар давлати демократии ҳуқуқӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ конститутсия воситаи асосии мизони қонунии муносибатҳо, ба роҳ мондани нисбати ҳуқуқии байни ҳокимияти давлатӣ ва инсон мебошад.

Дар конститутсия инсон, ҳаёт, озодии он, шаън, қадру қиммат ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазири ў ҳамчун арзиши (қадрияти) олӣ эътироф шудааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои демократӣ тавассути конститутсия ва қонунҳо ҳимоя мешаванд. Дар навбати худ мақомоти (органҳои) давлатӣ ва шахсони мансабдор дар назди шаҳрвандон масъуланд. Аз мазмуни ин қоидаҳои конститутсиявӣ усулияти (принсипи)

бартарияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон бармеоянд. Яъне, мавзӯи асосии муқаддимаи Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ҳуқуқҳои инсон буда, халқамон ва давлатамон дар бобати ҳамин масъала садоқати худро ба ҳуқуқҳои инсон эълон кардаанд.

Конститутсия шартномаи ба худ хоси иҷтимоии муқарраркунандаи муносибатҳои байни шаҳрванд, ҷамъият ва ҳокимияти давлатӣ мебошад. Конститутсия бар ғояи баробарҳуқуқии умумии шаҳрвандон, масъулияти байниҳамдигарии шаҳрванд ва давлат асос ёфтааст.

Қоидаҳои конститутсиявӣ барои дарки зарурати чӣ гуна ташаккулёбии муносибатҳои байни шахс ва давлат ва ин қоидаҳо дар ҳаёти инсон то чӣ андоза аҳамияти бузург доранд, ёрӣ мерасонанд. Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон тартиби ҳуқуқии муносибатҳои байниҳамдигарии шахс ва давлатро муқаррар мекунад. Мувофиқи он ҳуқуқ ва манфиати халқ, ҷамъият, шахс дар мадди аввал мебошад.

Агар дар муносибатҳои шахс ва давлат ба ҷойи давлат эътибор дода шавад, дар замири моҳияти манфиати давлат низ ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон ҷой дорад. Моҳияти инсонпарварӣ ва халқпарварии давлате, ки мо бунёд менамоем, дар он ифода меёбад, яъне мақсади асосии фаъолияти давлат аз адои хизмат ба инсон комилан эътироф карда мешавад.

Ҳар кадом давлат дар ҳудуди худаш қонунҳои амалкунандаро худаш меофарад. Яъне, қонунҳо му-

Дар Республикаи Ӯзбекистон бартарияти Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ва қонунҳо ҳатман эътироф мешавад. Давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон мувофиқи Конститутсия ва қонунҳо кор мебаранд.

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 15-ум**

**Фаъолияти эҷодӣ**

Дар расмҳои зерин байни шахсон ва давлат чӣ гуна муносибатҳо ифода ёфтаанд?



носибатҳои муайяни иҷтимоиро дар ҷамъият ба тартиб дароварда, хоҳишу иродаи халқро ифода менамоянд, муросои байни қувваҳои гуногуни сиёсӣ, табақаҳои иҷтимоӣ, манфиати гурӯҳҳоро таъмин менамоянд.

## Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон — асоси ҳуқуқии татбиқи амалии ҳуқуқҳои инсон

Вақте ки мо давлати конститутсиявӣ мегӯем, дастгоҳи давлатиеро мефаҳмем, ки идораҳои ҳокимияти давлатӣ дар асоси тартиб ва принсипҳои конститутсия муқарраркарда ташаккул ёфта ва дар асоси риояи қатъии нормаҳои конститутсиявӣ фаъолияти худашро дар амал татбиқ менамояд. Давлати конситутсиявӣ давлатест, ки дар ҳамаи ҳудуди мамлакат ва дар ҳама соҳаҳои фаъолияти давлатӣ бартарияти конститутсия ва қонунҳои дар асоси он қабулшударо таъмин мекунад ва кафолат медиҳад. Агар соҳибихтиёрии халқ ба халқ мансуб будани ҳокимияти олиро ифода кунад, соҳибихтиёрии давлат маънои ҳокимияти мустақил, яъне аз номи халқ ба амал баровардани сиёсати дохили ва хориҷии мамлакат аз тарафи давлатро дорад. Ҳокимияти давлатӣ маҳсули озодию иродаи халқ аст, татбиқкунандагони он аз тарафи халқ, ба воситаи боварии халқ ба сари ҳокимият меоянд ва фаъолият мебаранд.

Дар давлати конститутсиявӣ ба сифати давоми мантиқи принсипи бартарияти қонун боз ду принсип: “Ба ҳама чизе, ки қонун манъ накардааст, рухсат дода мешавад (барои шаҳрвандон) ва “Фақат ба ҳамон чизе, ки дар қонун мустаҳкам карда шудааст, рухсат дода мешавад” (барои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор) амал мекунад.

Ӯзбекистон— республикаи соҳибихтиёри демократӣ. Номҳои давлат “Республикаи Ӯзбекистон” ва “Ӯзбекистон” як маъноро ифода мекунанд.

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 1-ум**

Агар қаҳрат ояд, ба суханонат таваҷҷӯҳ намо... Аз калонсолон пеш нагард. Агар касе ҳарф занад, ба гапаш ҳамроҳ нашав.

**Луқмони Ҳаким**

**Принсипи (усулияти) якум** озодӣ ва имкониятҳои ҳаракати шаҳрвандонро васеъ менамояд. Ҳар гуна рафтореро, ки дар қонун манъ нашудааст, амалӣ кардан мумкин ва барои он ҷавобгарии юридикӣ пайдо намешавад.

**Принсипи дуюм** чунин маъно дорад, ки зимни он идораҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор дар доираи ваколати қонуниашон мутобиқи онҳо ҳаракат, яъне амал карданашон мумкин.

Дар давлати конститутсиявӣ ташкил кардани ҳокимият ва фаъолият бурдани он дар конститутсия мустаҳкам карда мешавад. Ташкил кардани мақомоти ҳокимият, ки дар конститутсия пешбинӣ нашудааст, манъ аст. Давлати конститутсиявӣ, пеш аз ҳама, вобастагии узвии давлат бо ҳуқуқ аст.

## Савол ва супоришҳо

1. Оид ба муносибатҳои “Шахс — ҷамъият” мисол оред.
2. Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон мустақилии давлат, идоракунии давлатӣ, шакли сохтмони давлат ва тартиботи сиёсӣ чӣ гуна ифода ёфтаанд? Фикратонро асоснок кунед.
3. Моддаи 7-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистонро хонед. Зери ибораи ҳокимияти халқ чиро мефаҳмед?
4. Оё ҳуқуқҳоятонро, ки дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон қайд шудаанд, медонед?
5. Барои пурра амалӣ намудани онҳо чӣ гуна иштироки шумо ҳаст?
6. Байни ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои инсон чӣ гуна муносибат буданаш мумкин?

## Аз таърихи ҳуқуқ

Дар аксари кишварҳо, аз ҷумла дар Ўзбекистон бартарияти қонун принсипи асосии давлати конститутсиявии демократӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо принсипи мазкур аввало бартарии конститутсияро дар назар дорад. Агар мақомоти ҳокимияти иҷроия (шахси мансабдор) ё суд, ки қонунро истифода менамояд, ба конститутсия зид будани онро аниқ кунад, масъаларо на дар асоси ин қонун, балки дар асоси конститутсия бояд ҳал намояд.

# Фасли I. ҲУҚУҚИ ОИЛА

## § 2 Оила — ҳалқаи асосии ҷамъият

**Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед:**



- Асоси конститутсиявии ҳуқуқи оила.
- Кодекси оилаи Республикаи Ӯзбекистон.
- Муносибатҳое, ки бо санадҳои қонунии оид ба оила ба тартиб даровара мешаванд.
- Субъектҳои ҳуқуқи оила. Баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ.

### Асоси конститутсиявии ҳуқуқи оила

Манбаи асосии муносибатҳои ҳуқуқии оила Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон мебошад. Ғамхории ҷамъият ва давлат дар ҳаққи оила ба самти муҳими сиёсати иҷтимоиамон табдил ёфтааст.

Агар оила солим бошад, ҷамъият мустаҳкам, агар ҷамъият мустаҳкам бошад, мамлакат барқарор мешавад. Аз ин боис оила ҳамчун ҳалқаи асосии ҷамъият эътироф шуда, он барои ҳамчун шахс ташаккул ёфтани фарзанд, минбаъд дар ҷамъият барои ҷойи худашро ёфтан ва барои чун инсони маънавияташ баркамол тарбия гирифтани он таҳкурсии асосӣ аст.

Агар ба таърихи халқамон назар афканем, анъанаҳои арзишманд: ҳалолӣ, ростгӯӣ, ору номус, шарму ҳаё, меҳру оқибат, меҳнатдӯстӣ барин фазилатҳои инсонӣ пеш аз ҳама дар оила ташаккул меёбанд. Фарзанди боадаб, доно ва боақл, меҳнатдӯст, боимону боэътиқод нафақат сарвати оила, балки сарвати бузурги тамоми ҷамъият аст.

**15 май—Рӯзи байналмилалии оила**

Дар кишварамон соли 1998— “Соли оила”, соли 2012 “Соли оилаи мустаҳкам” эълон шуда буд.



Оила ҳалқаи асосии ҷамъият аст ва ҳуқуқи дар муҳофизати ҷамъият ва давлат буданро дорад.

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 63-юм**

Дар қонунҳои Республикаи Ўзбекистон инъикос ёфтани муносибатҳои оила намунаи равшани мустаҳкам намудани оила дар асоси нормаҳои олии ахлоқию маънавӣ аст.

Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон маҷбур будани шаҳрвандони Ўзбекистон дар бобати то ба воя расидан парвариш ва тарбия кардани бачаҳо, ғамхорӣ намудани фарзандон дар ҳаққи падару модар ва шарт будани расонидани ёрӣ ба онҳо қайд гардидааст.

Фарзандон сарфи назар аз наслу насаби падару модар ва ҳолати шаҳрвандии онҳо дар назди қонун баробаранд, модарон ва бачаҳо аз тарафи давлат муҳофизат мешаванд.

## Кодекси оилаи Республикаи Ўзбекистон

Барои таъмин намудани ҷойи оила дар ҷамъият, мустаҳкам кардани ҳимояи ҳуқуқӣ ва мавқеи иҷтимоии он роли Кодекси оила калон аст. Кодекси оилаи Республикаи Ўзбекистон ба нормаҳои ҳуқуқии умумэътирофшудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ пурра мувофиқ тартиб дода шуда, он ба ғояи “оила—сохтори такягоҳии ҷамъият” асос ёфтааст.

Вазифаи санадҳои қонунии оид ба оила аз мустаҳкам намудани оила, аз бунёд кардани муносибатҳои оилавӣ дар асоси муҳаббати байниҳамдигарӣ, боварӣ ва ҳурмат, тифоқӣ, ба якдигар ёрӣ расондан ва масъул будани ҳамаи аъзои он дар назди оила, роҳ надодан ба дахолати худсаронаи ягон шахс ба масъалаҳои оила, аз ҳимоя кардан ва татбиқи амалии бемамониати ҳуқуқҳои аъзоёни оила ва таъмин намудани онҳо иборат аст. Ба тартиб даровардани муносибатҳои оилавӣ ба ихтиёран дохил шудани марду зан ба иттифоқи никоҳ, баробарҳуқуқии шахсӣ ва мулкии зану шавҳар асос ёфтаанд.

«Агар аҳолии як мамлакат бо беахлоқию ҷоҳилият муносибатҳои оилавиро заиф кунад ва ба беинтизомӣ роҳ диҳад, оқибати он саодат ва ҳаёти ин миллат зери шубҳа гузошта мешавад».

**Фитрат**

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Матнро бодиққат хонед ва муносибат баён кунед.
2. Аз матни “муносибатҳои оилавӣ заиф карда шавад” чиро фаҳмидед?
3. Дар бобати мустаҳкамсозии оила ҷойи арзишҳои миллӣ куҷост?
4. Таъсири муаммоҳои оилавӣ ба инкишофи ҷамъият чӣ гуна шуданаш мумкин?

## Аз таърихи ҳуқуқ

Дар “Авесто”, ки сарвати таърихиамон аст, асосҳои ҳуқуқии соҳиби мулки шахсӣ будани зан қайд шудаанд. Зан ҳуқуқ дорад, ки аз мулкаш ба мақсадҳои хайрия мустақилона истифода барад, инчунин, даъвогар шудан ва ба сифати гувоҳ далел доданаш мумкин. Бино ба ҳуқуқи зардуштӣ никоҳ натиҷаи хоҳиши дутарафаи ба никоҳ даромадаҳо буда, фақат баъд аз он аз тарафи падару модар ва васиҳо тасдиқ мешуданд.

## Муносибатҳое, ки бо санадҳои қонунии оид ба оила ба тартиб оварда мешаванд

Вақте “муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ” мегӯем, муносибатҳои иҷтимоие фаҳмида мешавад, ки дар байни шаҳрвандон пайдо шуда, бо нормаҳои ҳуқуқии оилавӣ ба тартиб оварда мешаванд.

Ҳуқуқи оила муносибатҳои номулкӣ ва мулкии шахсии байни аъзоёни оиларо ба тартиб меорад. Ба муносибатҳои шахсии номулкӣ фамилияи зану шавҳар, тарбияи бачаҳо, ҳалли масъалаҳои ҳаёти оилавӣ, намуди машғулот, ҳуқуқҳои касб ва ҳуқуқи интихоби ҷойи зист дохил мешаванд.

Муносибатҳои мулкӣ мулки умумие, ки шавҳар ва зан дар давоми никоҳи худ соҳиб шудаанд, инчунин, молу мулке, ки то қайди никоҳ зану шавҳари оянда аз ҳисоби маблағи умумӣ ба даст овардаанд, агар дар қонун ё шартномаи никоҳ дигар ҳолат дар назар набошад, мулки умумии онҳо ҳисоб мешавад.

Муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ бо баъзе нишонаҳои худ ба муносибатҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ монанд ҳастанд. Аммо ин монандӣ зоҳирӣ мебошад. Асоси муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандиро муносибатҳои мулкӣ, асоси муносибатҳои ҳуқуқии оилавиро муносибатҳои ғайримулкии шахсӣ ташкил мекунанд. Ҳуқуқи оила дар навбати аввал муносибатҳои шахсиро ба тартиб медарорад.



Ба таркиби ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон, ки дар қонунҳои оилаи Республикаи Ӯзбекистон муқаррар шудаанд, инҳо дохил мешаванд:

- ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои зану шавҳар (шахсӣ ва мулкӣ);
- ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои (шахсӣ ва мулкӣ) падару модар;
- баробарҳуқуқӣ ҳангоми ақди никоҳ;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои бачаҳои ба воя нарасида (шахсӣ ва мулкӣ);
- ӯҳдадориҳои оид ба алименти падару модарон, зану шавҳар, собиқ зану шавҳар, хешовандон ва дигар шахсон;
- асосҳои ба поёнрасии никоҳ;
- ҳуқуқи соҳибӣ намудани молу мулки умумии зану шавҳар, истифода ва тасарруфи он;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳар ҳангоми бастани шартномаи никоҳ;
- тартиби ба фарзандӣ гирифтан;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падару модар оид ба ҳимояи ҳуқуқу манфиати фарзанд;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падару модар оид ба тарбияи фарзанд ва додани таълим ба он;

Дар Республикаи Ӯзбекистон ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқу озодиҳои якхела дошта, онҳо сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, дин, баромади иҷтимоӣ, эътиқод, мавқеи шахсӣ ва иҷтимоӣ дар назди қонун баробаранд. Имтиёзот фақат бо қонун муқаррар карда мешаванд ва бояд ба принсипи адолати иҷтимоӣ мувофиқ бошад.

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 18-ум**



Санадҳои қонунии оид ба оила шартҳо ва тартиби бастани никоҳ, ба охир расидани никоҳ (қатъи он) ва ҳақиқӣ надонистани онро муқаррар мекунанд, муносибатҳои зану шавҳар, падару модар ва бачаҳо (ба фарзандӣ гирифтагон ва ба фарзандӣ даромадагонро), дар ҳолатҳо ва доираи дар санадҳои қонунии оид ба оила дар назар дошташударо, муносибатҳои номулкӣ ва мулкии хешовандон ва шахсони бегонаро ба тартиб медароранд, инчунин шаклу қоидаҳои ба оила гирифтани бачаҳои аз парастории падару модар маҳрум шударо, тартиби қайди далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандиро муайян менамоянд.

**Кодекси оилаи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 5-ум**

- асосҳои маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ;
- ҳуқуқи муроҷиат кардан ба васигӣ ва ҳомигӣ.

Институти маҳрум кардани ҳуқуқи падарию модарӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ нақши алоҳида дорад.

Зери мафҳуми “муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ” муносибатҳои иҷтимоие бояд фаҳмем, ки дар байни шаҳрвандон ба амал омада ва бо нормаҳои ҳуқуқии оилавӣ ба тартиб даровaрда мешаванд.

## Субъектҳои ҳуқуқи оила

Чун дар дигар муносибатҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ се унсур: субъект, ҳуқуқи субъективӣ ва ӯҳдадори(маҷбурият)-ро дидан мумкин аст.

Ба субъекти муносибатҳои оилавӣ зану шавҳар, падару модар, бачаҳо, васиҳо ва ҳомиён, дигар хешу ақрабо ва шахсони юридикӣ, иттиҳодияҳои шаҳрвандон, муассисаҳо, мақомот, ташкилтҳои иҷтимоӣ, ки дар соҳаи қонунҳои оила ва ё ин ки дар ҳалли ин муносибатҳо иштирок менамоянд, мансуб мебошанд.

Ҳаракат ва қарорҳое, ки субъектҳои ҳуқуқи оила аз рӯйи арзишҳои ахлоқӣ ва моддӣ, ки ба аъзои оила, ба собиқ аъзоёни оила мансуб буда, бо қонун ҳимоя карда мешаванд, қабул мекунанд, объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ шуданашон мумкин.

## Баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ

Ба тартиб даровaрдани муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрии ба ақди никоҳ даромадани мард ва зан,баробарҳуқуқии шахсӣ ва мулкии шавҳар ва зан, бо роҳи созиш ҳал намудани масъалаҳои дохили оилавӣ, дар оила ғамхорӣ намудан ба-

**Фаъолияти эҷодӣ**



Қоидаеро, ки дар моддаи 18-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон мустаҳкам шудааст, бо матни “Баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ” чӣ гуна вобастагӣ дорад, аниқ кунед.

рои тарбияи бачаҳо, ҳаёти беҳбуд гузаронидани онҳо ва камолоташон, устувор будани ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ба воя нарасидагон ва аъзоёни оилаи ғайри қобили меҳнат ба амал бароварда мешавад.

Ҳамаи шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ ҳуқуқи баробар доранд. Ҳангоми ақди никоҳ ба ҷинс, нажод, миллат, забон, дин, баромади иҷтимоӣ, эътиқод, мавқеи шахсӣ ва иҷтимоӣ ва ба дигар ҳолатҳо нигоҳ карда, ба бевосита ё билвосита маҳдуд намудани ҳуқуқҳо бо тарзи муайян, додани бартарияти бевосита ё билвосита ва дахолат ба муносибатҳои оилавӣ роҳ дода намешавад.

Дар муносибатҳои оилавӣ ҳуқуқи шаҳрвандон фақат мувофиқи қонун ва фақат бо мақсади ҳимоя намудани манфиатҳои аъзоёни оила ва ахлоқ, шаън, қадру қиммат, саломатии онҳо ҳуқуқҳояшон бо роҳи қонун дар асоси меъёрҳои зарурӣ маҳдуд шуданаш мумкин.

## Саволу супоришҳо

## Савол ва супоришҳо

1. Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон барорҳуқуқии занону духтарон ва мардон эътироф шудааст. Мафҳуми баробарҳуқуқӣ дар оила дар кадом мавридҳо бештар истифода мегардад?
2. Зери мафҳуми “муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ” чиро фаҳмидед? Мисолҳои ҳаётӣ оред.
3. Фарқи байни муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ чист?
4. Доир ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ мисол оред.
5. Чаро оилари решаи асосии ҷамъият меноманд? Фикратонро асоснок намоед.

## Фаъолияти эҷодӣ

Аз расмҳои зерин субъектҳои муносибатҳои оилавиро аниқ кунед









# § 3 Тартиб ва шартҳои ақди никоҳ

**Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед:**

- Мафҳуми никоҳ. Тартиби ақди никоҳ.
- Ихтиёрӣ будани ақди никоҳ. Синну соли никоҳ. Ҳолатҳои монеъ шудан ба ақди никоҳ. Аз муоинаи тиббӣ гузаронидани шахсони ба никоҳ дароянда.

Ақди никоҳ иттифоқи ихтиёрии баробар-ҳуқуқонаи марду зан аст, ки он дар идораҳои қайди далолатнома-ҳои ҳолати шаҳрвандӣ баста мешавад ва ба мақсади ташкили оила хизмат мекунад

## Мафҳуми никоҳ. Тартиби ақди никоҳ

Никоҳ асоси ягона ва аввалини ба вуҷуд омадани оила аст. Ақди никоҳ ба инсонҳо масъулият бор мекунад. Зеро, дар оила ҳам шавҳар, ҳам зан вазифаҳои худро доранд, ҳар яке барои иҷрои вазифаашон пурра масъуланд. Ба туфайли никоҳ оилаҳои нав ба вуҷуд меоянд

**Ақди никоҳ** як ҳолати оддии расмиятбозӣ нест, аз тарафи давлат қайд шудани он далели юридикӣ аст.

Айнан никоҳе, ки ба рӯйихат (қайд) гирифта мешавад, никоҳи юридикӣ ҳисоб мешавад ва фақат ин ҳолат ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шавҳару занро ба вуҷуд меорад. Никоҳи бе рӯйихат (беқайд) ҳақиқӣ нест.

Никоҳ бо назардошти манфиатҳои давлат ва ҷамъият, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ, мулкӣ



ва манфиатҳои шавҳар, зан ва бачаҳо ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми ба қайдгирии никоҳ шумораи гувоҳҳо аз ду нафар бояд кам набошад.

Фақат никоҳи бино ба урфу одати динӣ аҳамияти ҳуқуқӣ надорад.

## Ихтиёрӣ будани акди никоҳ. Синну соли никоҳ. Ҳолатҳои ба акди никоҳ монеъшаванда

Акди никоҳ ихтиёрӣ аст. Барои акди никоҳ шавҳару зани ояндa бояд қобилияти озодона баён кардани розигиро дошта бошанд. Ба акди никоҳ маҷбур кардан манъ аст. Дар санадҳои қонунии ҷорӣ синну сол нишон дода шудааст. Бино ба қонун мардон аз 18-солагӣ, занон аз 17-солагӣ ба никоҳ даромаданашон мумкин.

Бино ба қонунҳои шаҳрвандӣ пас аз гузаштани акди никоҳи қонунӣ шаҳрванд комилан лаёқати қобили муомила мешаванд. Лаёқати муомила, ки дар натиҷаи акди никоҳ ба синни 18 надаромада пайдо шудааст, дар ҳолати вайрон шудани никоҳ низ пурра нигоҳ дошта мешавад. Агар никоҳ ғайриҳақиқӣ дониста шавад, суд дар бораи аз даст додани лаёқати пурраи муомила аз вақти қарори суди ба воянарасидагон қарор қабул карданаш мумкин.

Ба синну соли никоҳ амал накарда, ғайриқонунӣ ба муносибатҳои никоҳ даромадан ҳар гуна оқибатҳои ҳуқуқиро оварданаш мумкин. Ин гуна никоҳ ҳақиқӣ нест гуфта шавад, оқибатҳои ҳуқуқии шахсӣ ва мулкии дахлдори қонунҳои оид ба оила муқарраркарда ба вуҷуд намеоянд.

**Ҳолатҳои ба акди никоҳ монеъшаванда.**

*а) лоақал яке боз бо дигаре бо никоҳ ба қайд гирифта шуда бошад;*

Дар республикаамон ҳар як шаҳрванд фақат бо як никоҳ буданаш мумкин. Принсипи якканикоҳӣ аз

Синну соли никоҳ барои мардон ҳаждаҳ, барои занон ҳабдаҳ сол муқаррар карда мешавад.

Агар сабабҳои узрнок бошад, дар ҳолатҳои гуногун (ҳомиладорӣ, таваллуди бача, пурра қобили лаёқати муомила будани шахси ба воя норасида эълон шавад (эмансипатсия), бино ба илтимоси ба никоҳ дарояндагон синну соли никоҳро ҳокими ноҳия, шаҳр дар ҷойи аз рӯйихати давлатӣ гузаронидани никоҳ ба як сол кам карданаш мумкин.

**Кодекси оилаи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 15**

қоидаҳои олии ахлоқии дар ҷамъияти мо мавҷудбуда бармеояд. Вайрон кардани ин қоида барои ҳақиқӣ надонистани никоҳ асос шуда метавонад.

*б) аз рӯйи шаҷараи наслу насаб байни хешовандони бевосита наздик, байни бародарон ва хоҳарони ҳамхун ва ӯгай, инчунин байни ба фарзандӣ гирандагон ва ба фарзандӣ гирифтаҳо;*

Дар ҳуҷҷатҳои қонун мафҳумҳои хешутабории наздик, бевосита, пурра ва нопурра мавҷуд аст. Яке аз дигаре ё шахсони аз аҷдоди умумӣ ба дунё омадабуда хешу табори наздик ба ҳисоб меравад.

Шахсони яке аз дигаре ба дунё омада, яъне бо бобо-падар, писар-набера-эвара-чевара-дубора хеши бевосита дониста мешавад. Бародарон ва хоҳарон хеши ҳамхун мебошанд. Хешу табори пурра гуфта падар ё модари умумӣ доштагонро мегӯянд, хешу табори нопурра гуфта бародарон ё хоҳарони аз падар ё модари гуногун таваллудёфтаро мефаҳманд.

Бо роҳи қонун манъ кардани никоҳи байни хешу таборони наздик ба қоидаи ахлоқ ва нуқтаи назари биологӣ, комёбӣ ва хулосаҳои илми тиббиёт асос менамояд.

Акди никоҳ бо дигар хешовандон бо роҳи қонун манъ нашудааст. Аз ин боис хешовандон аз рӯйи

Никоҳи бо шахси ба синну соли никоҳ нарасида басташуда дар ҳолатҳои манфиатҳои шахсе, ки ба синну соли никоҳ нарасида дохилшуда талаб карда шавад, ғайриҳақиқӣ донистан мумкин.

**Кодекси оилаи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 51**

Шахсони айбдоре, ки санадҳои қонунии оид ба синну соли никоҳро вайрон намудаанд, мувофиқи моддаи $47^3$-и Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ ва моддаи $125^1$-и Кодекси ҷиноии Республикаи Ӯзбекистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

саҷараи паҳлӯ, байни тағобачаҳо, амакбачаҳо, холабачаҳо ва дигар хешони дур акди никоҳ мумкин аст.

Ба акди никоҳ даромадани фарзандони бародарон ё хоҳарон ба мақсад мувофиқ нест.

Бар оқибати никоҳи хешони ҳамхун аксари вақт бачаҳои нимҷон, ҷисмонан носолим, ақлан заиф, пакана ё дигар нуқсондор, маъюб ба дунё меоянд. Никоҳи байни хешон ҳатто сабабгори бефарзандии онон мешавад.

**Бино ба сабаби лоақал як хастагии руҳият (бемории рӯҳӣ ё ақлан заифӣ) аз тарафи суд шахсони қобили ғайрилаёқати муомила эътирофшуда байни онҳо ба акди никоҳ роҳ дода намешавад.**

Ин гуна шахсон ба оқибати кирдорашон пурра ҷавоб дода наметавонанд ва барои акди никоҳ хоҳиши худро бошуурона изҳор карда наметавонанд. Ин қоида аз принсипи ихтиёрӣ ва бо хоҳиши худ чараён гирифтани ба никоҳ дарояндагон бармеояд. Бар туфайли бемории рӯҳӣ ё заифии ақлӣ ба муомила белаёқат дониста шудани шахс баъди супурдани ариза ба органи қайди далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ, то муддати қайди никоҳ рӯй дода бошад ҳам, ба гузаштани акди никоҳ монеъгӣ мекунад.



## Арзишҳои миллӣ оид ба никоҳ

Модаронатон ва духтаронатон ва хоҳаронатон ва аммаҳоятон ва холаҳоятон ва духтарони бародарон ва духтарони хоҳаронатон ва заноне, ки шуморо шир додаанд ва хоҳарони ширияатон ва модарони занонатон бар шумо ҳаром шудаанд. Ва духтарони занонатон, ки дар канори шумо ҳастанд, ҳар гоҳ бо он занон ҳамбистар шудаед, бар шумо ҳаром шудаанд.

**Қуръони карим, сураи Нисо, ояти 23-уюм**



Бисёрзанӣ будан, яъне дар асоси рӯзгори умумӣ бо ду зан ё бештар аз он шавҳару зан шуда зистан— бо ҷарима ситондан баробари панҷоҳ баробари маоши ҳадалақал ё то се сол ба кори ислоҳи ахлоқӣ ё аз як сол то се сол аз озодӣ маҳдуд намудан ёхуд то се сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад.

**Кодекси ҷиноятии Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 126-ум**

## Фаъолияти эчодӣ

Азиза дар курси дуюми коллеҷи касбу ҳунар таҳсил мекунад. Моҳи март вай 17-сола мешавад. Пойи хостгорон аз хонаашон канда нест. Дар оила модаркалони 80-солааш ҳаст. Ҳар вақте хостгорон оянд, “Ба ман дидани тӯю сури ту насиб мекарда бошад” гӯён бо армон гап мезанад. Ин гапро падари Азиза шунида “Хафа нашавед, модарҷон, ҳамин тобистон тӯй мекунем” гуфта дилбардорӣ мекунад. Модараш бошад: “Ҳоло духтарамон ҷавон аст, барои оиласозӣ тайёр нест”, гӯён ба хостгорон ҷавоби рад медод.

1. Дар чунин вазъият чӣ гуна роҳро пеш гирифтан маъқул аст?
2. Модари Азиза вақте, ки “Ҳоло духтарамон ҷавон аст, барои оиласозӣ тайёр нест” мегӯяд, чиро фаҳмидед?
3. Ба фикри Шумо инсон ба оиласозӣ кай тайёр мешавад?

## Савол ва супоришҳо

1. Инсоне, ки оила барпо карданист, бар зиммаи худ кадом масъулиятҳоро бояд бигирад?
2. Барои сохтани оила чиҳоро бояд дошт?
3. Аз он чизе, ки дар зер нишон дода шудааст, кадомаш набошад ҳам оила барпо кардан мумкин: имкониятҳои моддӣ, омодагии маънавӣ, тайёргарии рӯҳӣ, тайёргарии ҷисмонӣ?
4. Ба фикри шумо, вазнинии рӯзгор дар оила бештар бар зиммаи кӣ меафтад? Фикратонро асоснок кунед.

Шахсони никоҳшаванда дар муассисаҳои давлатии ҳифзи саломатӣ бепул аз муоинаи тиббӣ мегузаранд. Ҳаҷм ва тартиби гузаштани муоинаи тиббӣ аз тарафи Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон муқаррар карда мешавад.

**Кодекси оилаи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 17-ум**

# § 4 Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсии шавҳару зан

## Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед:

➔ Ба вуҷудоии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шавҳару зан.
➔ Баробарҳуқуқии шавҳар ва зан дар оила.
➔ Ҳуқуқи фамилия интихоб кардани шавҳар ва зан.
➔ Фарзанд тарбия кардани шавҳару зан ва ҳалли масъалаҳо дар рӯзгори оила.





## Бавуҷудоии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шавҳару зан

Аз вақти ба рӯйихат гирифта шудани никоҳ дар мақомоти қайди далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ шахсони никоҳбаста шавҳару зан ба ҳисоб меравад ва дар байни онҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳарӣ пайдо мешаванд. Акнун муносибатҳои онҳо на бо қоидаҳои ахлоқу одоб, балки бо қонунҳо ва қоидаҳои ҳуқуқӣ ба тартиб оварда мешаванд. Зимнан мисли он, ки занон аз ҷиҳати сиёсӣ бо мардон баробарҳуқуқанд,

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Ба фикри шумо, дар оила ӯҳдадориҳои зану шавҳар оё баробар аст?
2. Муносибататон ба фикри “Дар оила ба занон ҳуқуқи бештар дода шудааст” чӣ гуна аст?
3. Ба фикрҳои зерин муносибати худро баён кунед: “Дар идоракунии оила мард бояд шахси асосӣ бошад”, “Оиларо бояд асосан мард таъмин намояд, зан маблағи ёфтаашро барои эҳтиёҷи худ сарф кунад, кифоя аст”, “Дар оила кӣ бештар маблағ ба даст орад, ҳамон шахси асосӣ мешавад”.

дар оила низ дар масъалаҳои шахсӣ ва мулкӣ бо онҳо аз ҳуқуқҳои баробар истифода мебаранд ва ўҳдадориҳоро низ баробар бар дўш мегиранд.

## Ҳуқуқи фамилия интихоб кардани шавҳар ва зан

Дар заминаи никоҳ ду навъ муносибатҳо—шахсӣ ва мулкӣ ба вуҷуд меоянд. Ба муносибатҳои шахсӣ ҳуқуқи фамилия интихоб кардани шавҳар ва зан, тарбияи фарзандон ва ҳалли масъалаҳои рўзгори оила, ҳуқуқи интихоби касб ва ҷойи зист дохил мешаванд. Дар ин ҳолатҳо ҳуқуқи меҳнат ва шаҳрвандии онҳо унсури лаёқати муомила гардида, соҳаи ҳуқуқи оила ба ҳисоб намераванд.

Вақти ба никоҳ даромадан мард (зан), ки фамилияашро дигар кардааст, баъди аз никоҳ баромадан низ дар ҳамон фамилия мондан ҳақ дорад ё баъди баромадани қарори суд дар бораи ҷудо шудан аз никоҳ бино ба хоҳиши худ ба фамилияи то никоҳ доштааш баргаштанаш мумкин аст.

## Фарзанд тарбия кардани шавҳару зан ва ҳалли масъалаҳо дар рўзгори оила

Ҳар як фарзанд ҳуқуқи дар оила зистан ва тарбия гирифтан, падару модари худро донистан, аз ғамхўриашон баҳраманд шудан, бо онҳо якҷоя зистанро дорад. Агар аз ҳаракати падару модар ба тарбияи фарзанд ё манфиатҳои он таъсири манфӣ расад, онҳо аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум карда мешаванд.

Зану шавҳар, падару модар барои тарбияи фарзанд як хел масъуланд. Фарзанд ҳуқуқи аз тарафи падару модар тарбия дидан, манфиат дидан, ҳарҷониба камол ёфтан, қадру эътибори инсониашро ҳурмат намуданро дорад. Агар бача падару модар надошта бо-

Шаҳрвандон ҳуқуқҳояшонро, ки аз муносибатҳои оилавӣ бармеоянд, бино ба хоҳиши худ тасарруф менамоянд. Ба амал баровардани ҳуқуқҳои худ аз тарафи аъзоёни оила ва иҷрои ўҳдадориҳояшон набояд ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии дигар аъзоёни оила ва шахсони бегонаро халалдор намояд.

**Кодекси оилаи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 10-ум**

шад ё онҳо аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум гашта бошанд ва дар дигар ҳолатҳои аз парастории падару модар маҳрум шуда бошад, ҳуқуқи тарбия намудани вай дар оила аз тарафи органи васигӣ ва ҳомигӣ таъмин карда хоҳад шуд. Бекор карда шудани никоҳи падару модар ё ғайриҳақиқӣ донистани он ба ҳуқуқҳои фарзанд таъсир намекунад.

Падару модар вакили қонунии фарзандони ба воя нарасида ҳастанд. Зеро онҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро мустақилона ҳимоя карда наметавонанд. Падару модар на фақат баробарҳуқуқанд, балки дар бобати аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани фарзандон, аз нигоҳи ҷисмонӣ, рӯҳан ва ахлоқан солим тарбия намудан, тайёр кардани онҳо ба ҳаёти мустақил як хел ӯҳдадорӣ доранд.

Мутаассифона, баъзан падару модарон аз иҷрои ӯҳдадориҳои худашон сартобӣ мекунанд. Ба фарзандон муносибати бераҳмона мекунанд, онҳоро таҳқир менамоянд, ба истеъмоли нӯшокиҳо спиртӣ ё моддаҳои нашъаовар дода шуда, ё бо дигар амалҳои худ аз ҳуқуқи падарию модарӣ сӯйистеъмол мекунанд. Агар ин ҳолатҳо аниқ карда шаванд, онҳо бо қарори суд аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум мегарданд. Корҳои оид ба маҳрумкунии ин гуна ҳуқуқ бо иштироки прокурор ё органи васигӣ ё ҳомигӣ муҳокима мешаванд.

Суд ҳангоми дида баромадани кори оид ба маҳрумкунии ҳуқуқи падарию модарӣ барои таъминоти моддии фарзанд аз падару модари аз ҳуқуқаш маҳрумгашта (ё аз яке аз онҳо) оид ба ситонидани алимент қарор қабул мекунад.

Суд бо назардошти манфиати фарзанд аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум накарда, оид ба гирифтани бача аз падару модар ( яке аз онҳо) қарори ҳалкунанда (маҳдуд намудани ҳуқуқи падару модар) қабул карданаш мумкин.

Синну соли никоҳ дар давлатҳои гуногун мухталиф аст. Масалан, дар Булғория бояд намояндаи ҳар ду ҷинс 18-сола, дар Англия –16-сола, дар ШМА--аз 16-солагӣ то 21 солагӣ, дар Франсия ва Венгрия барои мардон 18, барои занон 16 сол муқаррар шудааст, дар Федератсияи Россия синну соли никоҳ (18) мувофиқи рухсати идораҳои дахлдор ду сол кам шуданаш мумкин.

Падару модар барои тарбияи фарзандон ва камолоти онҳо ҷавобгаранд. Онҳо барои саломатии фарзандони худ, камолоти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқиашон ғамхорӣ карданашон шарт аст. Падару модар дар бобати тарбия намудани фарзандони худ нисбат ба дигар ҳамаи шахсон ҳуқуқи баланд доранд.

**Кодекси оилаи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 73**

## Фаъолияти эҷодӣ

**Вазъияти 1-ум.**

Гулноза бо Анвар барои барпо намудани оила ба органи қайди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ариза доданд. Гулноза бо фамилияи худаш монданӣ шуд. Анвар Гулнозаро аз ин фикраш баргардонданӣ шуд, аммо Гулноза қарорашро дигар накард.

**Савол:** Гулноза оё ҳангоми ба шавҳар баромадан бо фамилияи худаш монда метавонад? Ё баръакс Анвар фамилияи Гулнозаро қабул карданаш мумкин аст?

**Вазъияти 2-юм.**

Баъди як сол дар оилаи онҳо фарзанд ба дунё омад. Онҳо ба фарзандашон исми бобояшро фамилия карда доданӣ шуданд. Акнун дар оилаи онҳо се хел фамилия ҳаст.

**Супориш:** ба ин ҳолат қонунан баҳо диҳед.



## Савол ва супоришҳо

1. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои (мaҷбуриятҳои) падару модар аз чиҳо иборатанд?
2. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳар аз кай пайдо мешаванд?
3. Корҳои доир ба маҳрум намудани ҳуқуқи падарию модарӣ бо иштироки киҳо дида баромада мешаванд? Фикратонро асоснок намоед.
4. Киҳо вакили фарзандони ба воя нарасида шуданашон мумкин ва чаро?

# § 5 Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мулкии шавҳар ва зан

**Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед:**



- Мулки умумии шавҳар ва зан.
- Ба молу мулки умумӣ соҳибӣ кардани шавҳар ва зан аз он истифода бурдан ва тасарруфи он.
- Мулки ҳар кадоми шавҳар ва зан.
- Чизҳои мавриди истифодаи шахсии шавҳар ва зан.
- Тақсим намудани молу мулки умумии шавҳар ва зан.
- Аниқ кардани ҳисса ҳангоми тақсими молу мулки умумии шавҳар ва зан.

## Мулки умумии шавҳар ва зан

Молу мулке, ки шавҳару зан дар давоми никоҳ ба даст овардаанд, инчунин то акди никоҳ аз ҳисоби маблағи умумии шавҳару зан гирифта шудааст, агар дар қонун ва шартномаи никоҳ дигар ҳолат қайд нашуда бошад, пас мулки умумии якҷояи онҳо ба ҳисоб меравад.

Ба мулке, ки шавҳар ва зан дар давоми никоҳ соҳиб шудаанд, (молу мулки умумии шавҳар ва зан) даромаде, ки ба туфайли фаъолияти меҳнатӣ, фаъолияти тадбиркорӣ ва дар натиҷаи фаъолияти интеллектуалии ҳар кадоми онҳо ҳосил шудааст, пенсия, нафақаҳо, инчунин дигар пардохтҳои мақсаднок (ёрии моддӣ, маблағе, ки дар ҳолати маъюб шудан ё дар оқибати расидани зарар ба саломатӣ ҳамчун ҷуброн дода шудааст) дохил мешавад.

Моли манқул ё номанқуле, ки аз ҳисоби даромадҳои умумии шавҳар ва зан гирифта шудааст, коғазҳои қиматбаҳо, амонатҳо, саҳми капитали ба му-







ассисаҳои кредит ё ташкилотҳои тиҷоратӣ гузошташуда, ё ҳар гуна молу мулке, ки дар давоми никоҳ шавҳар ва зан ба даст овардаанд, агар онҳо ба номи шавҳар ва зан расмӣ шуда бошад ё сарфи назар аз он, ки маблағи пул ба номи кӣ дароварда шудааст, онҳо низ молу мулки умумии шавҳар ва зан ба ҳисоб меравад.

Агар аз шавҳар ва зан якеашон кори рӯзгорро пеш бурда, бо парвариши фарзанд машғул шуда, ё бино ба дигар сабабҳои узрнок ба музди кори мустақил ва дигар даромад нагашта бошад ҳам, дар чунин ҳолат низ шавҳар ва зан нисбат ба молу мулки умумӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Шавҳар ва зан ба мулке, ки мулки умумии онҳост, ҳуқуқи соҳибӣ намудан, аз он истифода бурдан ва онро баробар тасарруф намуданро доранд.

## Мулки ҳар кадоми шавҳар ва зан

Молу мулке, ки то акди никоҳ ба шавҳар ва зан мансуб буд, инчунин ҳадя, молу мулке, ки ба тариқи мерос ё дар асоси дигар қарордодҳои бепул дар давоми акди никоҳ ҳар кадоме ба даст овардаанд, мулки шахсии ҳар кадоми онҳо ба шумор меравад.

Мулки умумии шавҳар ва зан дар давоми никоҳ, молу мулки ҳар кадоми онҳо ё агар аз ҳисоби маблағ ё меҳнати яке аз онҳо, ё шавҳар, ё зан қиммати молу мулк зиёд шуданаш аниқ шуда бошад (таъмиркунии капиталӣ, аз нав сохтан, аз сари нав ҷиҳозонидан ва монанди инҳо) молу мулки ҳар яке аз онҳо мулки якҷояашон эътироф шуданаш мумкин.

## Тақсим намудани молу мулки умумии шавҳар ва зан

Тақсими молу мулки умумии шавҳар ва зан бино ба талаби яке аз онҳо, онҳо ҳангоми дар акди никоҳ

Аз чизҳои қимматбаҳо ва барои зебу зиннат дигар чизҳои шахсан истифодашаванда (либос, пойафзал, ва монанди инҳо), гарчанде дар давоми никоҳ аз ҳисоби маблағи умумии шавҳар ва зан гирифта шудаанд, мулки хусусии шавҳар ва зан, ки онҳоро истифода бурда омадаанд, ба ҳисоб меравананд.

**Кодекси оилаи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 26**

будан ва баъди ҷудо шудан низ, инчунин, барои ситонидани ҳиссаи молу мулки умумии яке аз кредитори мард ва кредитори зан бо талаби тақсим намудани молу мулки умумӣ арз намоянд, дар он сурат дар амал татбиқ карда мешаванд.

Молу мулки умумии зану шавҳар дар асоси қарордоди байниҳамдигарии зану шавҳар тақсим шуданаш мумкин. Қарордод ё муросои зану шавҳар дар бобати тақсими молу мулки умумӣ аз тарафи нотариус тасдиқ бояд шавад.

Дар ҳолати сар задани низоъ тақсими молу мулки умумӣ, инчунин, аниқ кардани саҳми зану шавҳар аз тарафи суд амалӣ гардонида мешавад.

Баъди анҷом ёфтани муносибатҳои оилавӣ молу мулке, дар даври алоҳида зиндагӣ кардани зан ва шавҳар ба даст оварда шудааст, аз тарафи суд мулки шахсии ҳар кадоми онҳо дониста мешавад.

Чизҳои барои қонеъкунии эҳтиёҷи фарзандони ба воя нарасида гирифташуда (либос, пойафзал, ҷиҳози мактаб ва варзишӣ, асбобҳои мусиқӣ, китобҳои бачагона ва ғайра) тақсим намешаванд ва фарзандон бо кадоме аз зану шавҳар зиндагӣ кунанд, ба он бекомпенсатсия (беҷуброн) дода мешавад.

Амонате, ки аз ҳисоби молу мулки умумии зану шавҳар ба номи фарзандони гузошта шудаанд, ба ҳамон фарзандон мансуб буда, ҳангоми тақсимоти молу мулки умумии зану шавҳар ба инобат гирифта намешаванд.

Молу мулки умумии зану шавҳар дар сурати тақсим шудан ҳангоми дар ақди никоҳ буданашон, қисми тақсимнашудаи молу мулки зану шавҳар, инчунин молу мулки ҳангоми дар ақди никоҳ буданашон баъдтар мулки умумии якҷояи онҳоро ташкил мекунад.

### Аз таърихи ҳуқуқ

Дар ҷамъомади Ассамблеяи умумии Созмони Милали Муттаҳид, ки 20 сентябри соли 1993 баргузор шуд, дар бораи аз соли 1994 сар карда, ҳар сол 15-уми майро чун Рӯзи байналмилалии оила қайд кардан қарор қабул шуд. Мақсад аз қабули ин қарор эътибори ҳамаи инсонияти тараққипарвар ва сулҳпарастро ба мустаҳкам намудани ошёне, ки инсон умрашро мегузаронад, орзуву умедашро, бахту саодаташро меёбад, яъне ба мустаҳкам намудани оила сафарбар намудан аст.

## Фаъолияти эҷодӣ

М. бо ҳамсараш Т. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ва тақсим кардани молу мулки якҷояашон ба суд бо аризаи даъво муроҷиат карданд. Ҷавобгар дар аризаи худ дар қатори рӯйихати молу мулки қайдшуда мавҷуд будани маҷмӯи мебели нарм ва қолинро, ки дар тӯйи никоҳи онҳо аз тарафи падару модари Т. тӯҳфа шуд, нишон медиҳад.

Гарчанде шартномаи ҳадя тартиб дода нашудааст, чизҳои падару модари Т. дар рӯзи тӯй тӯҳфашударо аз ман гӯён, муқобилият нишон дод.

Шумо чӣ фикр доред, талаби кӣ қонунист?

Нисбат ба молу мулке, ки мулки якҷояи аъзоёни хоҷагии фермерӣ ё хоҷагии деҳқонист, ҳуқуқҳои соҳибӣ намудани шавҳар ва зан, истифодабарӣ ва тасарруфкунӣ бо қонунҳо "Дар бораи хоҷагии фермерӣ" ва "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ" ба тартиб дароварда мешавад.

Нисбат ба талабҳои оиди тақсим намудани мулки умумии зану шавҳари ақди никоҳашон вайроншуда муддати сесолаи даъво истифода мегардад.

Ҳангоми аниқкунии саҳми молу мулки шавҳар ва зан бино ба тақсими молу мулки умумии онҳо агар дар шартномаи никоҳи байни шавҳар ва зан дигар ҳолат дар назар дошта нашуда бошад, саҳми шавҳар ва зан баробар ҳисоб мешавад.

## Савол ва супоришҳо

1. Молу мулки умумии шавҳар ва зан чӣ гуна тақсим карда мешавад?
2. Муддати даъво нисбат ба талабҳои оид ба тақсим кардани молу мулки умумии шавҳар ва зан, ки аз ақди никоҳ баромадаанд, чӣ қадар аст?
3. Молу мулки умуми шавҳар ва занро оё дар даври дар никоҳ будани онҳо тақсим кардан мумкин аст? Фикратонро асоснок кунед.
4. Амонатҳое, ки ба номи фарзандони ба воянарасида аз ҳисоби молу мулки умумии шавҳар ва зан гузошта шудаанд, ҳангоми тақсим кардани молу мулки шавҳар ва зан оё ба инобат гирифта мешавад?

# § 6 Тартиби шартномавии молу мулки шавҳар ва зан

**Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед:**

- Шартномаи никоҳ.
- Шакл ва мазмуни шартномаи никоҳ.
- Асосҳои қатъи никоҳ.
- Тартиби ҷудошавӣ аз никоҳ







## Шартномаи никоҳ

Шартномаи никоҳ қарордодест, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мулкии шахсони никоҳшаванда ё шавҳар ва занро дар давоми никоҳашон ва (ё) ҳангоми аз никоҳ баромадани шавҳар ва занро муайян мекунад.

Шартномаи никоҳ режими шартномавии мулки шавҳар ва зан ба шумор меравад. Шартномаи никоҳ “контракт”—шартномаи оддӣ буда, нисбат ба ин қарордод аз тарафи шахсони онро тартибдода, ё дигар шахсони манфиатдор низ эътироз баён шуданаш мумкин.

Дар Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон тибқи асосҳои дар назарбуда оиди ба қонун мувофиқоии шартномаи никоҳ эътироз намудан, шартномаи никоҳро пурра ё қисман ҳақиқӣ нест гуфта, эътироф кардан мумкин. Шартҳои шартнома агар ба талабҳои моддаи 31-уми Кодекси оилаи Республикаи Ӯзбекистон, ки мазмуни шартномаи никоҳро дар бар мегирад, зид бошад суд аз рӯйи талаби шавҳар ё зан шартномаи никоҳашонро пурра ё қисман ҳақиқӣ нест, гуфта эътироф карданаш мумкин. Шавҳару зан ҳуқуқи ба муносибатҳои мулкии шартномавии қонун рухсат додашуда дохил шуданро доранд. Шартномае, ки ҳуқуқҳои яке аз шавҳару занро маҳдуд мекунад, ҳақиқӣ нест.

Никоҳро мувофиқи тартиби дахлдор қайд накарда шавҳару зан шуда зистан барои мулки умумии якҷояи шавҳару зан мулки умумӣ пиндоштан асос шуда наметавонад.

Дар шартномаи никоҳ муқаррар намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шавҳару зан дар бобати якҷоя таъмин кардани оила ва татбиқи амали он, бо даромадашон иштирок намудан, агар никоҳ бекор шавад, мулки ба ҳар яки онҳо баргарданда, инчунин ба дохил намудани дигар қоидаҳои муносибатҳои мулкии шавҳару зан ҳуқуқ доранд.

Шартномаи никоҳ ба намуди қарордоди фақат шахсан тартиб додашаванда дохил мешавад, шартнома ба воситаи намояндагон тартиб дода намешавад.

Дар шартномаи никоҳ ҳуқуқи то қайди никоҳи шавҳар ва зан ва баъди бекор шудани он кадом мулк ба кӣ мансуб буданаш маълумот мавҷуд аст.

Дар он ҳади мулки аз тарафи шавҳар ва зан ба даст овардашуда муайян карда, баъди бекор шудани никоҳ имконият медиҳад, ки муносибатҳои дӯстона нигоҳ дошта шавад.

## Шакл ва мазмуни шартномаи никоҳ

Мувофиқи шартномаи никоҳ шавҳар ва зан ҳақ доранд тартиби дар қонун муқарраршудаи мулки умумиро тағйир дода, инчунин ҳуқуқи тарти-

### Фаъолияти эҷодӣ

Азиз барои расмӣ намудани автомашинаи “Дамас”и фурӯхтааш ба идораи нотариус рафт. Нотариус ҳуҷҷатҳои мошинро ва шиносномаи Азизро аз назар гузаронида, барои фурӯхтани мошин зарур будани розигии ҳамсарашро фаҳмонд.

Азиз: “Ин мошин аз они ман, ба номи ман харида шудааст, аз ҳисоби маблағи худам харидаам. Ҳамсарам кор намекунад, хонанишин аст” гуфт. Аммо нотариус аз расмӣ намудани хариду фурӯш сар тофт.

**Нотариус чаро шартномаро расмӣ накард?**

би соҳибӣ намудани тамоми молу мулк аз тарафи шавҳар ва зан, ба баъзе намуди он ё аз рӯйи саҳми гузоштаашон ва алоҳида соҳибӣ карданро доранд.

Шартномаи никоҳро, одатан, нисбат ба мулкҳое тартиб медиҳанд, ки аз тарафи давлат ё аз рӯйихати махсус гузаронида мешаванд. Ба мулке, ки дар шартномаи никоҳ қайд нашудааст, тартиби умумии якҷоя нигоҳ дошта мешавад. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки дар шартномаи никоҳ дар назар дошта шудаанд, ба муддати муайян маҳдуд гардонида ё бо назардошти ба вуҷуд омадани шарту шароити муайян тартиб дода мешавад.

Шакли нотариалӣ боваринокии шартномаро тасдиқ мекунад, ба муносибатҳои байниҳамдигарии тарафҳо рӯшанӣ меандозад, факти тартиб дода шудани шартномаи никоҳ ва аз рӯйи мазмуни он имконияти ба вуҷуд омадани низоъҳоро истисно мекунад. Нотариус пеш аз тасдиқ кардани шартномаи никоҳ таркиби зарурӣ фактҳои юридикиро месанҷад.

Вай шахсият, лаёқати ҳуқуқӣ, лаёқати муомила, ҳуқуқҳои субъективии аз яке ба дигар гузарандаро бояд аниқ кунад. Шартномаи никоҳ ҳамчун далел дар ҳуҷҷатҳои кори идораи нотариус нигоҳ дошта

Шартномаи никоҳ ба таври хаттӣ тартиб дода мешавад ва онро нотариус тасдиқ мекунад.

## Аз таърихи ҳуқуқ

Шартномаи никоҳ чандин аср аст, ки дар амалиёти хориҷӣ ва миллӣ амал карда меояд. Ҳатто дар Рими қадим қарордод оид ба молу мулки зану шавҳари оянда тартиб дода мешуд. Дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ дар асрҳои XVI-XIX дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ созишномаи пеш аз ақди никоҳ машҳур будааст. Ташаккули институти контракти никоҳ ҳамчун воситаи ҳуқуқии ба тартиб даровarандаи тартиби шартномавии молу мулки шавҳару зан дар охири асри XVIII—солҳои аввали асри XIX дар Англия, Германия, Австрия ва дигар давлатҳо сар шудааст.

**Фаъолияти эҷодӣ**



Азиз ва Шоиста дар аснои зиндагии якҷоя шартномаи никоҳро расмӣ карданӣ шуданд. Онҳо ҳангоми бастани шартномаи никоҳ кредитори худро (кредиторҳоро) бояд хабардор кунанд ё не?

шавад, аҳамияти калон дорад ва агар нусхаҳои ба тарафҳо додашуда гум шавад, онҳо барои тасдиқ намудани ҳуқуқҳояшон ба архиви нотариал муроҷиат намуда, дубликати шартномаи никоҳро гирифтанашон мумкин.

Шартҳои шартномаи никоҳ, ки тартиби ҳуқуқии молу мулки шавҳар ва занро муайян мекунанд, мазмуни онро ташкил медиҳанд. Дар шартҳои шартномаи никоҳ низомҳо оид ба ҷиҳатҳои муҳими муносибатҳои мулкии шавҳар ва зан дар никоҳ ва ҳангоми бекор шудани он қайд мешаванд. Бино ба қоида шартномаи никоҳ нисбат ба молу мулки мавҷудаи шавҳар ва зан, нисбат ба молу мулки ояндаи онҳо ҳам тартиб дода шуданаш мумкин. Шавҳар ва зан ба шартномаи никоҳ ҳақ доранд қоидаҳои зеринро дохил кунанд:

- таъминоти моддӣ расонидан;
- тақсим намудани хароҷоти оила;
- иштирок дар даромади якдигар;
- бо дигар шахсон шартномаҳои мулкӣ бастан;
- муқаррар намудани ҳуқуқу ўҳдадориҳои ҳамдигар оид ба шуғли фаъолияти тадбиркории умумӣ;
- аниқ карда гирифтани молу мулке, ки ба ҳар кадоме баъди бекор шудани никоҳ мерасад;
- дигар қоидаҳои оид ба муносибатҳои молу мулкии шавҳар ва зан.

Шартномаи никоҳ бо хости шавҳар ва зан дар вақти дилхоҳашон тағйир ёфтанаш ё бекор шуданаш мумкин. Шартномаи никоҳ дар кадом шакл тартиб дода шуда бошад, тағйир додан ё бекор кардани он ҳам ҳамон тавр амалӣ карда мешавад. Аз иҷрои шартномаи никоҳ якҷониба сар тофтан мумкин нест.

Шартномаи никоҳро бо талаби яке аз тарафҳо— шавҳар ё зан мувофиқи тартиб ва асосҳои муқаррарнамудаи Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон бо қарори қатъии суд тағйир додан ё бекор кардан мумкин.

## Асосҳои қатъи никоҳ. Тартиби ҷудошавӣ аз никоҳ

Дар санадҳои қонунӣ оид ба қатъ ёфтани никоҳ, бекор намудан ва аз никоҳ баромадан нормаҳо мавҷуданд. Зимнан қатъёбии никоҳ маънои умумӣ ва васеъ касб менамояд. Зери мафҳуми “қатъи никоҳ”(ё ба охир расидани он) бино ба туфайли фактҳои юридикии маълум ба поён расидани муносибатҳои ҳуқуқии никоҳи байни шавҳар ва зан фаҳмида мешавад. Аз вақти қатъи никоҳ сар карда муддати эътибори шартномаи никоҳ ҳам қатъ меёбад. Агар дар шартномаи никоҳ ўҳдадориҳои баъди даври қатъ ёфтани никоҳ дар назар дошта шуда бошад, онҳо қувваи юридикиашонро гум намекунанд. Вафот факти юридикии бекор кардани муносибатҳои никоҳи байни шавҳар ва зан шуда метавонад. Агар аз зану шавҳар якеаш вафот кунад, ё дар ҳоле, ки аз тарафи суд факти вафот эълон шавад, муносибати ҳуқуқи никоҳи байни онҳо хатм меёбад.

Дар Кодекси оила барои ҷудошавии никоҳ асосҳои аниқ нишон дода нашудааст ва илоҷаш ҳам нест, зеро асоси шавҳар ё зан оварда дар баъзе ҳолатҳо кофӣ дониста шавад, дар дигар ҳолатҳо барои ҷудошавӣ асос шуда наметавонанд. Аз ин сабаб дар Кодекси оила амалиёти судии ҷудошавии никоҳ чунин муайян карда шудааст: “Агар суд минбаъд барои зиндагии якҷояи шавҳар ва зан ва нигоҳ доштани



Мувофиқи моддаи 43-юми Кодекси оила, агар аз шавҳар ва зан якеашон аз тарафи суд бедарак гумшуда дониста шавад; аз ҷониби суд бино ба хароб шудани рўҳияташ (бемории рўҳӣ ва заифии ақлӣ) шахси ғайриалаёқат ба муомила дониста шавад; барои содир кардани ҷиноят ба муддати на кам аз се сол аз озодӣ маҳрум шуда бошад, сарфи назар аз будани фарзандони ба воя нарасида, бино ба аризаи яке аз онҳо (шавҳар ё зан) дар мақомоти қайди далолатномаи ҳолати шаҳрвандӣ никоҳаш бекор карда мешавад.

оила имконият мавҷуд нест, гӯяд, онҳо аз никоҳ мебароянд”.



Аз никоҳ баромадан аз рӯзи супурдани аризаи аризадиҳандагон ба идораи қайди далолатномаи ҳолати шаҳрвандӣ се моҳ муддат гузарад, қайд карда мешавад

**Бо тартиби суд аз никоҳ баромадан.** Кодекси оила бо назардошти асоси ҷудошавӣ аз никоҳ тартиби зеринро муқаррар мекунад:

1) агар дар байни шавҳар ва зан низоъҳои мулкӣ мавҷуд бошад (масалан, тақсими молу мулк, ҳолатҳои бо таъминоти моддии шавҳар ва зан, инчунин, фарзандони ба воянарасида (масъалаи ситонидани алимент) ва монанди ин) аз тариқи суд ҷудо мешаванд;

2) низоъ набошад аз ҷумла, агар:

а) байни шавҳар ва зан фарзандони ба воянарасида набошанд ва онҳо байни худ барои ҷудо шудан розӣ бошанд;

б) тарафҳо (шавҳар ё зан) аз ҷониби суд бедарак гумшуда, бино ба бемории рӯҳӣ ё заифии ақлӣ ба муомила белаёқат дониста шуда бошанд;

## Фаъолияти эҷодӣ



З. ва А. барвақт оила барпо карданд. Ҳангоми ақди никоҳ ҳар ду 17-сола буданд. З. аз 16-солагӣ ба эмансипатсия соҳиб буда, бо тадбиркорӣ машғул шуда меомад. Аз ин сабаб З. ҳангоми ба никоҳ даромадан ба А. бастани шартномаи никоҳро пешниҳод кард.



Шавҳар ва зан барои бастани шартномаи никоҳ ва расмӣ кардани он ба идораи нотариал муроҷиат карданд, нотариус ҳоло онҳо ба воя нарасиданашонро, барои бастани шартномаи нотариал тасдиқкарда онҳо ҷавон буданашонро, баъд аз ду сол омаданашонро таъкид карда, тасдиқи нотариалии шартномаи никоҳро рад намуд.

**Рафтори нотариус оё дуруст аст?**

в) чуноне, ки дар моддаҳои 42-43-юми Кодекси оила муқаррар шудааст, барои содир намудани чиноят агар шавҳар ё занаш дар муддати на кам аз се сол аз озодӣ маҳрум шуда бошад ба тариқи маъмурӣ (ба воситаи органи ҚДҲШ) аз никоҳ чудо мекунанд.

**Аз никоҳ баромадан дар мақомоти қайди далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ (ҚДҲШ).** Дар баробари аз тариқи суд аз никоҳ баромадан тартиби маъмурии он ҳам мавчуд. Тартиби мазкур тартиби нисбатан оддии бекор намудани муносибатҳои зану шавҳарӣ ба ҳисоб меравад. Яъне никоҳ дар мақомоти қайди далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда мешавад, ба чараёни судӣ зарурат намемонад.

Мақомоти қайди далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯзи қабули ариза оид ба чудошавӣ се моҳ гузашта расмӣ менамояд ва ба аризадодагон гувоҳномаро оиди аз никоҳ баромадан медиҳад. Аз он вақт эътиборан никоҳ қатъ меёбад ва собиқ шавҳар ва зан ҳуқуқи аз никоҳи нав гузаштанро пайдо мекунанд. Ин муддати се моҳ бо мақсади ба муросо омадани шавҳару зан дода мешавад.







## Савол ва супоришҳо

1. Шартномаи никоҳро бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ муқоиса кунед ва фарқи шартҳоеро, ки ба шартномаи никоҳ дохил кардан лозим ва нолозим аст, таҳлил намоед.
2. Дар шартномаи никоҳ оё даври баъди қатъи никоҳ дар назар дошта шудааст?
3. Никоҳро мувофиқи тартиби мавчуда қайд накарда, шавҳару зан шудан мумкин аст?
4. Чаро шартномаи никоҳ ба намуди қарордодҳое мансуб аст, ки фақат шахсан тартиб додан мумкин ?

# Фасли II. ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

## § 7 Мақсад, вазифа ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ

**Фаъолияти эҷодӣ**

Аз Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ва қонунҳо ҳуқуқу манфиатҳои кафолатшудаи шаҳрвандон, механизми ҳимоя намудан ва амалан татбиқ кардани онҳоро муайян кунед. Дар асоси Кодекси ҷиноятии Республикаи Ӯзбекистон вайрон шуданиин чораён ба кадом оқибатҳои ҳуқуқӣ оварданаш мумкин, муайян намоед.

**Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- ➔ Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон— сарчашмаи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ
- ➔ Кодекси ҷиноятии Республикаи Ӯзбекистон. Вазифаҳо ва принсипҳои Кодекси ҷиноятӣ.

### Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон— сарчашмаи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ

Ба ҳам вобаста будани ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи конститутсиявӣ бешубҳа аст. Ба ҳам алоқадор будани ҳуқуқи ҷиноятӣ бо қонуну қоидаҳои конститутсиявӣ бисёртарафа буда, он дар Конститутсия мустаҳкам гардидааст ва вазифаҳои асосии функсионалии қонуни ҷиноятиро дар бар мегирад.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳокимияти халқӣ, афзалияти қонун, адолати иҷтимоӣ, инсонпарварӣ, демократизм, баробарии шаҳрвандон, арзишҳои умумибашарӣ ва бартарии нормаҳои ҳуқуқи байналхалқии умумэътирофшуда ва дигар принсипҳое, ки дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон мустаҳкам карда шудаанд, асос меёбад.

Дар Республикаи Ӯзбекистон асоси принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро қонунияти дар Конститутсия мустаҳкамшуда ва принсипи баробарҳқукии шаҳрвандон ташкил мекунад (Конститутсияи РӮз, моддаҳои 14,

15, 18-ум). Пас аз он принсипҳои ҷавобгарии маъмурӣ, таъин кардани ҷазо ва иҷрои он, аз ҷазо озод намудан барин қоидаҳоро дар худ ифода кардаанд.

Ҳамаи принсипҳои ба ин система дохилшуда байни ҳам қиммати баробар доранд. Зеро ҳар кадоми онҳо моҳияти мустақил дошта, барои татбиқи амалии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат чандин вазифаҳоро иҷро мекунанд.



Таъсири принсипҳои нормативӣ ба шахсони мансабдори идораҳои давлатӣ, ки ваколати истифодаи нишондодҳоро оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ доранд, аз онҳо талаб мекунад, ки дар фаъолияти худ қоидаҳои дар Кодекси ҷиноятӣ зикршударо аниқ ва саҳеҳ кор фармуда, бо тамоми чораҳо ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонро, ки дар Республикаи Ўзбекистон ва қонунҳо кафолат дода шудаанд, риоя карда, нисбат ба ўҳдадории вазифа бо масъулияти шахсӣ ва серталабӣ муносибат намоянд.

Шахс, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои он, ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҷамъият, мулки хусусӣ, муҳити атроф, сулҳу оромиш, амнияти инсоният аз таҷовузи



Вазифаҳои Кодекси ҷиноятӣ аз ҳифзи шахс, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои он, ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҷамъият, мулки хусусӣ, муҳити атроф, сулҳу оромиш, амнияти инсоният аз таҷовузи ҷиноят, инчунин аз гирифтани пеши роҳи ҷиноят, дар рўҳи риоя намудани Конститутсияи Республика ва қонунҳо тарбия кардани шаҳрвандон иборат аст.

Барои амалӣ намудани ин вазифаҳо кодекс асосҳо ва принсипҳои ҷавобгариро, кадом кирдорҳои хавфноки иҷтимоӣ ҷиноят буданашро муайян мекунад, ҷазо ва дигар чораҳои таъсири ҳуқуқиро нисбат ба шахсони кирдорҳои хавфноки иҷтимоӣ содир карда истифода шуданаш мумкинро муайян менамояд.

**Кодекси ҷиноятии Республикаи Ўзбекистон, моддаи 2-юм**



Ду ҷиҳати презумпсияи беайбӣ мавҷуд, аввало, барои аниқ намудани таркиби ҷинояти муайян ва айби шахси онро содиркардаро ёфтан мувофиқи қонун бояд амал кард, сониян, фақат бо ҳукми суд шахс айбдор дониста шуда, айбдор мувофиқи нишондоди Кодекси ҷиноятӣ ба ҷавобгарии ҷиноӣ, ё ба дигар чораҳои таъсири ҳуқуқӣ кашида шуданаш мумкин.

ҷиноят ҳамчун вазифаи асосии қонунгузории оид ба ҷиноят муқаррар гаштаанд.

Ба қатори вазифаҳои қонунгузории оид ба ҷиноят пешгирӣ намудани ҷиноят медароянд. Ин вазифаҳо аз татбиқ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ баромада, барои баргардонидани баъзе тоифаи шахсон аз содирнамоии ҷиноят, равона карда шудааст. Иҷрои вазифаҳои қонунҳои оид ба ҷиноят ба таври зерин таъмин мешавад: аниқ кардани асосҳо ва принсипҳои ҷавобгарӣ; аниқ доираи кирдорҳое, ки молики ҷиноятанд, чораҳои ҷазои ҷиноиро таъин кардан; муқаррар намудани чораҳои таъсири ҳуқуқӣ ғайр аз ҷазо ва ҳоказо. Дар бобати иҷрои ин вазифаҳо Кодекси ҷиноятӣ ба қонуният, баробар будани шаҳрвандон дар назди қонун, принсипҳои демократизм, инсонпарварӣ, адолат, ҷавобгарӣ барои айб, муқаррарии ҷавобгарӣ такя мекунад.

Ҳамаи принсипҳои ба ин низом дохилшуда аҳамияти баробар доранд. Ҳар кадоме аз онҳо моҳияти мустақил дошта, оид ба татбиқи амалии сиёсати давлат дар бобати ҳуқуқи ҷиноӣ якчанд вазифаро иҷро мекунад.

Ба принсипҳои ҳуқуқи оид ба ҷинояти Республикаи Ўзбекистон дохил мешаванд:

- ***қонунӣ будан,*** ҷиноят будани кирдори содиршударо, ба ҷазо сазовор будани ўро ва дигар оқибатҳои ҳуқуқиро фақат бо Кодекси ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Ҳеҷ касеро бидуни ҳукми суд ба содир намудани ҷиноят айбдор кардан ва хилофи қонун ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест:
- ***шаҳрвандон дар назди қонун баробаранд,*** шахсони ҷиноят содиркарда сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, эътиқод, мавқеи шахсию иҷтимоӣ ҳуқуқу ўҳдадориҳои якхела доранд;

- ***демократизм,*** ташкилотҳои ҷамъиятӣ, органҳои худидоракунии шаҳрвандон ё ҷамоаҳо шахсони ҷиноят содиркардаро дар ҳолатҳои қонун пешбинишуда ба кори ислоҳи ахлоқ ҷалб кардаашон мумкин;
- ***инсонпарварӣ:*** ҷазо ва дигар чораҳои таъсири ҳуқуқӣ ҷазои ҷисмонӣ додан ё паст задани қадру қиммати инсониро набояд дар назар дошта бошанд;
- ***адолат:*** одилона будани ҷазо ё дигар чораҳои таъсири ҳуқуқӣ нисбат ба шахси дар содир кардани ҷиноят айбдоршуда, яъне ҷазо бояд ба вазнинию сабукии ҷиноят, ба дараҷаи айб ва хавфи иҷтимоии шахс мувофиқ бошад;
- ***ҷавобгар шудани шахс*** фақат баъди мувофиқи қонун кирдори хавфноки иҷтимоӣ, яъне айбаш исбот шуда бошад;
- ***муқаррар будани ҷавобгарӣ,*** ҳар як шахсе, ки дар кирдораш таркиби ҷиноят бошад, ба ҷавобгарӣ кашида шуданаш шарт аст.

Ҳуқуқи оид ба ҷиноят аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бо ҷиҳатҳои зерин фарқ мекунад:

***аввалан,*** дар муносибатҳои ҷиноию ҳуқуқӣ, ки ба туфайли содир шудани ҷиноят ба вуҷуд меоянд, аз як тараф ҷамъият, давлат, аз тарафи дуюм шахси ҷиноят содиркарда субъект мешавад;

***дуюм,*** шахс барои вайрон кардани тартибот, ки нормаҳои ҷиноию ҳуқуқӣ муайян кардаанд, суд аз номи давлат ҷазои муқаррариро таъин мекунад.

Нормаҳои ҳуқуқи оид ба ҷиноят аз рӯйи мазмунашон аз ду қисм иборатанд. Яке аз он мақоми умумии ҳуқуқи оид ба ҷиноятро, қоида ва тартиби онро муайян менамояд. Дуюмаш, нишонаҳои ҷиноятҳои аниқро таъриф дода, нисбат ба шахсони ҷиноятҳои

**Фаъолияти эҷодӣ**

Дар кадом моддаи Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон “Ҳеҷ касро бе ҳукми суд ва дар ҳолати номувофиқ ба қонун ба содир кардани ҷиноят айбдор дониста, ба ҷазои ҷиноӣ кашидан мумкин нест” қайд шудааст? Ин модда бо презумпсияи беайбӣ чӣ гуна алоқа дорад?

мазкурро содиркарда ҷазоҳои истифодашавандаро аниқ мекунад Нормаҳои якум қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятро, нормаҳои дуюм қисми махсуси онро ташкил мекунад.

Дар ҳуқуқи ҷиноӣ кирдори ҷиноиро аниқ кардан роли муҳим мебозад. Кирдори ҷиноӣ ҳаракатест, ки ба муносибатҳои иҷтимоие, ки бо қонунҳои оид ба ҷиноят муҳофизат мешаванд, таҳдид бар зидди ҷамъият ва амалест, ки қоидаҳои ахлоқро писанд намекунад. Кирдори ҷиноӣ аз рӯйи хусусиятҳои объективии худ ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок, бино ба хусусиятҳои субъективӣ ҳамеша бо мақсад ва сабабҳои муайян амали айбноки содиршуда мебошад.

Ҳар кадом муносибати иҷтимоии бо қонуни ҷиноятӣ муҳофизатшаванда объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ҳар як кирдори бо шуур идорашаванда аз моҳияти дохилӣ ва зоҳирӣ иборат буда, моҳияти дохилии он тарафи субъектив, моҳияти зоҳириаш тарафи объектив номида мешавад. Тарафи объективии ҷиноят ба сифати тарафи зоҳирии кирдори хавфноки иҷтимоӣ чӣ гуна содир шудани ҷиноятро муайян мекунад.

### Аз таърихи ҳуқуқ

Қонунҳои оид ба ҷинояти Республикаи Ӯзбекистон кодификатсия карда шуда, қонуни асосии ҷиноии Республикаи Ӯзбекистон — Кодекси ҷиноятӣ 22-юми сентябри соли 1994 қабул шуда, 1-уми апрели соли 1995 эътибор пайдо кард.

## Савол ва супоришҳо

1. Презумпсияи беайбӣ чист? Фикратонро асоснок кунед.
2. Принсипҳои асосии ҳуқуқи оид ба ҷинояти Республикаи Ӯзбекистонро фаҳмонед.
3. Вазифаҳои асосии ҳуҷҷатҳои қонунии оид ба ҷиноят аз чиҳо иборатанд?
4. Нормаҳои ҳуқуқи ҷиноӣ аз рӯйи мазмуни худ ба чанд қисм ҷудо мешаванд ва вазифаҳои онҳо аз чиҳо иборат аст?

# § 8 Нишонаҳои ҷиноят

## Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед

- ➔ Нишонаҳои ҷиноят.Айб, шаклҳои айб, қасд.
- ➔ Ҳолатҳое, ки кирдорро истисно мекунанд.
- ➔ Содир кардани ҷиноят бар оқибати беэҳтиётӣ ва оқибатҳои он.







Ҷиноят аз дигар қонуншиканиҳо бо ҷиҳатҳои хос фарқ мекунад. Он хавфи иҷтимоии кирдор аст. Чунки дар натиҷаи ҷиноят ба ҷамъият ва шахс ҳам зарари моддӣ, ҳам зарари маънавӣ мерасад. Аз ин боис дараҷаи хавфнокии иҷтимоии ҷиноят дар оқибати ҷиноӣ инъикос мегардад.

Зидди қонун будани ҷиноят нишонаи ҳуқуқии юридикии он аст. Ғайр аз ин, айбдор донистани шахси ҷиноятро содиркарда яке аз нишонаҳои муҳими ҷиноят аст. Фақат дар он сурат нисбати вай ҷазои ҷи-

## Фаъолияти эҷодӣ

Ба донишҳоятон, ки аз фанни "Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ўзбекистон" дар синфи 8 андӯхта будед, такя намуда, барои ба саволҳои зерин ҷавоб гуфтан ҳаракат намоед.

1. Ҷиноят чист? Байни қонуншиканӣ ва ҷиноят чӣ гуна фарқҳо ҳастанд?
2. Аз воқеаҳои зерин кадоме ҷиноят буданаш мумкин?

   *A. Аз сабаби он, ки донишомӯзи синфи 9 ба дарс мунтазам намеомад, падару модари ӯро ба ҷавобгарӣ кашиданд.*

   *B. Донишомӯзи синфи 7-ум З. гарчанде медонист, ки дар ҳавлии ҳамсоя дуздӣ содир шудааст, аз ин хусус ба ҳеҷ кас хабар надод.*

   *C. Шаҳрванд К. ду сатили пур аз моддаҳои ифлоскунандаро гирифта баромада, ба канали назди хона партофт.*

Бино ба Кодекси ҷиноятӣ кирдори бо ин кодекс манъшуда, кирдори айбноки хавфноки иҷтимоӣ (ҳаракат ё беҳаракатӣ) бо таҳдиди истифодаи ҷазо ҷиноят дониста мешавад, гуфта таъриф дода шудааст.

фақат дар сурате, ки нишонаҳои ҷинояти дар қонун қайдшуда мавҷуд бошад,яъне агар таркиби он аниқ карда шавад, ҷиноят эътироф мешавад.

Таркиби ҷиноят дар қонунҳои оид ба ҷиноят маҷмӯи нишонаҳои объективию субъективии камтарин ва кифояи барои ҷиноят донистани кирдори муайяни хавфноки иҷтимоӣ мебошад. Таркиби ҷиноят аз ҷиҳати сохт аз чор унсур иборат аст: объект, тарафи объектив, субъект ва тарафи субъектив.

Объектив, яъне нишонаҳои зоҳирӣ объекти ҷиноят ва тарафи объективро таъриф мекунад.

Нишонаҳои субъектив (дохилӣ) субъекти ҷиноят ва тарафи субъективро аниқ мекунад.

Ҳар як нишона якҷоя бо дигарҳояш қисми зарурии ҷудонопазири яклухтро ташкил мекунад.

**Унсури якумини таркиби ҷиноят** объекти ҷиноят аст. Ин муносибатҳои бо қонуни ҷиноят ҳимояшаванда буда, таҷовузҳои ҷиноӣ маили онҳоянд. Зимни қасдан одам куштан ҳаёти дигар шахс объекти ҷиноят, ҳангоми дуздӣ мулки дигарон объекти ҷиноят мешаванд ва ҳоказо.

## Фаъолияти эҷодӣ

*1. Автомобили тамғаи “Дамас”-и мансуб ба ҷамъияти саҳҳомии “Вагон Депо”, ки дар назди бинои 4-уми кӯчаи Ҳамроҳи шаҳри Қаршии вилояти Қашқадарё истода буд, дар оқибати аз сими барқ ба вуҷуд омадани раъд сӯхт. Ҳангоми хомӯш кардани сӯхтор танаи ронандаи автомобил Ҷ.С. сӯхта, ба шифохона бурда шуд.*

*2. Ба хонаи сокини ноҳияи Хӯҷаободи вилояти Андиҷон А.Т., ки дараш кушода буд, шахсони номаълум даромада, 25.000.000 сӯмро дуздида рафтанд.*

Оё дар чунин вазъиятҳо нишонаҳои ҷиноят ҳастанд? Фикратонро дар асоси таърифи оид ба ҷиноят додашуда эзоҳ диҳед

**Унсури дуюми таркиби ҷиноят** тарафи объективии ҷиноят аст. Тарафи объективии ҷиноятро рафтори ақлию иродавии шахс, ки боиси тағйироти муайян ба муҳити атроф ва сабабгори он мешавад, ташкил медиҳад. Нишонаи зарурии ин элемент рафтор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба ҳисоб меравад. Ба туфайли кирдор ҷиноят содир мешавад.

**Унсури сеюми таркиби ҷиноят** субъекти ҷиноят, яъне шахси ҷиноят содирнамуда метавонад, ки барои кирдори худ ҷавоб диҳад, яъне мувофиқи қонунҳои оид ба ҷиноят ба синну соли муайян расида, ақлаш расо бошад.

**Унсури чоруми таркиби ҷиноят** тарафи субъективии ҷиноят аст. Тарафи субъективии ҷиноят муносибати рӯҳии шахс нисбат ба ҷинояти содиркардааш ба ҳисоб меравад. Ба нишонаҳои тарафи субъективӣ айб, мотив ва мақсад мансуб аст.

Барои таркиби ҷиноят донистан мавҷуд будани ҳамаи чор унсури дар боло зикршуда шарт аст. Дар таркиби ҷинояти умумӣ ҳамаи нишонаҳо ба асосӣ ва факултативӣ ҷудо мешаванд.

Ҷиноят кирдори сазовори ҷазо аст. Аз ин боис нишонаи муҳими кирдор ҳамчун ҷиноят ба ҷазо лоиқ будани он аст. Ҷиноят аз дигар қонуншиканиҳо бо нишонаҳои зерин фарқ мекунад: 1) бо объекташ; 2) бо дараҷаи хавфи иҷтимоӣ ва хусусияти он; 3) намуди ғайриҳуқуқиаш.

## Аз таърихи ҳуқуқ



Мафҳуми “ҳуқуқ” бори аввал дар санадҳои оид ба ҳуқуқи ҷинояти давлатҳои Европаи Ғарбӣ оварда шудааст. Ин мафҳум нахустин бор соли 1791 дар Кодекси ҷиноятии Франсия қайд шудааст.

Дар таърихи ҳуқуқи ҷиноят таърифро оид ба ҷиноят бори аввал соли 1919 қонуншиносони Россия додаанд: «Ҷиноят –вайрон намудани тартиби муносибатҳои иҷтимоие, ки бо ҳуқуқи ҷиноӣ муҳофизат карда мешавад».

Объекти умумии ҳамаи ҷиноятҳо маҷмӯи умумии муносибатҳои иҷтимоии бо қонуни ҷиноят муҳофизатшаванда мебошад. Объекти умумӣ барои ҳамаи ҷиноятҳо як аст, зеро ҳар гуна ҷиноят ба ин ё он муносибатҳои иҷтимоӣ зарар мерасонад.

Тарафи субъективии ҷиноят фақат бо шаклҳои айб, яъне қасд ва беэҳтиётӣ маҳдуд намешавад, вай ба худ мотив ва мақсадҳоро ҳам дар бар мегирад. Лекин дар тафовут аз нишонаҳои ҷудонопазири тарафи субъективӣ — қасд ва беэҳтиётӣ мотив ва мақсад ба нишонаҳои дараҷаи дуюм медароянд.

Агар шахси ҷиноят содиркарда хусусияти хавфноки иҷтимоӣ доштани кирдорашро дарк карда ва сарфи назар онро содир карда бошад, ин гуна ҷиноят ҷинояти қасдан содиршуда дониста мешавад.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳумҳои қасди рӯйирост ва каҷ ҳаст. Агар шахс хусусияти хавфноки иҷтимоӣ доштани кирдорашро, оқибатҳои онро дарк карда ва аз рӯй додани он сар натофта бошад, ин гуна ҷиноят қасдан рӯирост содиршуда ном мегирад.

Агар шахси ҷиноят содиркарда хусусияти хавфи иҷтимоӣ доштани кирдораш, оқибатҳои онро дарк карда, барои рӯй додани он бошуурона роҳ дода шуда бошад, ин гуна ҷиноят ҷинояти қасдан каҷ содиршуда дониста мешавад. Кирдори хавфноки иҷтимоӣ дар оқибати боварӣ ба худ ё беparвоӣ содир шудааст, ҷинояти дар оқибати беэҳтиётӣ содиршуда дониста мешавад.

## Фаъолияти эҷодӣ

**Дар вазъияти зерин объекти ҷиноятро аниқ кунед.**

Ба яке аз хонадонҳои ҳудуди маҳаллаи “Кӯктерак”-и ноҳияи Тошканди вилояти Тошканд шахси номаълуми ба рӯяш ниқобпӯшида зада даромад. Дар хона духтари соҳиби хона танҳо буд. Ӯро бо корд тарсонда, 300 доллари ШМА ва ду намуд чизи заргариро гирифта рафт. Дар натиҷаи тадбири тезкор шахси ин ҷиноятро содиркарда, соли таваллудаш 1994 А.Н. ба даст гирифта шуд. Нисбат ба ӯ дар асоси қисми 3-юми моддаи 164-уми Кодекси ҷиноии Республикаи Ӯзбекистон парвандаи (кори) ҷиноӣ кушода шуд.

*Хизмати матбуоти ВКД Республикаи Ӯзбекистон*

Дар кирдор аломатҳои дар Кодекси ҷиноӣ қайдшуда расман мавҷуд бошаду лекин он аз нигоҳи иҷтимоӣ хавфнок ва ғайриқонунӣ ё айбнок набошад, ҷиноят будани ҳолатҳои кирдор истиснокунанда дониста мешавад. Яъне, кирдори камаҳамият, мудофиаи зарурӣ; зарурати охирин; ҳангоми дастгир кардани шахси кирдори хавфноки иҷтимоӣ содиркарда ба вай зарар расонидан; иҷрои вазифа дар асоси амр ва дигар тарз; ҷинояти таваккаллонаи вобаста бо касб ё фаъолияти хоҷагӣ ҳолатҳои истисношаванда дониста мешаванд.

## Савол ва супоришҳо

1. Ҷиноят аз дигар қонуншиканиҳо бо кадом ҷиҳатҳояш фарқ мекунад?
2. Нишонаҳои ҷиноятро фаҳмонед.
3. Зери мафҳуми кирдори айбнок чиро мефаҳмед?
4. Қасди рӯирост ва каҷ чӣ маъно дорад?
5. Дар вазъиятҳои зерин оё нишонаҳои (аломатҳои) ҷиноят ҳаст? Кадоме аз онҳо бар оқибати беэҳтиётӣ сар задааст?

*1) Шахси номаълум автомобили “ВАЗ-21099”-ро, ки дараш кушода ва таҳти назорат набуд, ронда гурехт.*

*2) Духтаре аз кор бармегашт, шахси номаълум сумкаи ӯро аз дасташ рабуда рафт. Дар сумка хӯрокворӣ ва телефони мобилӣ буд.*

*3) Дар бораи рӯй додани сӯхтор дар сехи истеҳсоли полиэтилини мансуб ба корхонаи хусусӣ хабар расид. Ҳангоми хомӯш намудани сӯхтор ҷасади коргари ин корхона ёфта шуд. Барои бартараф намудани сӯхтор 19 то техника ҷалб шуд.*

Дар мазмуни тарафи субъективӣ мотив ва мақсадҳои ҷиноят нақши алоҳида дорад. Мотив ва вобаста ба он мақсад рафтори шахси айбдорро идора карда, дар тамоми ҷараёни иродавӣ таъсири худро мерасонад. Барои шахс чӣ гуна маъно ва аҳамият доштани кирдор айнан бо мотив вобаста аст.

# § 9 Низоми ҷавобгарии ҷиноӣ ва ҷазо

**Имрӯз дар дарс бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Ҷавобгарии ҷиноии шахсони ҷиноӣ
- Мафҳуми ҷазо ва намудҳои он

Ҷиноятро ҳар доим шахсони аниқи ҷисмонӣ содир мекунанд. Аз ин сабаб шахси ҷиноятро содиркарда "субъекти ҷиноят" дониста мешавад. Набудани субъекти ҷиноят мавҷуд набудани таркиби ҷиноят ва худи ҷиноятро мефаҳмонад.

Дар қонунгузории оид ба ҷиноят нисбат ба субъект истилоҳҳои "айбдор", "маҳкум", "шахси ҷиноят содиркарда", "шахсе, ки ба содир шудани ҷиноят айбдор" ва монанди инҳо истифода мешаванд.

Шахсони юридикӣ, яъне ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ субъекти ҷиноят шуда наметавонанд. Аз ин боис ҷиноят ҳамчун ҳаракати хавфноки иҷтимоӣ дар корхонаи давлатӣ, муассиса, ташкилот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё вобаста бо фаъолияти истеҳсолот содир гардад, шахсони мансабдори дар вазифаи масъулбуда ё дигар хизматчиён ба субъекти ҷиноят табдил меёбанд.

Субъекти ҷиноят бояд шахси ақлаш расо бошад, яъне вай хусусияти хавфи иҷтимоии ҳаракат ё беҳаракатиашро дарк карда, онҳоро назорат намуданаш шарт аст.

Ақли расо шарти зарурии айб ва ҷавобгарии ҷиноӣ аст. Фақат шахсе, ки хусусияти хавфи иҷтимоии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк намуда ва онҳоро назорат карда бо мақсади ислоҳи айбдор ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад

Зери мафҳуми оқибати ҷиноӣ дар натиҷаи кирдори хавфноки иҷтимоӣ расидани зарар (зиён) ба объектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқи ҷиноӣ муҳофизатшаванда фаҳмида мешавад.

Муносибат оид ба ҳуқуқи ҷиноӣ муносибати шахси кирдори хавфноки иҷтимоӣ содиркарда ва давлат, ки бо нормаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба тартиб даровarda мешавад.

Ба синну соли ҷавогарии ҷиноӣ расидани шахс мувофиқи қонун яке аз нишонаҳои зарурии субъекти ҷиноят аст.

Ба тартиб дароварда шудани ҳадди аниқи синну сол дар қонун зарурати дуруст муайян кардани синну соли шахси ҷинояткардаро (рӯз, моҳ, соли таваллуд) тақозо мекунад. Ин зарурат дар моддаи 314-уми Кодекси ҷиноию мурофиавӣ қайд шудааст.

Принсипи дар назди қонун баробар будани шаҳрвандон, ки дар Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам карда шудааст, такрори принсипи конститутсиявӣ набуда, ҷорӣ шудани он аст.

Бино ба Кодекси ҷиноӣ дар қасдан содир намудани ҷиноят якҷоя иштирок кардани ду ва аз он бештар шахс ҷинояти иштирокӣ дониста мешавад. Дар ҷиноят иштирокчӣ будан мафҳумҳои аз аввал забон як кардан, қасдан содир намуданро дар бар мегирад.

Дар қонунҳои оид ба ҷиноят чор намуди иштирокчиёни ҷиноят фарқ доранд: иҷрочӣ, ташкилотчӣ, далолатчӣ ва ёрдамчӣ. Дар асоси фарқгузории намудҳои мазкур ба мезони объектив риоя карда, дараҷа ва хусусияти иштироки ҳар кадоми онҳо дар ҷиноят муқаррар мегардад.

Иҷрочиёни ҷиноят гуфта: а) шахсони бевосита пурра ё қисман ҷиноятро содиркарда; б) шахсоне, ки бевосита худашон ҷиноят содир накардаанд, аммо барои ин мақсад мувофиқи қонунҳои оид ба ҷиноят шахсони ба ҷавобгарии ҷиноӣ ҷалб нашуданашон мумкинро, истифода бурда дониста мешаванд.

Аз шахсоне, ки бино ба синну сол ё норасоии ақл ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида намешаванд, ё шахсе, ки аз беэҳтиётӣ ё беайбона ҳаракат кардааст ва шахсе, ки онро барои қасдан содир кардани ҷиноят ҷалб намудааст, иштирокчии ҷиноят дониста мешавад.



**Ҷавобгарии шахсони ҷисмонӣ**

Шахсони ҷисмонии то содир шудани ҷиноят ба синни шонздаҳ даромада, ақлашон расо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Шахсони то содир шудани ҷиноят ба синни шонздаҳ даромада дар ҳолатҳои вазнини ҷавобгарӣ барои қасдан одам куштан (қисми дуюми моддаи 97) ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Кодекси ҷиноятии Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 17-ум.**

Раҳбарӣ намудани содир кардани ҷиноят маънои фаъолияти роҳнамун намудани иҷрочиён ва иҷрочиёни ҳамкор бевосита ба иҷрои кирдори ҷиноиро дорад.

Далолатчигӣ ҳидоят кардани дигар шахс ба содир намудани ҷиноят ё иштирок дар фаъолияти ҷиноӣ ба ҳисоб меравад. Ҳидоят кардан иборат аз рафтори фаъол ва ташаббускорона аст, ки далолатчӣ дигар шахсонро ба содир намудани ҷиноят ё ба ташаккул додани иштиёқи шуғл бо фаъолияти ҷиноӣ роҳнамун мекунад.

Шахсе, ки ба содир намудани ҷиноят кӯмак расондааст, ёрдамчӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷазо чораи маҷбуркунандаест, ки нисбат ба шахси дар содир кардани ҷиноят айбдор дониста шуда, аз номи давлат бо ҳукми суд истифода мешавад ва он чора мувофиқи қонун маҳкумро аз ҳуқуқу озодиҳои муайян маҳрум менамояд ё маҳдуд мекунад.

Ҷазо бо мақсади ахлоқан ислоҳ кардани маҳкум, мамоният кардан ба давом додани фаъолияти ҷиноӣ ва барои гирифтани пеши роҳи содир шудани ҷинояти нав аз тарафи маҳкум ва дигар шахсон истифода мегардад.

Корҳои маҷбурии ҷамоатӣ нисбат ба шахсони солашон ба нафақа расида, ононе, ки шонздаҳ солро пур накардаанд, ба заноне, ки фарзандони то сесола доранд, ба ногиронҳои гурӯҳи якум ва дуюм, хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва нисбат ба шахсони дар Республикаи Ўзбекистон доиман зиндагӣ намекунанд, истифода намешавад. Чораи маҳдудкунии озодӣ ба маҳкумҳои ба воя нарасида ҳамчун чораи асосии ҷазо аз шаш моҳ то ду сол таъин мешавад.

Ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ нисбат ба воя нарасидагон аз шаш моҳ то даҳ сол таъин мегардад.

Субъекти ҷиноят нисбат ба шахсе, ки дар қонуни оид ба ҷиноят, ҳаракати хавфноки иҷтимоиро қасдан ё бар оқибати беэҳтиётӣ содир кардааст, ақлаш расо, дар ҳолатҳои алоҳида, оне ки нишонаҳои махсуси дар нормаҳои мансуб ба қисми махсуси Кодекси ҷиноӣ қайдшударо дорад, гуфта мешавад.

Фардои рӯзи таваллуд аз соати 00:00 сар карда, шахс ба синни ҷавобгарии ҷиноӣ расида ба ҳисоб меравад

Ҳангоми таъин кардани ҷазо ба маҷмӯи ҷиноятҳо нисбат ба шахсоне, ки дар вақти аз сенздаҳсола то шонздаҳсола будан содир кардаанд, муддати ҷазои аз ҳама зиёди аз озодӣ маҳрум намудан агар яке аз ҷиноятҳои содиршуда вазнин бошад, то дувоздаҳ сол таъин мешавад.

Ба маҷмӯи ҷиноятҳо нисбат ба шахсоне, ки дар вақти аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола будан содир кардаанд, муддати ҷазои аз аз озодӣ маҳрум намудан то дувоздаҳ сол, агар яке аз ҷиноятҳои содиршуда хеле вазнин бошад, то понздаҳ сол таъин шуданаш мумкин.

Нисбат ба шахсоне, ки дар вақти аз сенздаҳсола то шонздаҳсола будан содир кардаанд, барои ҷинояти вазнин муддати ҷазои аз озодӣ маҳрум намудан аз шаш сол, барои ҷинояти хеле сахт то даҳ сол таъин мешавад.

Шахсоне, ки ҷиноятро дар вақти аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола будан содир кардаанд, барои ҷинояти вазнин ба муддати то ҳафт сол, барои ҷинояти хеле вазнин ба муддати то даҳ сол аз озодӣ маҳрум карда мешаванд.

Шахсе, ки ба содир намудани ҷиноят иштиёқ мебахшад, далолатчӣ дониста мешавад.

Ҷазо ва дигар чораҳои таъсири ҳуқуқӣ расонидани азоби ҷисмонӣ ё поймол кардани қадру қиммати инсонро дар назар надорад.

## Аз таърихи ҳуқуқ

Худи ҳамин сол дар асоси кафилии ҷамоати шаҳрвандони маҳалла 152 нафар,дар асоси кафилии Иттифоқи ҷавонон –18 нафар, дар асоси кафилии кумитаҳои занон — 3 нафар, ҷамъ нисбат ба 173 нафар шаҳрванд зимни таъин кардани ҷазо кафилии аҳли ҷамъият ба эътибор гирифта шуд. 38 нафари ин шаҳрвандонро ҷавонон, 18 нафарро ба воя нарасидагон, 11 нафарро занон ташкил мекунанд. Масалан, фақат дар ноҳияи Шайхонтоҳур зимни таъин кардани ҷазо ба 15 нафар кафолати ҷамоати шаҳрвандони маҳалла ба инобат гирифта шуд.

**Аз нутқи Президент Шавкат Мирзиёев дар маросими ботантанаи ба муносибати 25-солагии қабул шудани Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон**

Нисбат ба шахсоне, ки ҳоло ба воя нарасида, ҷинояти хавфи калони иҷтимоӣ надошта содир кардаанд, ё дар оқибати беэҳтиётӣ ҷиноят содир кардаанд, ё қасдан ҷинояти на чандон вазнин содир намуда бошанд, ҷазои ба тариқи аз озодӣ маҳрум намудан таъин намешавад.

Ҳангоми баровардани ҳукм нисбат ба шахсоне, ки ҳанӯз ҳаждаҳсола нашудаанд, ҷазои аз озодӣ маҳрум кардан бо гузаштан дар колонияҳои тарбиявӣ таъин мешавад.

Ҷарима аз айбдор ситонидани миқдори пули дар қонун муқарраршуда ба даромади давлат аст.

Корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ ба таври маҷбурӣ ҷалб кардани маҳкум ба иҷрои корҳои ҷамъиятиест, ки барои он ба ӯ музд намедиҳанд.

## Савол ва супоришҳо

Вазъиятҳои зеринро хонед ва иштирокчиёни ҷиноятро аниқ кунед.

1. *Н.Б. ба ШКД муроҷиат карда гуфт, ки шахси номаълум телефони мобилии ӯро аз дасташ кашида гирифта, гурехта рафт. Дар натиҷаи дидани чораҳо ин ҷиноятро содир кардани шахси исмаш М. аниқ гардид ва дастгир карда шуд.*
2. *Шахси номаълум ба тадбиркор У.Х. телефонӣ занг зада, аз ӯ миқдори зиёди пул ва 6 халта маҳсулоти орд гирифт. Вай ин миқдор ордро ба як корхона фурӯхта, адо намудани қарзашро ҳам гуфт. Аммо пулро ҳам ордро ҳам баргардонда надод. У.Х. ба мақомоти корҳои дохилӣ муроҷиат кард. Дар натиҷаи андешидани чораҳо аниқ гардид, ки ин ҷиноятро Қ. содир кардааст ва ӯ дастгир карда шуд.*

**Дар асоси маълумоти Садорати робита бо аҳли ҷамъият ва воситаҳои ахбори оммавии ВКД-и Республикаи Ӯзбекистон**

## Барои маълумоти иловагӣ

| № | Авф | Амнистия |
|---|---|---|
| 1. | Барои шахсони муайян, маълумотҳои шахсияти онҳоро тавсифкунанда (синну сол, аҳволи саломатиаш, аҳволи оилавиаш)-ро ба инобат гирифта, аз ҷазо озод кардан. | Амнистия на ба шахсони аниқ, балки ба тоифаи умумӣ эълон мешавад. Дар ин ҷараён чанд нафар ва кихо ба амнистия меафтанд, пешакӣ аниқ намешавад. |
| 2 | Авф фақат бо ҳукми суд ба маҳкумони ҷазояшон таъиншуда эълон мешавад | Амнистия дар марҳилаи дилхоҳи ҷараёни ҷиноят—тергави аввалин, пурсуҷӯ, тафтиши то тергав ва ҳатто дар даври то кушодани кори ҷиноӣ истифода шуданаш мумкин. |
| 3 | Мувофиқи моддаи 93-юми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон авф фақат аз тарафи Президент эълон мешавад. | Акти амнистия бо тақдимномаи Президент аз тарафи Сенати Олий Мажлис эълон мешавад. |
| 4 | Барои истифодаи авф одатан илтимосномаи шахсони ҷиноятро содир карда асос мешавад. Масъалаи истифодаи авфро комиссияи махсуси оид ба авфи назди Президенти Республикаи Ўзбекистон ҳал мекунад. | Барои амнистия ҳеҷ гуна илтимоснома талаб намешавад. Масъалаи истифодаи актҳои амнистияро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои иҷрои ҷазо ва судҳо дида мебароянд. Аз соли 2008 қарори хотимавиро оид ба истифодаи акти амнистияро фақат судҳо мебароранд |

## Аз таърихи ҳуқуқ

Инсонҳои аз ҳама хушбахт дар миқёси ИДМ дар Ўзбекистон зиндагӣ мекунанд. Дар ҷараёни таҳлили 135 мамлакат аз рўйи якчанд тоифа майдон, ҳолати бехатарӣ, устуворӣ ва тартиби қонуни бо воситаи пурсиш баҳо дода шуд. Ба мамлакатҳо бо низоми 100 балл баҳо гузошта шуд. Ҷойи аввалро бо 97 балл Сингапур ишғол кард. Ўзбекистон бо 95 балл ба ҷойи 2-юм баромад.Исландия бо 92 балл дар ҷойи 3-юм. Мамлакати аз ҳама хавфноки дунё Венесуэла дониста шуд.

| № | Авф | Амнистия |
|---|---|---|
| 5 | Татбиқи авф вақт ва тартиби зиёдро талаб намекунад. Он баробари қабул шудан иҷро мешавад. Барои он гузаштани дигар марҳилаҳо зарур нест | Баъди эълони акти амнистия ҳалли масъалаи нисбати киҳо истифода шудани он тӯл мекашад ва он ҷараёни бисёри ташкилиро дар бар мегирад. |
| 6 | Оқибатҳои ҳуқуқии авф камтар мешавад. Онҳо:<br>1) аз ҷазои асосӣ ва иловагӣ пурра ё қисман озод мешаванд;<br>2) пеш аз муддати ҷазо бо шартҳо озод мегарданд;<br>3) ҷазои умрбод аз озодӣ маҳрум кардан ё дигар ҷазои нагузашта бо ҷазои нисбатан сабук иваз карда мешавад.<br>4) суд шуданашро гирифта мепартоянд. | Оқибатҳои ҳуқуқии акти амнистия васеътар аст:<br>1) озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноӣ;<br>2) озод шудани маҳкум аз ҷазои асосӣ ва аз ҷазои иловагии нагузашта;<br>3) кам кардани ҷазои асосӣ ва иловагии иҷронашудаи ба маҳкум таъиншуда;<br>4) шартан пеш аз муддат аз ҷазо озод кардани маҳкум;<br>5) қисми нагузаштаи ҷазои ба маҳкум таъиншуда бо ҷазои сабуктар иваз кардан;<br>6) пеш аз муддат гирифта партофтани судии шахси ҷиноят содиркарда. |

Ҷадвали зеринро дар дафтаратон кашед ва пур кунед. Ба саволҳо оид ба фарқи асосии амнистия ва авф ҷавоб диҳед.



Марде, ки фазилати одамгарӣ дорад, ба моли каси дигар ҳеҷ гоҳ талош намекунад.

| Саволҳо | Авф | Амнистия |
|---|---|---|
| Кӣ қабул мекунад ? | | |
| Киҳоро дар бар мегирад? | | |
| Нисбат ба киҳо истифода мешавад? | | |
| Ташаббусгари ҳуҷҷати бахшидан кӣ мешавад? | | |
| Омилҳои шахсӣ (тавсиф) оё ба қарор таъсир мекунад? | | |

# § 10-11 Ҷиноятҳои зидди ҳуқуқу озодиҳои дар Конститутсия ва қонунҳо мустаҳкамшудаи шаҳрвандон



**Имрўз дар дарс бо мавзўъҳои зерин шинос мешавед**

- Ҷиноятҳои зидди озодӣ, шаън ва қадру қиммати шахс.
- Тартиби сир нигоҳ доштани мукотиба, гуфтугўи телефонӣ, хабарҳои телеграфӣ ё дигар хабарҳо.
- Оқибатҳои ҳуқуқии вайрон шудани санадҳои қонунии оид ба мурочиати шаҳрвандон.









Ҷиноятҳои зидди озодии инсон, шаън ва қадру қиммати он инҳоянд –

- савдои одам,
- занро маҷбуран ба шавҳар додан ё ба шавҳар баромадани он монеъгӣ кардан,
- одамро дуздидан,
- зўрӣ истифода бурда, ғайриқонунӣ аз озодӣ маҳрум кардан,
- тўҳмат,
- ҳақорат кардан.

Объекти ин ҷиноятҳо озодӣ, шаън ва қадру қиммати инсон ба ҳисоб меравaнд. Ҷиноятҳо бо усули қасди рўирост ба амал меоянд.

Савдои одам ҳоло ба яке аз муаммоҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Савдои одам дар хариду фурўши одам, бо мақсади истифодаи он вайро ба кироя гирифтан, кашондан, пинҳон кардан қабул кардан намоён мешавад. Ин ҷараён бо роҳи дуздидани одам,

Эксплуататсияи одамон — барои мақсади худ аз дигар шахсҳо истифода бурдан ё намудҳои дигар; маҷбуркунии ҷинсӣ, меҳнати маҷбурӣ, ғуломдорӣ ва монанди инҳо, аз озодӣ маҳрум намудан ё ягон аъзои бадани онро ҷудо карда гирифтан ба ҳисоб меравад.

ба он зўриро кор фармуда, тарсондан, маҷбур намудан ва бо дигар шаклҳо амалӣ мегардад.

Ҷиноят нисбат ба муносибатҳои иҷтимоии дахлнопазирии ҳаёт ва саломатии онро таъминкунандаи шахс содир мешавад.Ҷиноят ба мақсади ба даст овардани сарват ва дигар мақсадҳои бадғараз бо роҳи фиреб дар татбиқи савдои одам ифода мегардад.

Ба савдои одам хариду фурўши одам, яъне одамро бар ивази миқдори муайяни пул ё дигар эквиваленти мулкӣ ба ихтиёри одами дигар супурдан мансуб аст.

## Занро маҷбуран ба шавҳар додан ё ба шавҳар баромадани он монеъгӣ кардан

Маҷбур намудани зан барои ба шавҳар баромадан ё дар никоҳ зистанро давом додан, занро бе розигии ў бо мақсади хонадор шудан дуздидан, инчунин, монеъгӣ кардан барои ба шавҳар баромадан низ ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Мотиви содир кардани ҷинояти мазкур барои квалификатсияи (таснифи) ҷиноят беаҳамият аст.

Дар аксар ҳолатҳо ҷиноят аз тарафи падару модари зан, бародарон, хоҳарон, хешовандони наздик, домод содир мешавад.

Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бе ҳеҷ поймолкунӣ ҳуқуқи баробар ҳимоя шуданро доранд. Ба ин муносибат бо роҳи қонунӣ манъ кардани поймолкуниҳо ва қонун ба ҳамаи шахсон ҳимояи баробар ва самаранокро бар зидди поймолкуниҳо аз рўйи ягон аломат, масалан, нажод, ранги пўст, ҷинс, забон, дин, сиёсӣ ё эътиқоди дигараш, баромади миллӣ ё иҷтимоӣ, мавқеи мулкӣ, таваллуд ё дигар шароитҳо кафолат бояд диҳад.

**Моддаи 26-уми Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ**

| Чараёни эксплуататсияи чабрдидагон бино ба чинояти савдои одам |
|---|
| Истифода бурдан дар корхои истехсолот ва хочагии кишлок |
| Истифода бурдан дар корхои хонаву рўзгор |
| Мачбур кардан ба гадоӣ |
| Мачбур кардан ба модарии сунъӣ ва таваллуди фарзанд |
| Никохи мачбурӣ, харакатхои зидди озодии чинсӣ |
| Трансплантатсияи бофтахои инсон |

## Одамдуздӣ

Объекти чинояти мазкур озодии одам, яъне дар чойи дилхох будан, бо хохиши худ пўшидан, тановули хўрдании хоста ва дигар озодихо мебошад.

Ба ин чиноят ғайр аз он холатхое, ки дар кодекси 245-уми кодекс дар назар дошта шудааст, хамаи намудхои одамдуздӣ тааллук дорад.

Аз он даме, ки одам аз озодиаш махрум мегардад, он вакт чиноят ба охиррасида дониста мешавад.

## Зўрӣ истифода бурда, ғайриконунӣ аз озодӣ махрум кардан

Объекти чиноятe, ки тахлил мешавад, озодии шахсии чабрдида ба хисоб меравад. Тарафи объекти чиноят дар холати зўрӣ истифода бурда, ғайриконунӣ шахсро аз озодии харакат кардан, нисбат ба чабрдида зўрии чисмонӣ ё рўхӣ истифода бурда, хукуки интихоби озодӣ дар кучо буданро махдуд намудан барин рафторхо ифода мешавад.

Аз он даме, ки чабрдида аз озодиаш махрум мегардад, он вакт чиноят ба охиррасида дониста мешавад. Ин чиноят бо касди рўирост, бо нияти тамаъгарӣ содир шуданаш фарк мекунад.



Вакте мачбур кардани зан барои расидан ба шавхар ё дар никох зиндагӣ карданро мачбур намудан мегўянд, нисбат ба вай истифода шудани зўрии чисмонӣ ва рўхиро фахмидан лозим.



Вақте, ки дузди-дани одам ме-гӯянд, одамро пинҳонӣ, ошко-ро ё бо фиреб ё худ бовариашро суистеъмол карда аз озо-дии шахсиаш маҳрум кардан-ро бояд фаҳмид.



Бӯҳтонгар дар давоми як соат фитнаи барои як моҳ кифояро бармеангезад.

**Алишери Навоӣ**

## Тӯҳмат

Ҷиноятe, ки омӯхта мешавад, аз се қисм иборат аст. Объекти тӯҳмат шаън ва қадру қиммати шахс ба ҳисоб меравад. Шаън қадру қиммати ботинии ахлоқӣ, ҳалолиаш, оличанобиаш, виҷдонаш, умуман гӯем, шаън мафҳумест, ки фазилатҳои маънавию иҷтимоии инсонро муайян мекунад. Ҷиноят дар донистани дурӯғии тӯҳмат, дар паҳн кардани бофтаҳое, ки дигар шахсро беасос шарманда мекунад, ифода мешавад. Ишора накардан ба далелҳои аниқ, ошкор намудани маълумоти умумӣ тӯҳмат ҳисоб намешавад. Усули паҳн намудани гапи дурӯғ ҳар гуна аст, масалан, даҳонӣ, хаттӣ, лавҳаи тасвирдори маълумоти аз аввал дурӯғ буданаш аён содиршуда ба ҳисоб меравад.

## Ҳақорат намудан

Ҳақорат намудан аз таҳқири бадқасдонаи беодобонаи шаън ва қадру қиммати шахс аст. Ҳақорат даҳонӣ ва хаттӣ шуданаш мумкин. Аз он даме,

Ҳар кас ҳуқуқи ҳимояро аз таҷовузҳо ба шаъну обрӯи худ, дахолат ба ҳаёти шахсӣ ва дахолатнопазирии ҷойи зистро дорад.

Ҳеҷ кас ғайр аз ҳолатҳои дар қонун дар назар дошта ва ғайри тартиб ба хонаи касе даромаданаш, кофтуков гузаронидан ё онро аз назар гузаронидаанаш, сири мукотиба ва гуфтугӯи телефониро ошкор карданаш мумкин нест.

**Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 27-ум**

ки рафтори ба таҳқир кардани шахс ва ҳамин тариқ ба шаън ва қадру қиммати он дашном равона карда мешавад, он вакт ҷиноят содиршуда дониста хоҳад шуд.

Ҳақорат одатан бевосита содир мешавад, аммо барои он, ки ҷабрдида аз ин хусус хабар наёбад, ғоибона ҳам рӯй доданаш мумкин. Ҳақорат ба воситаи ранҷондан амалӣ шуданаш мумкин. Ранҷонидан ҳар гуна мешавад, аммо на ҳамаи он ҳақорат шуда метавонад. Ҳақорат ҳар доим ба шахси муайян равона карда мешавад.

## Ҷиноятҳои зидди ҳуқуқу озодиҳои конститутсиявии шаҳрвандон

Ба таркиби ҷиноятҳои зидди ҳуқуқу озодиҳои конститутсиявии шаҳрвандон ҷиноятҳое, ки ба вайрон намудани ҳуқуқҳои дар Конститутсияи мамлакатамон қайдшуда оварда мерасонанд, тааллуқдор мебошанд. Инҳо:

- вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон;
- вайрон кардани дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ;
- вайрон кардани дахолатнопазирии ҷойи зист;



Вақте қадру қиммати инсон мегӯянд, ҷамъи сифатҳои мусбии инсон, ҷиҳатҳои объективӣ — дараҷаи ҷаҳонбинӣ, ақлу заковат, тарзи зисти вай бояд дониста шавад.

### Фаъолияти эҷодӣ



1. Фарқи байни тӯҳмат ва ҳақорат аз чӣ иборат аст?
2. Вазъияти зерин тӯҳмат аст ё ҳақорат? Шарҳ диҳед?

*А. дар назди бисёрӣ рафиқаш Г.-ро:"Ту дирӯз аз телефони мобилии ман истифода бурда, баргашта надодӣ. Ту дузд ҳастӣ!" гӯён айбдор кард. Г. барои сафед кардани худ: "Ман телефони туро нагирифтаам, ба ман ҳам дирӯз айнан ҳамин гуна телефон тӯҳфа карда буданд", гуфта ҷавоб дод.*

*Аслан А. телефонашро дар кисаи либоси варзишиаш монда буд, аз сабаби заиф шудани батарея кор намекард.*

Шикастани баробарҳуқуқии шаҳрвандон аз имкон надодан ба амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ё монеъ шудан ба татбиқи амалии ҳуқуқҳои худ (масалан: аз ҷинс, нажод, миллат ва ҳоказо баромада, аз кор сабукдӯш кардан, барои дар ҷойи истиқомат аз рӯихат гузаштан, ба кор қабул кардан, ба таҳсил даромадан роҳ надодан) иборат аст.

- вайрон кардани тартиби сир нигоҳ доштани мукотиба, гуфтугӯи телефонӣ, хабарҳои телеграф ва дигар хабарҳо;
- вайрон намудани санадҳои қонунии оид ба муроҷиати шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ;
- вайронкунии озодии виҷдон;
- вайронкунии санадҳои қонунии оид ба ташкили интихобот ё референдум, онҳоро гузаронидан;
- монеъгӣ кардан ба ҳуқуқи интихобот ё амалӣ намудани ваколатҳои намояндаи боъэтимод;
- вайрон кардани ҳуқуқи меҳнат;
- вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ё ихтироъгарӣ.

## Вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон

Объекти ин гуна ҷиноятҳо ҳуқуқу озодиҳои шахсии шаҳрвандон аст.

Вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар шикастани ҳуқуқҳои шаҳрвандон сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, дин, баромади иҷтимоӣ, эътиқод, мавқеи шахсӣ ва иҷтимоиашон ё маҳдуд намудан ё худ дар додани бартарияти бевосита ба шаҳрвандон ифода мешавад.



## Вайрон кардани дахолатнопазири ҷойи зист

Ин намуди ҷиноят дар истифодаи зӯрӣ бар зидди озодии истиқоматкунандагон ва ба таври ғайриқонунӣ ба ҷойи зисти онҳо зада даромадан ифода мешавад.

## Вайрон кардани тартиби сир нигоҳ доштани мукотиба, гуфтугӯи телефонӣ, хабарҳои телеграф ва дигар хабарҳо

Ин намуди ҷиноят дар шинос шудани ғайриқонунии хабарҳои почта-телеграф ё мазмуни гуфтугӯи телефонӣ ё худ бе розигии соҳиби ахборот ошкор намудани маълумоте, ки аз тариқи хат, телеграмма, телефакс, почтаи электронӣ ва монанди инҳо фиристода шудаанд, ифода мешавад.

## Вайрон намудани санадҳои қонунии оид ба мурочиати шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ

Ин модда воситаи муҳими ҳимоя намудани ҳуқуқи шаҳрвандон, ки дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон қайд шудаанд, аз ҷумлаи ариза додан, озодона танқид кардани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ба ҳисоб меравад.

Ҷиноят ҳар гуна ҳаракатҳои ба вайрон кардани қонунҳои оиди ба мурочиатҳои шаҳрвандон равона карда шуда, он дар расонидани зарари ҷиддӣ ба ҳуқуқҳои бо қонун таҳти ҳимоя шавандаи шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат ифода мегардад.

## Вайрон кардани озодии виҷдон

Ин намуди ҷиноят дар вақти монеъгӣ кардан ба фаъолияти қонунии ташкилотҳои динӣ ё гузаронидани маросимҳои динӣ ифодаи худро меёбад. Озо-



Вақте ки ғайриқонунӣ зада даромадан мегӯянд, рафтори айбдорро, ки бе рухсати шахс ё соҳиби ҷойи зист худсарӣ карда, зада даромадан (масалан,ғайриқонунӣ кӯчонидан, бе рухсатнома кофтуков гузаронидан, ба майдони ҷойи зисти дигар кас кӯчида даромадан ва ҳоказо) фаҳмида мешавад.

дии виҷдон маънои фақат дар доираи қонун амал кардани фаъолияти диниро дорад.

Аз он даме, ки шахсони ба воя нарасида ба ташкилотҳои динӣ ҷалб карда мешаванд, ба иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои динӣ сафарбар намудан қайд гардад, ҷинояти содир шуд, гӯён эътироф кардан мумкин.

Вақте, ки хилофи қонун таълимоти диниро омӯзонидан мегӯянд, намудҳои гуногуни талқини донишҳои динӣ бар хилофи хоҳиши шахсони ба воя нарасида, падару модарон ё ҷойгузини онҳо фаҳмидан лозим.

## Вайронкунии санадҳои қонунии оид ба ташкили интихобот ё референдум ва гузаронидани онҳо

Ин ҳолат ҳаракат ё беҳаракатии зидди тартиби муқарраршудаи ҳуқуқи озод овоз додан, ташкил кардани интихобот ё референдумҳо ва гузаронидани онҳо ба шумор меравад.

Ҷиноят:

1) дар вайрон кардани пинҳонии овоздиҳӣ;
2) дар қалбакӣ намудани ҳуҷҷатҳои интихобот ё референдум;
3) дар дохил кардани хатти сохта дар варақаҳои интихобот ё дар имзо;

Барои ҳама озодии виҷдон кафолат дода мешавад. Ҳар як инсон ҳуқуи ба дини хостааш эътиқод карданро ё ба ягон дин эътиқод накарданро дорад. Ба маҷбуран бор кардани назарҳои динӣ роҳ дода намешавад

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 31-ум**

Шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон дар идора намудани корҳои ҷамъият ва давлат бевосита ё бо воситаи вакилони худ барои иштирок кардан ҳуқуқ доранд. Ин гуна иштирок бо роҳи ташкил намудани мақомоти худидоракунӣ, гузаронидани референдум ва бо тарзи демократӣ ташкил кардани органҳои давлатӣ, инчунин ба воситаи инкишоф ва такмил додани назорати ҷамъиятӣ бар фаъолияти мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

**Аз моддаи 32-юми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон**

4) ҳаракатҳое, ки барои нодуруст ташкил намудани интихобот ё референдум, ҳангоми гузаронидани онҳо қасдан нодурст ҳисоб кардан равона шудааст, ифода мегардад.

Ин гуна ҷиноят аз тарафи шахсони мансабдор, ки дар ташкилу гузаронидани интихобот ё референдум, намояндагони партияҳои сиёсӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон, гурӯҳҳои ташаббусгар, аъзоёни комиссияҳои интихоботӣ ё комиссияҳои референдум содир шуданаш мумкин.



## Монеъгӣ кардан ба ҳуқуқи интихобот ё амалӣ намудани ваколатҳои намояндаи боъэтимод

Ин намуди ҷиноят дар халалдор намудани аз тарафи инсон интихоб кардан ё интихоб шудан, ташвиқоти пеш аз интихоботӣ, вайрон кардани ҳуқуқҳои конститутсиявии ба монанди иштирок дар гузаронидани референдум ифода мегардад. Ҷиноят дар ҳолатҳои бо роҳи зӯриро кор фармуда, тарсондан, фиреб додан монеъ шудан ба озодона татбиқ намудани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ё монегӣ намудан



Дар он ҷое,
ки баробарӣ
ҳукмрон аст,
ба хиёнат, ҳиссиёти дурӯғ,
ғаму ғусса ҷой
намемонад.

### Фаъолияти эҷодӣ



Моддаҳои бобҳои VI-VII-уми қисми махсуси Кодекси ҷиноии Республикаи Ӯзбекистонро хонед.

1. Субъектҳо ва тарафҳои субъективии ин ҷиноятҳоро аниқ кунед.
2. Объектҳо ва тарафҳои объективии ҷиноятҳои мазкурро аниқ кунед.
3. Ба фикри шумо барои гирифтани пеши роҳи ҷиноятҳои дар ин боб нишон додашуда чӣ гуна чораҳо дидан зарур?
4. Барои он, ки шахс ҷиноят содир накунад, оё шуур ва маданияти ҳуқуқии вай бояд баланд бошад? Ҷавобатонро асоснок намоед.

барои татбиқи амалии ваколати вакилони боэътимоди номзад ба депутатӣ ё худ номзад ба Президентии Республикаи Ўзбекистон ифодаи худро меёбад.

## Вайрон кардани ҳуқуқи меҳнат



Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ҳуқуқи меҳнат кардани шаҳрвандон кафолат дода шудааст.

Дар моддаи 37-уми Қонуни Асосӣ қайд шудааст: “Ҳар як шахс ҳуқуқи меҳнат, озодона касб интихоб

### Фаъолияти эҷодӣ



1. Аз вазъиятҳои додашуда ҷиноятҳои зидди шаън ва қадру қимати инсонро ҷудо кунед.

2. Бар асоси моддаи 17-уми Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон субъекти ҷиноятҳои зеринро аниқ кунед.

3. Тарафҳои субъективии содир шудани ҷиноятҳоро аниқ кунед.

1) Дар давоми тадбирҳои тезкори пурсуҷўи ходимони СКД-и вилояти Бухоро маълум шуд, ки Ф.Начмиддоноваи муқаддам судшуда, соли таваллудаш 1969, ба истиқоматкунандаи ҷамоати шаҳрвандони деҳаи Гулшанободи ноҳияи Бухоро сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Истиқлоли шаҳри Когон Н.Г. сокини ҶШД-и Қалмагони ноҳияи Шофиркон, муқаддам судшуда Г.Й. дар давлати Таиланд аз танфурўшӣ, даромади калон ёфтанашонро фаҳмонда, ҳамин тавр рағбати онҳоро пайдо кунонида, хароҷоти ба давлати хориҷӣ рафтани онҳоро, яъне хўрду хўрок, иҷораи ҷойи зистро худаш ба гардан гирифтанро баён намуд.

2) Намояндагони боэътимоди Н., ҳангоми бурдани корҳои тарғиботию ташвиқотии пеш аз интихоботӣ ба мақомоти намояндагии ноҳия ба шаҳрвандони маҳаллаи Гулобод бар ивази овози ба Н. додаашон ба аҳолии маҳалла маҳсулоти озуқаворӣ доданашонро баён карданд. Х., ки баробари Н. номзадиашро ба мақомоти намояндагии ноҳия гузошта буд, аз ҳаракати Н. норозӣ шуда, ба суд муроҷиат кард.

3) Шахсони ба воя нарасида дар шабакаи интернет оид ба ҳамсинфонашон маълумоти бўҳтономез ҷойгир карда, зарари маънавӣ расонданд.

намудан, дар шароити одилона меҳнат кардан ва мувофиқи тартиби дар қонун зикршуда аз бекорӣ ҳимоя ёфтанро дорад”.

Объекти ин ҷиноят ҳуқуқи меҳнат кардани шаҳрвандон, ки Конститутсия кафолат додааст, мебошад. Субъекти ҷиноят шахсе, ки ҳуқуқи ба кор қабулкунӣ ё аз кор сабукдӯш карданро дорад, шуда метавонад.

## Вайрон шудани ҳуқуқҳои муаллифӣ ё ихтироъгарӣ

Ин намуди ҷиноят аз вайрон кардани ҳуқуқи конститутсиявии ҳимояи мулки интеллектуалии шаҳрванд, хусусан ҳуқуқи ихтироъгарии он иборат мебошад.

Ҷиноят дар ҳолати аз худ кардани ҳуқуқи муаллифӣ, ба ҳаммуаллифӣ маҷбур намудан, инчунин, маълумотҳои оид ба объекти мулки тафаккурро пеш аз рӯйихат гузаштан ё расман эълон кардан бе розигии муаллиф ошкор кардан ифода мешавад.

### Савол ва супоришҳо



1. Шартҳои ба ҷавобгарӣ кашидан барои шикастани дахолатнопазирии ҷойи зисти шаҳрвандон дар чиҳо ифода мегардад?
2. Паҳн кардани ахборот дар бораи зиндагии хусусии шаҳрвандон оё ба ҷавобгарии ҷиноӣ асос шуда метавонад? Фикратонро асоснок кунед.
3. Ҳаракатҳо барои монеъгӣ кардан ба амалӣ намудани ҳуқуқи интихобот ё ваколатҳои вакили боэътимод дар чиҳо ифода мегарданд?
4. Мактуби ягон касро бепурсиш хонда, мазмунашро ба дӯстонаш гуфтани шахси ба воя нарасидаи 16-сола ба ҷавобгарӣ асос шуда метавонад?



Барои ҳар кас ҳуқуқи озодии эҷодӣ, илмию техникавӣ, истифода аз комёбиҳои маданият кафолат дода мешавад. Давлат барои инкишофи маданӣ, илмию техникавии ҷамъият ғамхорӣ менамояд.

**Аз моддаи 42-юми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон.**



# § 12 Ҷиноятҳои зидди оила, ҷавонон ва ахлоқ



**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Сар тофтан аз таъмини моддии шахсони ба воя нарасида ё ба меҳнат нолоиқ.
- Сар тофтан аз таъмини моддии падару модар (волидайн).
- Ҷалб кардани шахси ба воя нарасида ба кирдорҳои ғайриичтимоӣ.

Падару модарон маҷбур ҳастанд, ки фарзандони худро то ба воя расидан парвариш ва тарбия намоянд.

**Аз моддаи 64-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон**

## Сар тофтан аз таъмини моддии шахсони ба воя нарасида ё ба меҳнат белаёқат

Объекти ин намуди ҷиноят манфиати шахсони ба воя нарасида ё ба меҳнат белаёқат, яъне саломатӣ, инкишофи мӯътадили ҷисмонӣ ва таъминоти моддии шахсони ҳуқуқи гирифтани маблағ бо қарори ҳалкунандаи суд ба ҳисоб мераванд.

Ҷиноят дар муддати беш аз се моҳ надодани маблағи моддие, ки мувофиқи қарори ҳалкунандаи суд барои парвариши шахсони ба ёрдами моддӣ мӯҳтоҷи ба воя нарасида ва шахсони ба меҳнат белаёқат ситонида мешавад, ифода мегардад.

Бино ба қарори ҳалкунандаи суд, ки эътибори қонунӣ пайдо мекунад, агар маблағи моддие, ки барои парвариши шахсони ба ёрдами моддӣ мӯҳтоҷи ба воя нарасида ва шахсони ба меҳнат белаёқат ҷамъ се моҳ дода нашавад, ҷиноят содиршуда ба ҳисоб меравад. Ин ҷиноят қасдан содиршуда аст.

Субъекти ҷинояти мазкур мувофиқи қарори ҳалкунандаи суд парвариши шахсони ба ёрдами моддӣ

**Моддаи 122. Сар тофтан аз таъмини моддии ба воя нарасидагон ё шахсони ба меҳнат белаёқат**

Сар тофтан аз таъмини моддии ба воя нарасидагон ё шахсони ба меҳнат белаёқат, яъне барои аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардани онҳо мувофиқи қарори ҳалкунандаи суд дар муддати беш аз се моҳ надодани маблағи зарурӣ бо ситонидани ҷаримаи то панҷоҳ баробари музди кории моҳонаи ҳадалақал ё то сесад соат кори маҷбурии ҷамъиятӣ ё то ду сол корҳои ислоҳи ахлоқӣ ё то як сол аз озодӣ маҳдуд ё то як сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад.

Агар ин кирдор аз тарафи ретсидивисти хавфнок содир шуда бошад, бо ҷалб ба корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ аз сесад соат то сесаду шаст соат ё аз ду то се сол ба корҳои ислоҳи ахлоқӣ ё аз як сол то се сол аз озодӣ маҳдуд ё то се сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад.

**Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон**

мўҳтоҷи ба воя нарасида ва шахсони ба меҳнат белаёқат ба зиммаи шахси 18 солро пур карда, ақлаш расо (падару модар, ба фарзандӣ хондагон) гузошта шудааст, буда метавонанд. Маҳрум шудан аз ҳуқуқи падарию модарӣ шахсро аз пардохтани алиментҳо озод намекунад.



Ба падару модар додани таъминот ба фарзандони ба воя нарасида ва ба ёрӣ мўҳтоҷ шарт аст.

**Қисми якуми моддаи 100-уми Кодекси оилаи Республикаи Ўзбекистон**

## Сар тофтан аз таъмини моддии падару модар (волидайн)

Ин намуди ҷиноят дар ҳолати мувофиқи қарори ҳалкунандаи суд ба муддати беш аз се моҳ надодани маблағи ситонидашаванда аз тарафи шахсони ба воя расида ба падару модар ё шахсони ҷойгузини онҳо, ки ба меҳнат белаёқат ва ба ёрии моддӣ мўҳтоҷанд, ифода мешавад.

Ҷиноят қасдан содиршуда ба ҳисоб меравад. Мотив ва мақсади дар назардоштаи содир шудани ҷиноят барои квалификатсияи он (таснифи он) аҳамият дорад.

Субъекти ҷиноят фарзандони ҳаққонии ба воя расида, ё писар ва духтарони ба фарзандӣ гирифташуда, писар ё духтарони ўгай, ки мувофиқи қарори қатъии суд бар дўшашон таъминоти моддии падару модарон ё шахсони ҷойгузини онҳо гузошта шудааст, буданашон мумкин аст.

Фарзандони ба воя расида, ба меҳнат лаёқатманд маҷбур ҳастанд, ки нисбат ба падару модарашон ғамхорӣ кунанд.

**Аз моддаи 66-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон**

**Моддаи 123. Сар тофтан аз таъмини моддии падару модар (волидайн)**

Сар тофтани шахсони ба воя расида аз таъмини моддии падару модар ё шахсони ҷойгузини онҳо, ки ба меҳнат белаёқат ва ба ёрии моддӣ мўҳтоҷанд, яъне барои таъминоти моддии онҳо бино ба қарори қатъии суд маблағи зарурии ситонидашавандаро беш аз се моҳ надодан бо ҷаримаи баробари то панҷоҳ маоши моҳонаи ҳадалақал ё то сесаду шаст соат корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ ё то се сол бо корҳои ислоҳи ахлоқӣ ҷазо дода мешаванд.

**Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон**

## Ҷалб кардани шахси ба воя нарасида ба кирдорҳои ғайриичтимоӣ

Объекти ин ҷиноят инкишофи мӯътадил, ахлоқии шахси ба воя нарасида, саломатӣ ва бехатарию тартиботи ҷамъиятии он ба ҳисоб меравад.

Вақте ки ҷалб кардани ба воя нарасидагон ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ё восита ва моддаҳои психотроп ҳисобнашуда, лекин ба ақлу идроки инсон таъсиркунанда ҳастанд, мегӯянд, омӯзонидани шахси ба воя нарасида ба истеъмоли чандин маротибаи нӯшокиҳои дар боло зикршуда, восита ва моддаҳо ё барои ба воя нарасидагон чандин бор гирифтан ва бо роҳи фиреб додан, меҳмон кардан, ҳаракатҳои ба розӣ кунонидани ба воя нарасидагон ба истеъмоли он маводҳо равонашударо фаҳмидан зарур.

Вақте ки ҷалб кардани шахси ба воя нарасида гуфта мешавад, нисбат ба шахси ба воя нарасида бо роҳи истифодаи зӯрии ҷисмонӣ, гузаронидани тазйиқи рӯҳӣ, тарсонидан, пул дода моил намудан, фиреб додан, қасд гирифтан, ҳасад ва ҳиссиёти рашкро ва дигар ниятҳои манфиро барангехтан, ба содир намудани ҷиноят пешниҳод гузоштан, чизҳои дузди-







Зери мафҳуми ба гадоӣ ҷалб намудани шахси ба воя нарасида барои аз шахсони бегона пул, хӯрокворӣ, либос ва монанди инҳоро пурсида гирифтанро фаҳмидан лозим

дашударо харида гирифтан ё фурӯхтанро ваъда додан, оид ба пинҳон кардани ҷой ва усулҳои содир кардани ҷиноятро ва осори ҷиноятҳо маслиҳат додан, як ё якчанд бор барои содир кардани ҷиноят иштироки онро рағбатнок намудан ва бо мақсади моил сохтани шахси ба воя нарасида ба ҷиноят ба вай нӯшокии спиртнок нӯшониданро фаҳмидан лозим.

**Моддаи 127. Ҷалб кардани шахси ба воя норасида ба кирдорҳои ғайриичтимоӣ**

Барои ҷалб намудани шахси ба воя норасида ба гадоӣ, истеъмоли нӯшокиҳои спиртнок, восита ва моддаҳои нашъаманд ё психотроп ҳисобнашуда, лекин ба ақлу идроки шахс таъсиркунанда, барои чунин ҳаракатҳо баъди истифодаи ҷазои маъмурӣ боз содир шуда бошад, ба миқдори баробари аз сад то дусад маоши моҳонаи ҳадалақал ҷарима ё то сесаду шаст соат ба корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ ё то ду сол ба корҳои ислоҳи ахлоқӣ ё аз як сол то се сол озодиро маҳдуд намудан ё то се сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад.

Барои ҷалб намудани шахси ба воя нарасида ба истеъмоли воситаҳои нашъаманд ё моддаҳои психотроп аз сесаду шаст соат то чорсаду ҳаштод соат ба корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ ё аз се сол то панҷ сол аз озодӣ маҳдуд намудан ё аз се сол то панҷ сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад.

Барои ҷалб намудани шахси ба воя нарасида ба ҷиноят, инчунин ба ҳаракатҳои дар қисми дуюми ин модда дар назар дошташуда:

а) аз тарафи шахсе, ки пештар аз ин ҳар гуна ҷинояти вобаста ба муомилаи ғайриқонунӣ баровардани воситаҳои нашъаманд ё моддаҳои психотроп содир шудааст;

б) нисбат ба ду ё аз он бештар шахси ба воя нарасида;

в) содир шудан дар муассисаҳои таҳсил ё дигар ҷойҳои таълиму тарбияи донишомӯзон, донишҷӯён, дигар ҷойҳои тадбирҳои варзишӣ ё ҷамъиятӣ ҷазои аз панҷ сол то даҳ сол аз озодӣ маҳрум намудан дода мешавад.

**Кодекси ҷиноии Республикаи Ӯзбекистон**

Ба панди модарат бинмо ту амал,
Бигардӣ бахтиёр шодон ҳар маҳал.
Падар модаратро шод бинмо тамом,
Ин ҳикмат расонад ба мақсад мудом.

**Юсуф Хос Ҳочиб**

Ин ҷиноят рӯирост қасдан содир мешавад, яъне айбдор худаш медонад, ки шахси ба воя нарасидаро ба кирдори ғайриичтимоӣ ҷалб карда истодааст ва ҳамин тавр шуданашро мехоҳад. Дар айни вақт бояд ба эътибор гирифт, ки айбдор ба воя нарасидани шахси ба ҳаракати ғайриичтимоӣ ҷалб кардаашро дидаву ниста содир менамояд ва ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шудан мумкин.

Субъекти ин ҷиноят ҳар кадом шахси ақлаш расои 18 солро пур карда шуданаш мумкин.

## Савол ва супоришҳо

1. Мафҳуми сар тофтан аз таъмин кардани моддии шахсони ба воя нарасида ё ба меҳнат белаёқат ва барои содир кардани он масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидан чӣ гуна мешавад?
2. Фарқи ҷинояти сар тофтан аз таъмини моддии шахсони ба воя нарасида ва ба меҳнат белаёқат аз ҷинояти сар тофтан аз таъмини моддии падару модар аз чӣ иборат аст?
3. Вақте ки ба рафтори ғайриичтимоӣ ҷалб кардани шахси ба воя нарасида мегӯянд, чиҳоро мефаҳмед?

Содир намудани ҷиноят дар ҳолати истифодаи бача бино ба банди "Ҷ"-и моддаи 56-уми КҶ ҳолати вазнинкунанда ба ҳисоб меравад ва ҳангоми таъин кардани ҷазо аз тарафи суд ба инобат гирифта мешавад.

# § 13 Ҷиноятҳои зидди сулҳ ва бехатарӣ







**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Ҷиноятҳои зидди сулҳ ва бехатарии инсоният. ҷиноятҳои зидди Республикаи Ўзбекистон.
- Оқибатҳои ҳуқуқи таҷовуз намудан ба сохти конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон

## Ҷиноятҳои зидди сулҳ ва бехатарии инсоният

Боби VIII-уми Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон “Ҷиноятҳои зидди сулҳ ва бехатарии инсоният”, боби IX “Ҷиноятҳои зидди Республикаи Ўзбекистон” номида шудааст. Ба ҷиноятҳои зидди сулҳ ва бехатарии инсоният тарғиби ҷанг, агрессия, вайрон кардани қонун ва одатҳои ҷанг, генотсид, ба хизмати ҳарбии давлатҳои хориҷӣ, органҳои амният, политсия, адлияи ҳарбӣ ва дигар органҳои ба инҳо монанд гузаштан, кироя шудан, оид ба терроризм, маълумотҳо ва далелҳои доир ба ҳаракатҳои террористӣ ё содиршударо хабар надодан, бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти террористӣ аз омӯзиш гузаштан, баромада, ҳаракат намудан, молиявӣ таъмин кардани терроризм, барангехтани адовати миллӣ, нажодӣ, этникӣ ё динӣ дохил мешаванд.

Объекти ин ҷиноятҳо ҳуқуқи дар сулҳу осоиш ва аҳлона зистани инсоният, ки шарти амалӣ намудани тараққиёт ва ҳаётии ҳар кадом давлат аст, ба шумор меравад.

Инсони ғофил чашм пўшида ба хоби ғафлат меравад. Эй марди боирода, ғофил машав, ҳушёр бош.

**Юсуф Хос Ҳоҷиб**

## Ҷиноятҳои зидди Республикаи Ўзбекистон

Ба ҷиноятҳои зидди Республикаи Ўзбекистон хиёнат ба давлат, таҷовуз ба Президенти Республикаи Ўзбекистон, таҷовуз ба сохти конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон, ҷосусӣ, харобкорӣ, ошкор кардани сирҳои давлатӣ, гум кардани ҳуҷҷатҳои дорои сири давлатӣ ё сири ҳарбӣ барин ҷиноятҳо дохил мешаванд.

Таҷовуз ба Президенти Республикаи Ўзбекистон бесабаб ба боби “Ҷиноятҳои зидди Республикаи Ўзбекистон” дохил карда нашудааст, зеро Президенти Республикаи Ўзбекистон кафили риоя ба ҳуқуқу озодиҳо, Конститутсия ва қонунҳо аст.

Аз ҳангоми дар назди аксарият таҳқир кардани Президент ё ба он тўҳмат намудан ҳаракатҳои хусусияти ҳақорат ва тўҳматдошта ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Ин ҷиноят қасдан содир мешавад. Мотив ва мақсади ҷиноят барои квалификатсияи он аҳамият надорад.

## Таҷовуз ба сохти конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон

Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон мавриди истифода будани ибораи “сохти конститутсиявӣ” дар фанни муосири ҳуқуқи конститутсиявӣ эътироф шудааст ва ин истилоҳ дар аксарият давлатҳо васеъ истифода мешавад.

Барои тавсифи сохти конститутсиявӣ аҳволи иқтисодии мамлакат, тарзи зист ва аҳволи иҷтимоии аъзоёни ҷамъият, мазмуни анъанаҳо ва арзишҳои

### Фаъолияти эҷодӣ

Ҳаёт ва фаъолияти дар расмҳои зерин инъикосёфта оё объекти ҷиноятҳои зидди сулҳ ва бехатарии инсоният шуда метавонанд.







мавҷудаи миллӣ, моҳияти ҳокимияти давлатӣ, шаклу усулҳои идоракунӣ, муносибат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, дараҷаи инкишофи институтҳои шаҳрвандӣ, шуур ва тафаккури сиёсию ҳуқуқии халқ ва камолоти инсон барин омилҳо хизмат мекунанд.

Сохти конститутсиявӣ моҳиятан ба табиати нормаҳои Конститутсия муносиб буда, дар амал будани онҳо барқарории сохти конститутсиявиро таъмин мекунанд.

Дар асоси нормаҳои конститутсиявӣ сохти конститутсиявӣ ҳимоя мешавад, яъне муносибатҳои иҷтимоии ба воситаи қонунҳо мустаҳкамшуда дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар вобастагӣ давом мекунад.

Устувории конститутсия ва қонунҳо, ки кафолати ҳуқуқии сохти конститутсиявӣ ҳастанд, мустаҳкам шудани онҳо ҳамчун арзиши олитарини

Боз як бартарии кори хуб ин аст, ки ба қалб рӯҳафзо буда, ба корҳои бештари нек моил менамояд.

**Жан Жак Руссо**

**Моддаи 159. Таҷовуз ба сохти конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон**

Барои даъвати ошкоро бар хилофи Конститутсия дигар намудани сохти давлатии дар амалбудаи Республикаи Ўзбекистон, зер карда гирифтани ҳокимият ё аз ҳокимият барканор кардани намояндагони ҳокимияти ба таври қонунӣ интихобшуда ё таъиншуда ё худ бар хилофи Конститутсия вайронкунии томияти ҳудудии Республикаи Ўзбекистон, инчунин, бо ҳамин мақсад тайёр намудан, нигоҳ доштан ё паҳн кардани материалҳои дорои чунин мазмун —

баробари шаш сад маоши моҳонаи ҳадалақал бо ҷарима ё аз ду сол то панҷ сол аз озодӣ маҳдуд ё то панҷ сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад..

**Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон**

ҳуқуқу озодиҳои инсон, қоидаҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳоло ҳамчун асоси конститутсионализм баҳо ёфтаанд.

Сохти конститутсиявӣ аз ҳар гуна ҳаракати ҷиноии бар зидди сохти конститутсионӣ дар асоси нормаҳои конститутсиявӣ ҳимоя карда мешавад.

Ин ҷиноят қасдан содир мешавад. Мақсад аз содир намудани ин ҷиноят тағйир додани сохти мавҷудаи конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон аст. Мотиви ҷиноят гуногун буданаш мумкин, яъне бо нафрат муносибат кардан ба сохти конститутсиявӣ, ба арбобони давлат, ки қонунан интихоб шудаанд ва ҳоказо. Ин ҳаракатҳо агар бо супориши давлати хориҷӣ содир шуда бошад, айбдор барои ба давлат хиёнат карданаш низ ҷавобгар мешавад.

Инсонҳои нек аз сабаби он, ки бо масъулият кор мекунанд, ба қонунҳо ниёз надоранд. Бадкорҳо барои чап додан ба қонунҳо роҳ меҷўянд.

**Афлотун**

**Моддаи 159. Таҷовуз ба сохти конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон**

...Мамониат кардан ба фаъолияти қонунии органҳои конститутсиявии ҳокимият ё ҳаракатҳои зўроварона барои иваз намудани сохтори параллели ҳокимият, ки онҳо дар Конститутсия дар назар дошта нашудаанд, инчунин дар муддати муқарраршуда иҷро накардани қарорҳои органҳои ваколатноки ҳокимияти давлатиро оид ба пароканда кардани сохтори ҳокимият, ки дар асоси тартиби дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ташкил шудаанд,

— баробари аз дусад то шашсад маоши ҳадалақал ба ҷарима ё аз се сол то панҷ сол аз озодӣ маҳдуд ё аз се сол то панҷ сол аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешавад...

**Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон**

Фитна аҳду паймони оиди муттаҳид намудани қувваҳо аз тарафи ду ё шахсони бештар барои содир намудани кирдори ҷиноӣ дар роҳи ба даст гирифтани ҳокимият ва сарнагун кардани сохти конститутсиявӣ аст.

Аз лаҳзаи ташкил додани гурӯҳи ҷиноӣ барои ҳокимиятро ғасб кардан ё сарнагун сохтани сохти конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон сарфи назар аз он, ки он гурӯҳ барои расидан ба мақсади ҷиноӣ ҳаракат содир намудааст ё не, ҷиноят дар асоси суиқасд анҷомёфта ҳисобида мешавад. Дар моддаи додашуда барои бартараф намудани оқибатҳои ба давлат хатарнок, яъне бо мақсади гирифтани пеши роҳи ғасби ҳокимият ё сарнагун кардани сохти конститутсиявӣ ба таври ихтиёрӣ ба мақомоти ҳокимият аз хусуси ин гуна суиқасд хабар дода шавад, рағбатнок гардонида мешавад.

Ҷосусӣ, харобкорӣ, ошкор кардани сирҳои давлатӣ, гум шудани ҳуҷҷатҳое, ки сири давлатӣ ё ҳарбӣ доранд, низ аз қабили ҷиноятҳои зидди сохти конститутсиявии мамлакат ба ҳисоб меравaнд.

**Моддаи 159. Таҷовуз ба сохти конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон**

...Кирдоре, ки дар қисми якум ё дуюми ин модда пешбинӣ шудааст:

а) такроран ё аз тарафи ретсидивист;

б) аз тарафи гурӯҳи муташаккил ё бар манфиати он содир шуда бошад, —

аз панҷ то даҳ сол аз озодӣ маҳрум намудан, ҷазо дода мешавад.

Суиқасд ташкил кардан ба мақсади ғасби ҳокимият ё сарнагун кардани сохти конститутсионии Республикаи Ўзбекистон, —

аз даҳ то бист сол аз озодӣ маҳрум кардан, ҷазо дода мешавад.

Он шахсе, ки ба мақомоти ҳокимият дар бораи суиқасд хабар додаасту дар натиҷаи он ба туфайли чораҳои андешидашуда пеши роҳи суиқасд гирифта шавад, аз ҷазо озод карда мешавад...

**Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон**

## «Ин гуна халқро мағлуб наметавон кард»

Франс Кафка:

— Чӣ гуна китоб мехонӣ?

— “Тошкент—шаҳри нон”...

— Китоби аҷиб аст. Ба қарибӣ ман онро дар як шом хонда баромадам.

— Ба назарам, ин китоб аз асари санъат дида бештар ба ҳуҷҷат монанд аст?

— Ҳар як санъати соф—ҳуҷҷат, гувоҳнома. Фарзандони ин гуна халқро, чуноне ки дар китоб аст, мағлуб наметавон кард.

— Аммо шумора чизи асосӣ нест.

— Баръакс! Намуди материя бо шумораи электронҳои атом муайян мешавад. Савияи омма ба шуурнокии одамони камшумор вобаста аст

*Парча аз китоби мусиқор ва адабиётшиноси чех Густав Яноукс “Сӯҳбатҳо бо Кафка”.*

## Савол ва супоришҳо

1. Ҷумлаи дар матн овардашудаи “Фарзандони ин гуна халқро, чуноне ки дар китоб аст, мағлуб наметавон кард”-ро эзоҳ диҳед. Фикратонро бо мафҳумҳои таҳаммул, инсонпарварӣ, хушфеълӣ, меҳрофарӣ шарҳ диҳед.
2. Хиёнат ба давлат дар чиҳо ифода мешавад?
3. Вақте ки “Таҷовуз ба сохти конститутсиявӣ” мегӯянд, чиро мефаҳмед?
4. Барои ҳимояи сулҳ шумо чӣ гуна ҳисса гузоштаед?
5. Вақте ки ҷиноятҳои зидди Республикаи Ӯзбекистон мегӯянд, чиро мефаҳмед? Барои ҷиноят чӣ гуна ҷазо муқаррар шудааст?
6. Ҷиноятҳои зидди сулҳ ва инсоният чӣ гуна содир мешавад?

# § 14 Ҷиноятҳои соҳаи иқтисодиёт

## Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед

- Тороҷ кардани мулки бегонагон. Тадбиркории сохта.
- Сар тофтан аз супудани андоз ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ.
- Вайрон кардани қоидаҳои истифодаи таъминоти барқ, энергияи гармӣ, газ ва об.

Соҳиби мулк ё молу мулк будан, аз он истифода бурдан ва тасарруф кардани он муносибатҳои ҳуқуқии байни соҳиби мулк ва дигар аъзоёни ҷамъият (шахсони мулк надошта) мебошанд.

Дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон бо назардошти ташкил намудани мулки шаклҳои гуногун, ки маҳаки иқтисодиёти Ӯзбекистонро ташкил намуда, ба инкишофи муносибатҳои бозор равона шудааст ва ба ҳисоб гирифтани ҳуқуқи истеъмолгарони давлат озодии тадбиркорӣ ва меҳнат намудан, баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои мулк ва кафолатнокии муҳофизати баробари ҳуқуқӣ қайд шудааст. Дар айни замон мулки хусусӣ мисли дигар шаклҳои мулк дахолатнопазир ва зери ҳимояи давлат буданаш муқаррар гардидааст. Яъне таҷовуз ба мулки бегона

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Асоси иқтисодиёти мамлакатро мулки гуногуншакл ташкил медиҳад. Мулк дахолатнопазир аст ва аз тарафи давлат муҳофизат карда мешавад, ҳар гуна таҷовуз бар он хилофи қонун аст. Ин қоида дар кадом моддаи Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон қайд шудааст, аниқ кунед.
2. Бобҳои X, XI, XII, XIII, $\text{XIII}^{1}$-ро бодиққат хонед. Дар бобҳо ҷиноятҳои оид ба соҳаи иқтисодиёт додашударо гурӯҳбандӣ кунед.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. .”Мулк дахолатнопазир аст ва аз тарафи давлат муҳофизат карда мешавад, ҳар гуна таҷовуз бар он хилофи қонун аст”. Ин ҷумларо шарҳ диҳед.
2. Расмҳои додашударо таҳти назар гиред, шаклҳои мулкро ҷудо кунед. Аз онҳо кадомашон ба шахсон тааллуқ доранд? Кадомашон ба давлат мансуб?
3. Ба қоидаи моддаи 7-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон асос намуда, аз ин мулкҳо кадомашро мулки халқ гуфтан мумкин. Фикратонро асоснок кунед.







дар доираи қонун барои кашидан ба ҷавогарӣ асос шуда метавонад.

Ба ҷиноятҳои соҳаи иқтисодиёт тороҷ кардани мулки бегона, ҷиноятҳои новобаста ба тороҷгарии мулки дигар кас, ҷиноятҳои зидди асосҳои иқтисодиёт, ҷиноятҳои соҳаи фаъолияти хоҷагӣ, монеъ шудан ба фаъолияти тадбиркорӣ, ҷиноятҳои вобаста бо дахолатҳои ғайриқонунӣ ва дигар ҷиноятҳои вобаста бо таҷовуз ба ҳуқуқҳои субъектҳои хоҷагӣ ва манфиатҳои қонунӣ дохил мешаванд.

**Тороҷ кардани мулки бегона.** ***Тороҷ намудан***– аз худ кардани мулки дигар кас барои худ ё ба фоидаи шахси дигар, ба мулкдор ё дигар соҳиби ин мулк зарар расонида, зидди қонун ва пул надода рабудан аст.

Тороҷ кардан аз тарафи объективӣ дар гирифтани мулки дигар бар хилофи қонун, муфт ё ба фоидаи дигар ифода мегардад.

Дар санадҳои қонунии оид ба ҷинояти Республикаи Ўзбекистон ҳангоми муайян кардани ҷавобгарӣ

ба ҷиноятҳои тороҷгарӣ бо кадом усул содир шудани он ба назар гирифта мешавад. Масалан, ҳамла овардан, тамаъгирӣ, тороҷгарӣ, аз худ кардан ё бо роҳи растрата тороҷ намудан, фиребгарӣ, дуздӣ. Нишонаи зарурии ҳар як тороҷгарӣ хилофи ҳуқуқ будани он аст.

Вақти ба охир расидани тороҷ намудани мулки бегона ба шакли тороҷ кардан вобаста аст.

Тороҷ намудан аз тарафи субъективӣ қасдан рӯирост содир мешавад. Мотиваш бадғаразӣ аст.

Субъекти тороҷгарӣ шахси ба муомила лаёқатманд ё ҳар шахсе, ки синну соли дар қонун зикршударо пур кардааст, ба ҳисоб меравад.

Хеле хавфнок будан ҳамлаоварӣ аввало, бо ин ҳолат вобаста аст, ки зимни содир шудани ҷиноят ба ҳаёт ё саломатии ҷабрбинандагон зиён мерасад ё барои расидани чунин зиён хавфи ҳаққонӣ ба вуҷуд меояд ва молу мулки бегона аз худ мешавад.

Аз нигоҳи объективӣ ҳамла овардан барои тороҷ кардани мулки шахси бегона агар соҳиби ин мулк муқобилият нишон диҳад, дар истифодаи зӯрии ҷисмонӣ ба ҳаёт ва саломатии шахс хавф оварданаш ё дар истифодаи ҳамин гуна зӯрӣ ва тарсонда ҳуҷум овардан ифода мешавад.

Тамаъгарӣ яке аз ҷиноятҳои бадғаразонаи зидди мулк аст. Хусусияти хавфи иҷтимоии тамаъгарӣ аз таҷовузи на фақат ба мулкдорӣ, балки ба муносибатҳои мулкии ба сифати шакли мустақили манфиатҳои мулкӣ (ӯҳдадориро боркунанда, ба мерос гузаронидан, ҷойи зист) ҳам таҷовуз буданаш мумкин.

Аз нигоҳи объективӣ тамаъгарӣ дар дидаву донистани мулкдор аз тарафи айбдор содир шудани ҳаракатҳо барои ғайриқонунӣ аз худ намудан ва ба

Қаноат қозии виҷдонест, ки ҳадди байни ҳалол ва ҳаромро муайян мекунад.

**Ҳикмат**

Пинҳонӣ будани тороҷгарӣ содир кардани ҷиноят дар вақти набудани соҳиби молу мулк ё нафаҳмонила бурдани молу мулк аз шахсе, ки ба он бовар карда супурда шуда буд, ва он шахс аз тороҷгарии молу мулк манфиатдор набошад, дониста мешавад.

дигар шахсон супурдани ҳуқуқи мулкӣ, супурдани манфиати мулкӣ ифода мегардад.

Хавфи иҷтимоии толонгарӣ аз он иборат аст, ки зимни он ҷиноятгар рӯирост ба мулк таҷовуз карда, дар айни замон тартиботро, қоидаҳои муқаррарии ҳуқуқӣ ва ахлоқиро ва арзишҳои ҷамъиятиро поймол менамояд.

Аз нигоҳи объективӣ толонгарӣ дар ошкоро толон намудани мулки шахси бегона ифода мегардад.

Ба таври пинҳонӣ толону тороҷ намудани мулки бегона ё дуздидани он яке аз ҷиноятҳои хеле паҳншудаи соҳаи иқтисодиёт аст.

Аз нигоҳи объективӣ дуздидан дар пинҳонан толону тороҷ намудани мулки бегона ифода мешавад.

Ба тадбиркории сохта мақсади амалӣ намудани фаъолияти дар Низом (Устав) нишондодашударо ба назар нагирифта, аз андоз озод намудани (ё кам кардан) ссудаҳо (қарзи давлатӣ), кредит гирифтан, фоида (даромад) ё бо мақсади фоида дидан манфиати мулкӣ ташкил намудани корхонаҳо ва дигар муассисаҳои тадбиркорӣ дохил мешавад.

Аз нигоҳи субъективӣ ин ҷиноят фақат рӯирост қасдан содир мегардад.

Ҷинояти банкротии (муфлис шудан) сохта низ рӯирост қасдан содир мегардад. Ин ҷиноят аз тарафи субъекти хоҷагӣ дар дидаву дониста иҷро карда

Вақте ки **мулки бегона** мегӯянд, мулке, ки ба айбдор қонунан тааллуқ надорад, фаҳмида мешавад.

**Бар зидди қонун** (ғайриқонунӣ) соҳибӣ кардани мулк аз тарафи шахси айбдор, ки барои соҳибӣ намудани он мулк ҳеҷ ҳуқуқ надорад мебошад.

## Фаъолияти эҷодӣ

Дараҷаи хавфи иҷтимоии ҷиноятҳои толону тороҷ намудани мулки бегона, ҳамла, тамаъгарӣ, толонгарӣ, дуздиро аниқ кунед. Зимнан ба қоидаҳои моддаи 15-уми Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон муроҷиат намоед

натавонистани ўҳдадориҳои иқтисодӣ ва додани эълон хилофи ҳақиқат ва дар расонидани зарари калон ба кредиторон (қарздодагон) ифода мешавад.

Ҷинояти сар тофтан аз супурдани андоз ва дигар пардохтҳо дар қасдан пинҳон кардани фоида (даромад) ё дигар объектҳои андоз, кам карда нишон додани андоз, инчунин дар қасдан насупурдани андозҳо дигар пардохтҳои маҷбурӣ, ки аз тарафи давлат муқаррар шудааст, ифода мешавад. Ҷиноят рўирост қасдан содир мегардад.

Ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои истифодаи таъминоти барқ, гармӣ, газ ё об дар худсарона пайваст намудани шабакаи истифодаи умумии барқ, таъмионти гармӣ, газ ё об, ё худ дар расонидани шикаст ба асбобҳо ҳисобкунӣ, аз ҷумла дар қасдан вайронкунии пломбаҳо, дигар кардани нишондиҳандаҳои асбобҳои ченкунаки барқ, энергияи гармӣ, гази табиӣ, оби гарму хунук ифода мегардад. Ҷиноят рўирост қасдан содир мешавад.

## Фаъолияти эҷодӣ

**Матнро хонед ва мулоҳиза ронед, инчунин муносибат баён кунед.**

1. Шахсе бо исми А. ҳисобкунаки баркро ба ақиб баргардонд.
2. Шахсе бо исми Г. ба қубури гази аз кўча гузашта қубури худро пайваст карда, гармхонаашро гарм намуд.

Бадғаразӣ нишонаи зарурии толону тороҷ намудан аст. Бадғаразӣ гирифтани манфиат барои худ ё барои дигар шахсон аст.

Нафс— душмани аз ҳама бузурги инсон аст.

**Ҳикмат**

### Фаъолияти эҷодӣ

Аз Кодекси андози Республикаи Ўзбекистон дар ҳудуди кишварамон кадом намуди андозҳои умумидавлатӣ, андоз ва бочҳои маҳаллӣ мавҷуданд, аниқ кунед.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Матнро хонед ва муносибат баён кунед.
2. Ба матн сарлавҳа гузоред.
3. Шумо агар дар ҷойи иштирокдорони ҳикоя бошед, чӣ гуна рафтор мекардед?
4. Дар мактабатон чароғи баркӣ беҳуда даргирифта ё оби нӯшокии равонро хомӯш карда мондаед?

*Ба Самарқанд бо сафари хизматӣ ба роҳ баромадем. Ронанда мошинро бо суръати 100-120 км/соат ронда мерафт. Падархонди тахминан 60 солро пур карда, ки дар ақиб нишаста буд, гуфт: "Писарам, суръати мошинро тез кардан шарт нест. Самарқанд ҳеҷ куҷо гурехта намеравад". Ронандаи мошин аз гапи падархонд ранҷидагиашро пинҳон накарда, ба ақиб нигоҳ дӯхту суръатро паст намуд.*

*Дар роҳ барои тановул таваққуф намудем. Дар даромадгоҳи чойхона дастро шустем, аммо ҷумаки крани об носоз буд, онро баста натавонистем. Он ҳамроҳамон ба соз намудани ҷумак сар кард. Мо каме тановул ҳам карда шудем, аммо падархонд бо таъмири ҷумак овора буд. Ҳама ба мошин рафта савор шудем, лекин мӯйсафед ҳанӯз ҳам бо таъмир андармон шуда буд. Тоқати ронанда тоқ шуда, аз бағоҷ асбобу калидро гирифта, назди ӯ рафт. Мо низ барои ёрӣ аз мошин беихтиёр фаромадем.*

*Ниҳоят ҷумаки дастшӯяк соз шуд. Мӯйсафед бо оҳанги мамнуният "Акнун об беҳуда убол намешавад", гуфта бо табассум ба мо нигоҳ кард. Мо роҳро давом додем.*

Гази табиӣ ва энергияи барқ намудҳои стратегии захираҳои муҳими моддию техникӣ ба ҳисоб меравand

Ба шабакаи истифодаи умумии барқ, газ ё таъминоти об худсарона пайваст кардани қубури худ, яъне хилофи тартиботи қонуни пешбиникарда, бе рухсати органи ваколатдор амали хавфнок аст.

## Савол ва супоришҳо

1. Вазъиятҳои додашударо таҳлил кунед. Ҷиҳатҳои монанд ва хоси онро аниқ кунед.
2. Нишонаҳои ҷиноятҳои дар вазъиятҳо баёншударо, объект ва субъект, тарафои объектив ва субъективи онҳоро муайян намоед.
3. Ин воқеаҳо ба инкишофи ҷамъият чӣ гуна таъсир доранд?

А) Сокини маҳаллаи "Буюк ипак йўли"-и ноҳияи Деҳнав А.С. ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат карда, баён намуд, ки омўзгори коллеҷ Ҷ.М. ба ў бар ивази 2000 доллари ШМА ба яке аз донишгоҳҳои Россия барои таҳсил ҷойгир намуданашро ваъда додааст.

Б) Бино ба хабари ба қисми навбатдории ШКД-и шаҳри Тирмиз дар яке аз бозорҳои шаҳр ба дўкон як нафар духтари ношинос омада, худро мисли харидор нишон дода, касе ўро назорат накарданашро дониста, аз растаи дўкон 295000 сўмина 3 дона куртаи занонаро дуздида рафтааст.

Г) Шабона тахминан соатҳои чор дар ноҳияи Қўштеппаи вилояти Фарғона се нафар шахси номаълум ба рўяшон ниқоб пўшида, дар даст корд ба яке аз хонаводаҳои ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Янгиариқ аз девор гузашта даромада, ба хонаи хоби соҳиби хонавода Ғ.Й. ва ҳамсари ў С.Й, ки хоб буданд, зада даромаданд.

Соҳибони хона аз хоб бедор шуданд. Дуздон Ғ.Й.-ро зада, ба вай ҷароҳат расониданд. С.Й. ва духтараш М.Й.-ро аз дасту пояш бо арғамчин баста, аз даруни сандуқ 10 миллион сўм пул ва чизҳои заргарии арзишашон 1, 5 ҳазор доллари ШМА-ро гирифта рафтанд.

*Манбаъ: Хизмати матбуоти ВКД Республикаи Ўзбекистон*

# § 15 Ҷиноятҳои зидди тартиботи идоракунӣ



**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Коррупсия ва нишонаҳои он.
- Ҳолатҳое, ки сабабгори коррупсия мешаванд: пора (ришва) гирифтан ва додан, миёнарав шудан ба доду гирифти пора

Дар Қонуни Асосиамон сохти конститутсиявиамон асоснок карда шуда, ҳамчунин дар Республикаи Ўзбекистон ҳокимияти давлатиро Президент, Олий Мажлис, Девони Вазирон ва судҳои республика ба амал бароварданашон муқаррар гардидааст. Мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ мақомоти ҳокимияти ҷойҳоро ташкил мекунанд.

Дар Ўзбекистон ҳокимияти давлатӣ дар ҳолати ба ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва суд тақсим шудани он ба амал бароварда мешавад.

Кирдори ғайриқонунии шахсони мансабдор сарфи назар аз шакли мулкдорӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тахти назорат гирифта, дар сурати содир шудани ҷиноят ҳатман ба ҷавобгарӣ кашида хоҳанд шуд.

Функсияи (вазифаи) идоракунии фаъолияти шахсони мансабдори корхона, муассиса ва ташкилотҳо дар доираи мақомоти дохилӣ ба амал бароварда мешавад.

Объекти ҷинояти суиистеъмол кардани ҳокимият ё ваколати мансаб муносибатҳои иҷтимоие, ки фаъолияти мўътадили ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва



Зери мафҳуми **“Ҳокимият”** ба воситаҳои муайян— ирода, нуфуз, маҷбуркунии ҳуқуқӣ, ҳукмронии сиёсӣ, сохтори органҳои давлат қобилият ва имконияти расонидани таъсир ба фаъолияти инсонҳо, хулқу атвори онҳо фаҳмида мешавад.

мақомоти худидоракунии маҳаллиро таъмин менамоянд, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ба ҳисоб меравандд.

Ҷиноят аз нигоҳи объективӣ аз се нишонаи муқаррарӣ иборат аст:

- Кирдор дар шакли истифодаи ваколати мансаби худ аз тарафи шахс;
- Оқибатҳои ҷиноят дар шакли расонидани зарар ба миқдори зиёд ё зарари ҷиддӣ ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон ё ба манфиатҳои бо қонун муҳофизатшавандаи онҳо ё ба манфиатҳои давлат ё ҷамоат;
- мавҷуд будани вобастагии сабабии байни кирдор ва оқибатҳои ҷиноии сарзада.

Аз ваколати мансаби худ истифода бурдани шахси мансабдор дар ду шакл:

- ваколати ҳокимиятро;
- дар шаклҳои суиистеъмол кардани ваколати мансаб намоён мешавад.

Тарафи субъективии суиистеъмол намудани ҳокимият ё ваколати мансаб дар қасдан содир шудани он ифода мешавад.

Мотивҳои ҷиноят ба арзёбии ҳуқуқӣ ва ба ҷавобгарии ҷиноии кирдор таъсирашро нишон намедиҳад.

Вобаста бо амалӣ намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки аз мавқеи мансаби шахси мансабдор ва ба ваколати лавозими он шахс дошта бармеояд, аммо аз рӯйи мазмун ҳаракатҳояш зидди мақсаду вазифаҳои дар назардоштаи фаъолияти мақомоти дахлдор аст, суиистеъмол намудани ваколати мансаб тавсиф дода мешавад

Суиистеъмол намудан аз ҳокимият ё аз ваколати мансаб, яъне аз тарафи шахси мансабдор қасдан истифода бурдан аз мансаб дар мақомоти давлат, ташкилот бо иштироки давлат ё мақомоти худидоракунии шаҳрвандон расонидани зарар ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон ё ба манфиатҳои бо қонун муҳофизатшавандаи онҳо ё ба манфиати давлат ё ҷамоат аст.

**Коррупсия** иллати мудҳишест, ки ҷамъиятро бо роҳҳои гуногун ба шиканҷа медарорад. Вай ба асосҳои демократия ва устувории ҳуқуқ футур мерасонад, ба шикастани ҳуқуқҳои инсон оварда мерасонад, ба фаъолияти бозорҳо монеъгӣ мекунад, сифати зиндагиро бад менамояд ва барои реша давонида, ривоҷ намудани ҷиноятгарии муташаккилона, терроризм ва дигар ҳодисаҳое, ки ба амнияти одамон таҳдид месозад, шароит фароҳам меоварад.

**Аз муқаддимаи Конвенсияи зидди коррупсияи Созмони Милали Муттаҳид, Ню-Йорк, соли 2003**

Пора гирифтан, яъне шахси мансабдори мақомоти давлатӣ, ташкилот бо иштироки давлат ё мақомоти худидоракунии шаҳрвандон аз мавқеи хизматии худ истифода бурда ё ҳаракати муайяни имконпазирро бар ивази назардошти манфиати шахси порадиҳанда иҷро намудан ё иҷро накардан худи шахс ё ба воситаи миёнарав хилофи қонун будани и амалро донистa, бойигарии моддӣ ё манфиати мулкӣ дидан аст.

Ҷиноят рӯирост қасдан содир мешавад. Коррупсия ҳодисаи ба худ хос ва ҳам бисёр паҳншудаи асосҳои ҳокимият ва идоракуниро сусткунанда, ба обрӯи он дар назди аҳолӣ футур расонанда, ҷинояти хавфноки зидди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аст.

Объекти ҷиноят тартиботи муқаррарнамудаи ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти мақомоти идоракунӣ аст.

Қонун предмети ҷинояти шарҳшавандиро шахси аз мавқеи хизматии худ истифода бурда содир карданаш мумкин ё лозим буданаш, ҳаракати муайянро бар ивази иҷро кардан ё накардани ҳаракат бо назардошти манфиатҳои шахси порадиҳанда шахсан худаш ё ба воси-

Қасдан ба манфиати шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат зид истифода шудани мавқеи мансаб аз тарафи шахси мансабдор суиистеъмол намудани ваколати ҳокимият дониста мешавад.

Пора фақат ёрирасони ноҳаққию золимон аст.

**Маҳмуд Замахшарӣ**

таи миёнарав хилофи қонун буданашро дониста, бойигарии моддӣ ё нафъи мулкӣ диданаш медонистаро бо истилоҳи “пора” муқаррар мекунад.

Ҳар гуна бойигариҳо: пул, валютаи хориҷӣ, чизҳои қимматбаҳо, коғазҳои қимматбаҳо, маҳсулоти озуқаворӣ ё саноат ва монанди инҳо предмети пора шуданашон мумкин.

Тарафи субъективии порагирӣ қасди рӯирост: айбдор (порагиранда ё ришвахӯр) нағз медонад ва хоҳиш дорад, ки бино ба мавқеи хизматӣ барои гирифтани бойигарии моддӣ ё фоидаи мулкӣ бар ивази пора ба манфиати порадиҳанда ягон ҳаракатро содир мекунад ё намекунад.

Объект ва предмети ҷинояти порадиҳӣ—пора додан бо нишонаҳои таркиби ҷинояти пора гирифтан як хел аст.

Аз нигоҳи оъективӣ ҷиноят дар бевосита ё ба воситаи миёнарав додани пора ба шахси мансабдор ифода мегардад.

Пора додан дар истифодаи мавқеи хизматӣ шахс ба манфиати шахси порадиҳанда ҳаракати муайянро содир карданаш ва накарданаш ё дидани манфиати мулкӣ ифода мешавад.

Барои “миёнаравии дурӯғ”, яъне ба шахси мансабдор зарурии додани пораро рӯкаш намуда, аз ягон кас пора гирифтан, аммо бо роҳи фиреб онро аз худ кардани шахс барои фиребдиҳӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Ҳаракати шахси порадода ҳамчун суиқасд барои додани пора тавсиф мешавад.

Барои ба воситаи порадиҳӣ ба ҳаракат ё беҳаракатӣ муваффақ шудан шахси ба дигар кас пора таклифкарда ҳамчун порадиҳанда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Шахси бар ивази пора ба иҷро намудани ҳаракати маълум розишуда ва шахси пораро

Шахси айбдоре, ки фаъолияти мӯътадили мақомоти ҳокимияти давлатиро вайрон кардааст, шахси ба ҳокимияти давлатӣ таҷовузкарда ҳисоб мешавад.

Пора корҳои ислоҳшударо хароб мекунад, корҳои анҷомёфтаро барбод медиҳад.

**Юсуф Хос Ҳоҷиб**

супурда ҳамчун иштирокчии порадиҳӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Дар тафовут аз порагиранда ва порадиҳанда миёнарав (воситачӣ) барои манфиати худ бар ивази бойигарии моддӣ ва монанди онҳо бо шахси мансабдор иҷро кардан ё накардани як ҳаракат амал намекунад, фақат бо нишондоди порагир предмети пораро бевосита медиҳад. Шахси доду гирифти пораро ташкил карда, далолатчигӣ ва ёрирасонӣ карда, дар як вақт миёнаравӣ кунад, барои иштирок дар доду гирифти пора ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Аз нигоҳи субъективӣ ҷиноят рӯирост қасдан содир мешавад. Айбдор медонад ва хоҳиш дорад, ки ҳаракатҳои вай ба расидан ба доду гирифти пора аст ва бо супориши порагиранда ва порадиҳанда ба додани пора роҳнамун карда шудааст.

## Савол ва супоришҳо

1. Хилофи қонун истифода бурда шудани ваколатҳо аз тарафи шахси мансабдор дар кадом ҳаракатҳо ифода мешавад?
2. Байни ҷинояти суиистеъмол намудани ҳокимият ё ваколати мансаб ва ҷинояти аз худ кардан ё ба туфайли суиистеъмолкунии ваколати мансаб бо усули растрата толон-тороҷ намудан чӣ гуна фарқҳо мавҷуданд?
3. Пора додан ва пора гирифтан чӣ гуна ҷиҳатҳои умумӣ доранд?
4. Пора додан аз бар ивази пора моил намудани хизматчӣ чӣ фарқ дорад.

Пора содир намудани ҳаракатҳои муайян ба манфиати порадиҳанда буда, ба порахӯр мукофоти ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад.

Вақте ки истифодаи мавқеи мансаби худ аз тарафи шахси мансабдор мегӯянд, нафақат ҳаракатҳои содиршудаи ба ваколати шахси мансабдор дохилшуда, балки бар манфиати порадиҳанда ба воситаи таъсиррасонӣ ба дигар шахсони мансабдор истифодаи ваколати онҳо ва дар натиҷа содир намудани ҳаракати муайянро фаҳмидан лозим.

# § 16 Ҷиноятҳои зидди бехатарии ҷамъиятӣ

**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат.
- Вайрон кардани санадҳои қонунии оид ба санитария ва қоидаҳои мубориза бар зидди эпидемия.
- Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор.

Зери мафҳуми вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат аз тарафи шахсони масъул риоя накардани қоидаҳои бехатарии техникӣ, санитарияи саноат ё дигар қоидаҳои муҳофизати меҳнат фаҳмида мешавад.

## Вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат

Объекти ин ҷиноят дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо сарфи назар аз шакли мулкашон муносибатҳои иҷтимоие мебошанд, ки шароити меҳнати шахсонро ба тартиб медароранд, ба ҳисоб меравaнд.

Дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо на фақат шахсони доиман коркунанда, балки шахсони муваққат меҳнаткунанда ҳам ҷабрдида шуданашон мумкин.

Ҷиноят аз нигоҳи объектив қоидаҳои зеринро вайрон кардан сабабгори ҷароҳати миёна ва вазнин мешаванд:

- бехатарии техникӣ;
- санитарияи саноатӣ;
- дигар қоидаҳои муҳофизати меҳнат.

Ҳар як шахс мувофиқи тартиби нишондодаи қонун ҳуқуқи меҳнат кардан, озод интихоб намудани касб, дар шароити одилонаи меҳнат кор кардан ва ҳимоя аз бекориро дорад.

**Моддаи 37-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон.**

Аз нигоҳи субъективӣ ҷиноят ба воситаи шаклҳои бадқасдона ё беэҳтиётии айб содир мешавад.

Мотиви содир намудани ҷиноят ва мақсади он барои квалификатсияи (тавсифи)ҷиноят таъсир намекунад.



## Вайрон кардани санадҳои қонунии оид ба санитария ва қоидаҳои мубориза бар зидди эпидемия

Объекти ҷиноят бехатарии ҷамъиятӣ, ҳаёт ва саломатии инсонҳо мебошад.

Ҷиноят аз тарафи объективӣ дар беморшавӣ ё захролуд шудани оммавии одамон овардааст:

### Фаъолияти эҷодӣ



Вазъиятҳои зеринро бо диққат хонед ва бо мавзӯъ вобаста кунед. Барои гирифтани пеши роҳи ин воқеаҳо чӣ бояд кард?

1. *Дар оқибати беэҳтиётона истифода бурдани баллони гази маишӣ дар хонадони шаҳрванд Ш. А., сокини ноҳияти Тошлоқи вилояти Фарғона сӯхтор ба вуҷуд омад. Дар натиҷа 100 метри мураббаъ боми хона, қисми шифт ва ҷиҳозҳо сӯхта зарар диданд.*
2. *Дар шаҳри Намангони вилояти Наманган дар натиҷаи носозии ҷиҳози гази автомобили боркашонии тамғаи “ГАЗ-53”-и дар ихтиёри ронанда Ш.Қ. буда сӯхтор ба вуҷуд омад. Дар оқибати он ронанда Ш.Қ. ва мусофир Б.Қ. ҷароҳати тан гирифта, дар беморхона ҷойгир карда шуданд.*
3. *Дар сехи истеҳсоли маҳсулоти лаку ранги мансуб ба ҷамъияти масъулияташ маҳдуди воқеъ дар вилояти Тошканд сӯхтор сар зад.*
4. *Дар оғилхонаи шаҳрванд С.Т.—сокини ноҳияи Учтеппаи шаҳри Тошканд дар натиҷаи расиши кӯтоҳи сими барқ сӯхтор ба вуҷуд омада, 30 метри мураббаъ майдони молхона ва 90 метри мураббаъ қисми боми хонаи ҳамсоя сӯхта, зарар дид.*

Беморшавии оммавӣ гуфта, дар як вақти муайян дар як ҳудуд баробар беморшавии одамони бисёрро фаҳмидан зарур аст.

- вайронкунии санадҳои оид ба санитария;
- қоидаҳои мубориза зидди эпидемия ифода мегардад.

Диспозитсияи ин модда бланкетнок буда, дар ҳама ҳолатҳо вайрон шудани кадом банди санадҳои оид ба санитария ва қоидаҳои мубориза зидди эпидемия алоҳида бояд аниқ карда шаванд.

Аз тарафи субъективӣ ҷиноят қасдан ё ба туфайли беэҳтиётӣ содир мешавад.

## Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор

Объекти ҷиноят бехатарӣ аз сӯхтор, яъне ҳолати муҳофизат намудани одамон, мулки ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз сӯхтор ба ҳисоб меравад.

Аз тарафи объективӣ ҷиноят дар вайрон карда шудани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор аз ҷониби шахсони барои иҷрои ин қоидаҳо масъул ва дар оқибати сӯхтор ба бадани инсонҳо расидани ҷароҳати миёна ва сахт ифода мегардад.

Қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор талабҳои барои ҷилав гирифтан аз сӯхтор, маҷмӯи қоидаҳоест, ки тартиби риоя кардан ба меъёрҳо ва стандартҳоро муқаррар мекунад.

### Савол ва супоришҳо

1. Вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад?
2. Вақте ки беморшавии оммавӣ мегӯянд, чиро дар назар доранд? Барои асоснок кардани фикратон мисолҳо оред.
3. Тарафҳои субъективии вайронкунии қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхторро фаҳмонед.
4. Ҷиноятҳои вобаста бо вайрон кардани қоидаҳои муҳофизат кардани меҳнат, санадҳои қонунӣ оид ба санитария, мубориза зидди эпидемия, бехатарӣ аз сӯхтор қасдан ё дар оқибати беэҳтиётӣ содиршуда ба ҳисоб меравconfigуранд.

# § 17 Ҷиноятҳои соҳаи технологияҳои ахбор

**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед:**

- Ҳуқуқи озодона истифода бурдан аз ахборот.
- Вайрон кардани қоидаҳои ахборотнамоӣ (бо ахборот фарогирӣ). Хилофи қонун (берухсат) истифода бурдан аз ахбороти компутер.
- Барои хилофи қонун (берухсат) истифода бурдан аз компутер тайёр кардан ё гузаронидан ва паҳн намудани воситаҳои махсус бо мақсади гузаронидан.

## Ҳуқуқи озодона истифода бурдан аз ахборот

Дар ин замон ахборот ба яке аз омилҳои зарурии ташкил намудани ҳаёти ҷамъият табдил меёбад. Бинобар ин дар фаъолияти инсон ягон соҳае намондааст, ки бо ҷараёнҳои гирифтани ахборот ва онро аз сари нав кор кардан вобаста набошад. Дар дунёи ҳозираи бо суръати баланд инкишофёбанда масъалаи кӯмак расонидан ба шаҳрвандон барои мутобиқ шудан ба шароити нав, ба онҳо расонидани ахборот оид ба воқеаҳо, ҷараёнҳо ва ҳодисаҳо, инчунин, фароҳам овардани шароит дар бобати татбиқи низоми муносибатҳои самараноки байни шаҳрвандон, институтҳои иҷтимоӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама амалӣ намудан ва кафолат додани ҳуқуқҳои конститутсиявии шаҳрвандон дар бобати истифода аз ахборот аҳамияти бузург касб менамояд.

Қонуни Республикаи Ўзбекистон “Дар бораи принсипҳо ва кафолатҳои озодии ахборот”-ро бодиққат хонед ва дар он ба “озодии ахборот” эътибор диҳед.

***Ахборот*** – маънои маҷмӯи ҳамаи сигналҳо, ки инсон ба воситаи органҳои ҳассосаш қабул менамояд.

Ҳуқуқи аз ахборот озодона истифода бурдан маҷмӯйи ҳуқуқ ва ҳаракатест, ки инсон аз вақти ба дунё омадан ба он дода мешавад, ҳуқуқи гирифтани ҳар гуна ахборот, ки бо қонун манъ нашудааст, ҳуқуқи ин ахборотро нигоҳ доштан, паҳн намудан мебошад. Табиист, ки ин гуна ҳолат ба бехатарии дигар шахсон, давлат ва ҷамъият оид ба ахборот набояд зарар расонад.



Ахборот на танҳо объекти иборат аз маълумоти муайян аст, масалан, дар шакли мақола ё хабар, балки онро ҳамчун ҷараёни алоқаи байниҳамдигарии субъекти бо объекти омӯхта истодааш фаҳмидан лозим.

Дар охирҳои асри XX ахборот нисбат ба захираҳои (ресурсҳои) табиӣ, молиявӣ, меҳнат ва монанди инҳо дар ҷамъият ҳамчун ҳодисаи пуркудрат ва ҳассоси мустақили иҷтимоию сиёсӣ намоён шудан гирифт.

...Ҳар кас ҳуқуқи озодии фикр, сухан ва эътиқодро дорад. Ҳар кас ҳуқуқи ахбороти дилхоҳашро ҷустан, гирифтан ва онро паҳн карданро дорад, дигар маҳдудкуниҳои ахбороти бар зидди сохти конститутсиявии дар амалбуда ва бо қонун муқаррашуда аз ин мустасно аст.

**Аз моддаи 29-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон**

Ахборот дар шакли ҷавоб ба саволҳои бо сухани “кӣ”, “кай”, “чӣ”, “дар куҷо, “чӣ қадар” саршаванда ифода мегардад.

Дониш бошад дар навбати худ дар шакли ҷавоб ба саволҳои бо сухани “Чӣ тавр” оғозёбанда намоён мешавад. Яъне, истифода аз ахборот шакли тағйирёфтаи дониш гирифтан аст.

## Вайрон кардани қоидаҳои бо ахборот фарогирӣ (информатизатсия)

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ҳуқуқҳои шаҳрвандонро нисбат ба ахборот эътироф карда, мазмуни асосии онро дар якчанд норма муайян намудааст. Аммо баъзан бар оқибати нодуруст истифода бурдани ҳуқуқҳо ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ сар мезанад. Масалан, агар шахсе, ки барои истифодаи компутер рухсаташ ҳаст, қоидаҳои онро вайрон кунад, дар оқибати он агар ахбороти компутерӣ гум нашавад, ё баста гардад, ҷиҳози компутер аз кор бароядад, мувофиқи моддаи $155^{1}$-т Кодекси оид ба ҷавобгарии маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида хоҳад

### Ҳуқуқи байналмилалӣ

Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки худсарона ба ҳаёти шахсӣ ё оилавии инсон дахолат кунад, ба дахлнопазирии ҷойи зисти инсон, ба сири мактубҳо, ору номус ва шаънаш худсарона таҷовуз намояд. Ҳар инсон ҳуқуқ дорад, ки аз ин гуна дахолат ё таҷовуз бо роҳи қонун ҳимоя шавад.

**Баёнияи (декларатсияи) умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон, моддаи 12-ум**

Ахборот мафҳумест, ки маълумотҳои ҳангоми мутобиқ шудани мо бо дунёи беруна гирифтаамонро дар худ ифода менамояд.

**Н. Винер,**
*яке аз асосгузорони фанни кибернетика*

Ахбороти оид ба илму техника, истеҳсолот, савдо ва монанди инҳо, ки сирашон нигоҳ дошта мешаванд, агар бе розигии соҳибашон ошкор кардан ё бо мақсади истифода аз он бо ҳар гуна усул ҷамъ овардан низ барои ҷавобгарии ҷиноӣ асос шуда метавонад.



**Моддаи 155-ум. Вайрон кардани қоидаҳои истифода аз ахборот**

Бо мақсади истифода аз низоми ахборот вайрон кардани қоидаҳои низомҳои ахборот ва низоми ахборот, ки ба он бе рухсат даромадан ифода шудааст — барои ситонидани ҷарима баробари аз се як қисм то як баробари маоши ҳадалақал аз шаҳрвандон, ба миқдори аз як то се баробар аз шахсони мансабдор сабаб шуда метавонад.

Барои ҳамин гуна ҳуқуқшиканӣ, ки ба вайрон шудани кори низоми ахборот овардааст, ҳамчунин, барои даромадан ба шабакаи ахбороту ҳисоби низомҳои ахбороти маҳдудшуда ҳангоми пайвастан чораҳои зарурии ҳимояро надидан — барои аз шаҳрвандон ситонидани ҷарима баробари аз як то се маоши ҳадалақал, ба шахсони мансабдор—аз се то панҷ миқдор маоши ҳадалақал сабаб мешавад.



Барои ба шабакаи байналмилалии ахбороти низомҳои ахборот васл намудани шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ хилофи қонун, ба ин шабакаҳо чораҳои ҳимояи заруриро надида васл кардан, ҳамчунин хилофи қонун аз онҳо маълумот гирифтан — барои аз шаҳрвандон ситонидани ҷарима баробари аз ду то панҷ маоши ҳадалақал, аз шахсони мансабдор — аз панҷ то ҳафт баробари маоши ҳадалақал сабаб мешавад.

Барномаи барои мошинҳои ҳисобкунии электронии шахси бегонаро ё базаи маълумотҳояшро аз номи худ баровардан ё хилофи қонун аз он нусха гирифтан ё ин гуна асарҳоро паҳн кардан— барои аз шаҳрвандон ситонидани ҷарима баробари аз як то се маоши ҳадалқал, аз шахсони мансабдор—аз се то панҷ баробар сабаб мешавад.

**Кодекси оид ба ҷавобгарии маъмурӣ**

шуд. Агар тартиби сир нигоҳ доштани мукотибаҳо (хатҳо), гуфтугӯи телефонӣ, хабарҳои телеграф ё дигар хабарҳо вайрон шавад, барои ҷавобгарии ҷиноӣ асос шуданаш мумкин аст.

Охир ин гуна ҷиноят фақат қасдан содир мешавад. Мотиви содир намудани ҷиноят ва мақсади он

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Воқеаи зеринро хонед. Ба фаъолияти иштирокчиёни воқеа баҳои ҳуқуқӣ диҳед.
2. Кадом ҳуқуқҳои кӣ вайрон карда шуд?
3. Шумо ба ҳамин гуна воқеа гувоҳ шавед, чӣ гуна рафтор менамудед?

*Ҳангоми танаффуси калон Нодира бинобар он, ки китоби "Адабиёт"-ро дар хона мондааст, аз дугонааш Гулнора хоҳиш намуд, ки китоби дарсиашро диҳад. Гулнора гуфт, ки ба ошхона меравад, китобро аз сумка гирифтанаш мумкин. Нодира дар сумкаи дугонааш дафтари хеле зеборо дида монд ва онро гирифта хонд. Ин дафтар дафтари ҷайбии духтар буд, дар он саргузашт ва шеърҳои вай сабт шуда буд. Гулнора аз ошхона баргашта дид, ки дар синф ҳама якҷоя чизеро мехонданд. Баъзеҳо масхараомез механдиданд, баъзеҳо "Вой, шеърҳои зӯр менавистааст" мегуфтанд. Гулнора ба духтарон наздик шуда, дар дасти онҳо дафтари худашро дид.*

*Ранги рӯяш сурх шуд, ӯро ҳаяҷон пахш кард, дилаш зуд-зуд мезад, дар пояш мадор намонд. Бо дастонаш рӯяшро пӯшид. Гулнора чуқур-чуқур нафас мегирифт. Ба пойҳояш мадор пайдо шуд, ӯ ҷониби Нодира ҳаракат кард. Китоби дарсиашро аз дасти вай кашида, ба рӯяш як тарсакӣ зада гуфт:"Беҳаё, ман ба ту бовар карда будам!"*











барои квалификатсияи он аҳамият надорад. Объекти ин ҷиноят ҳуқуқи конститутсиявии шаҳрвандон оид ба сир нигоҳ доштани мукотиба, гуфтугӯйи телефонӣ, хабарҳои телеграфӣ ва дигар хабарҳо мебошанд.

## Савол ва супоришҳо

1. Вақте ки вайронкунии тартиби сир доштани мукотиба, гуфтугӯйи телефонӣ, телеграф ё дигар хабарҳо мегӯянд, чиро мефаҳмед?
2. Расмҳои додашударо ахборот гӯем, барои кадоме аз онҳо ҷавобгарӣ муқаррар шуданаш мумкин?
3. Оё ахборотро ба мусбӣ ва манфӣ ҷудо кардан мумкин аст?
4. Байни масъалаи бехатарии ахборотӣ (иттилоот) ва глобализатсия чӣ гуна вобастагӣ шуданаш мумкин?
5. Аз "Хурӯҷи ахборотӣ" шумо худро чӣ гуна ҳимоя кардаед?
6. Маълумоти ба оилаатон дахлдорро ҳимоя кардан шарт аст? Шарт бошад, чаро?
7. Ба шумо аз шиносатон хат омад. Конвертро то шумо касе кушода будааст. Шумо дар ин ҳолат чӣ гуна рафтор мекунед?
8. Ба шахси номаълум хат омадааст. Хаткашон надониста, он хатро ба қуттии почтаи шумо гузошта рафтааст. Шумо чӣ гуна ҳаракат мекунед?

# § 18 Низоми молияю кредит дар Ўзбекистон

## Дар дарси имрўза бо мавзўъҳои зерин шинос мешавед

- Конститутсия манбаи ҳуқуқии молияю кредит.
- Молия ва фаъолияти молиявии давлат.

## Конститутсия манбаи ҳуқуқии молияю кредит

Ҳуқуқи молия соҳаи мустақили ҳуқуқ ба шумор меравад. Ҳуқуқи молия ба сифати соҳаи дахлдори санадҳои қонунии Республикаи Ўзбекистон қайд мешавад. Бо ёрии нормаҳои ҳуқуқии молиявӣ аз тарафи давлат низоми молиявӣ ба ҳаракат оварда, аз он истифода мешавад. Ин соҳа бо соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ба тартиб дароварда мешавад. Соҳаи молия ҳуқуқи молияро пурра дар бар гирад ҳам, дар зинаҳои гуногуни низоми молиявӣ нормаҳои он гу-

Молия категорияи иқтисодиест, ки ташаккули хазинаҳои маблағи пул ва муносибатҳои ичтимоиро ҳангоми истифодаи онҳо дар худ таҷассум менамояд.

## Аз таърихи ҳуқуқ

Пайдоиши молия бо инкишофи муносибатҳои молию пулӣ ва бо эҳтиёчи давлат дар роҳи ичрои вазифаҳояш барои захираҳои молиявиаш вобаста аст.

Аввал ин истилох дар Италия дар асрҳои XII-XVпайдо шудааст. Дар Генуя, Венетсия, Флоренсия барин шаҳрҳо дар соҳаи савдо, ҳисобу китоби пул ва банкҳо ба муомила даромад. Баъдтар онро давлат барои ҳалли вазифаҳои худ вобаста бо низоми муносибатҳои пулӣ, ҳосил кардани хазинаҳои пул истифода бурданӣ шуд.

ногун истифода мешавад. Хуллас, предмети ҳуқуқи молиявиро молияи сохтори давлат ва маъмурию ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ҳуқуқи молия бо дигар ҳалқаҳои низоми молиявӣ зич вобаста аст.

Мафҳуми молия хеле васеъ аст, моҳиятан категорияи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин категорияҳо мафҳумҳои иқтисодии “пул”, “арзиши аслӣ”, “фоида” ва монанди инҳо мансубанд. Инҳо моҳияти категория ва вазифаҳои гуногуни роли дар инкишофи ҷамъият муқаррарнамудаашонро иҷро мекунанд.

Давлат ва мақомоти маҳаллии ҳокимият бо ғун кардани маблағ дар хазинаҳои пул ва муносибатҳои бо истифодаи онҳоро дар асоси ҳуқуқи молия ба тартиб медароранд.

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон мағзи асосии санадҳои қонунии молиявиро ташкил мекунад. Асосҳои ба тартиб даровардани ҳуқуқии муносибатҳо ва фаъолияти молиявии давлат дар боби XXV-уми Конститутсия мустаҳкам зикр шудаанд.

Низоми молиявии Республикаи Ўзбекистон аз ҳалқаҳои зерин иборат аст:

а) буҷети давлат, буҷети республика, буҷети Республикаи Қароқалпоғистон ва буҷетҳои маҳаллие, ки ба сохтори он мансубанд;

б) хазинаҳои мақсадноки давлат ва хазинаҳои ғайри буҷетӣ;

в)молияи субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт;

г) кредит (кредити давлат ва кредити банк);

д) суғуртаи мулк ва суғуртаи шахсӣ.

## Фаъолияти молиявии давлат

Давлат дар ҷараёни иҷрои вазифаи дар наздаш гузоштшуда фаъолияти муайянро дар амал татбиқ мекунад. Дар ҷараёни фаъолияти молиявиаш муно-

Молия низоми муносибатҳои иқтисодиест, ки бо ташаккули хазинаҳои маблағи пул, ки барои бо маблағ таъмин намудани эҳтиёҷоти давлат заруранд, тақсим кардан ва аз онҳо истифода бурдан вобаста мебошад.

Вақте ки фаъолияти молиявии давлат мегўянд, мувофиқи мақсад ва нақша ташкил карданин хазинаҳои мутамарказ ё ғайримарказии пул, онро тақсим кардан ва истифода намудан фаҳмида мешавад.

сибатҳои ҳуқуқии сарзанандаро ҳуқуқи молия ба тартиб медарорад.

Муносибатҳои мазкурро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин.

1. Фаъолияти давлат ва сохтори маъмурию ҳудудӣ дар соҳаи буҷет;
2. Фаъолияти давлат ва сохтори маъмурию ҳудудӣ дар соҳаи андоз;
3. Фаъолияти давлат ва сохтори маъмурию ҳудудӣ дар соҳаи кредит;
4. Фаъолияти молиявии корхонаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ;
5. Фаъолияти давлат дар соҳаи суғуртаи маҷбурӣ;
6. Фаъолият дар соҳаи хазинаҳои ғайрибуҷетии давлат ва мақомоти маҳаллӣ.

Фаъолияти молиявии давлат дар роҳи таъмини иҷрои функсияҳои дар зиммааш буда аз тадбирҳои ғун кардани маблағҳои пул, тақсим кардан (аз нав тақсим намудан) иборат аст. Ин фаъолияти ба воситаи ғун кардани маблағҳои молиявӣ ва сарфи онҳо амалӣ карда мешаванд.

Барои сарфи маблағҳои молиявӣ усулҳои таъмини молиявӣ ва таъмини кредитӣ истифода мегарданд.

Дар асоси таъмини молиявӣ ба ташкилотҳои буҷетӣ аз буҷети давлат маблағи пул бо шарти баргашта надодан ҷудо карда мешавад.

Дар асоси таъмини кредитӣ маблағи пули ҷудошуда дар вақти муайян аз тарафи корхона, ташкилот ва шаҳрвандон баргардонданашон лозим. Маблағи пул бо шарти ба муддати муайян, дар суммаи маълум баргардонидан ҷудо карда мешавад.

Фаъолияти молиявии давлат дар асоси принсипҳои зерин дар амал татбиқ карда мешавад:



**Фондҳои марказонидашуда** аз фондҳои республика, вилоятҳо, ноҳияҳо иборат буда, аз онҳо фақат барои эҳтиёҷоти ин ҳудуд истифода мешаванд.

**Фондҳои ғайри марказонидашуда** фондҳои пули корхона ва ташкилотҳо буда, онҳо барои истеҳсолот ва дигар мақсадҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд.

**Фаъолияти эҷодӣ**

Ба донишҳоятон аз фанни “Асосҳои дониши иқтисодӣ” такя намуда барои ҷавоб гуфтан ба саволҳои зерин ҳаракат кунед.
1. Дар мамлакатамон кадом андозҳо ҷорӣ карда шудаанд?
2. Зери ибораи “Пардохтҳои маҷбурӣ” чиро мефаҳмед? Кадом пардохтҳои маҷбуриро медонед?

- принсипи қонуният;
- принсипи демократия зимни амалӣ намудани фаъолияти молиявӣ;
- принсипи иштироки шаҳрвандон ва ҷамоаҳои меҳнатӣ ҳангоми татбиқи амалии фаъолияти молиявӣ;
- принсипи сиёсати миллӣ.

Фаъолияти молиявии давлати Ўзбекистон аз ташкили барномавии хазинаҳои пул, онро тақсим намудан ва аз он мувофиқи мақсад истифода бурдан барои татбиқи амалии вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, маданӣ дар Республикаи Ўзбекистон, таъмин кардани амният ва мудофиаи давлат иборат аст.

## Савол ва супоришҳо

1. Ҳалқаҳои низоми молиявии Республикаи Ўзбекистонро фаҳмонда диҳед.
2. Дар низоми ҳуқуқ нақши ҳуқуқи молия дар чӣ зоҳир мешавад?
3. Ҳуқуқи молиявӣ кадом муносибатҳоро ба тартиб медароранд?
4. Давлат фаъолияти молиявии худашро чӣ гуна ба амал мебарорад?
5. Дар зиндагии шумо фаъолияти молиявии давлат чӣ гуна акс ёфтааст?
6. Давлат дар соҳаи таълим чӣ гуна фаъолияти молиявиро ба амал мебарорад?
7. Мафҳуми фаъолияти молиявии Республикаи Ўзбекистон.
8. Ғун кардани маблағҳои пул ва шартҳои он.
9. Тақсим намудани маблағҳои пул ва шартҳои он.

# § 19 Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ

**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**



- Мафҳуми муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои хоси онҳо.
- Намудҳои муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ.
- Мафҳум ва низоми субъектҳои ҳуқуқи молиявӣ

## Мафҳуми муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои хоси онҳо

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ як намуди муайяни муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил мекунанд. Ба ин муносибатҳо ҳар гуна муносибатҳои ҳуқуқие, ки ҷиҳатҳои умумӣ доранд, ба инҳо низ хосанд.

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ баъзе хусусиятҳои ба худ хос ҳам доранд, ин хусусиятҳо барои фарқ кардан аз намуди дигар муносибатҳо имкон медиҳанд.

Ин хусусиятҳо бо баромадани соҳа (фаъолияти молиявии давлат) ҷиҳатҳои хоси ба тартиб даровардани молиявию ҳуқуқӣ ( императивнокӣ ва якҷонибии хоҳишу иродаи мақомоте, ки фаъолияти молиявии давлатро ба амал мебарорад), объекти ба тартиб даровардани ҳуқуқӣ муқаррар мешаванд.

Хусусиятҳои асосии муносибатҳои молиявӣ аз зерин иборатанд:

— *аввалан,* муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ фақат дар ҷараёни ташкили барномавии хазинаҳои пули давлат, тақсим кардан ва аз онҳо истифода бурдан ба вуҷуд меоянд;



Муносибати молиявию ҳуқуқӣ муносибатҳои иҷтимоиеанд, ки бо нормаҳои молиявию ҳуқуқӣ ба тартиб даровардa, дар фаъолияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд ва хусусияти мулкӣ доранд.

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ ҳамеша ба туфайли маблағи пул ба вуҷуд меоянд.

— *сониян,* муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ аксар вақт аз намудаи муносибатҳои мулкӣ ба шумор меравand, зеро ба сифати объекти ин муносибатҳо маблағи пул иштирок мекунад;

— *сеюмин,* ба сифати яке аз тарафҳои муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ ҳамеша давлат ва мақомоти ваколатноки он иштирок мекунад.

## Намудҳои муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ. Мафҳум ва низоми субъектҳои ҳуқуқи молия

Якчанд намуди муносибатҳои молиявию ҳуқуқиро ҷудо карда нишон додан мумкин. Масалан, ба ҳалқаи дахлдори низоми молиявӣ нигоҳ карда, оид ба ташкили буҷет, андоз, кредити давлат, ба тартиб даровардани суғурта, муомилаи пул ва ҳисобу китобҳо, валюта барин муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳоказо.

Хусусияти муайянкунандаи муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ аз ин иборат аст, ки онҳо асосан дар соҳаи махсуси ҳаёти давлат ва иҷтимоӣ, дар соҳаи фаъолияти айнан молиявии давлат таркиб меёбанд.

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқиро одатан ба муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавӣ (просесуалӣ) ҷудо мекунанд.

Муносибатҳои моддии молиявию ҳуқуқӣ воситаи татбиқи амалии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дар мате-

### Фаъолияти эҷодӣ

Фаъолияти молиявӣ, ки объекти асосии муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ мебошанд, мустақим ва бевосита хоҳишу ирода ва манфиатҳои давлатро ифода мекунад.

1. Вақте ки "хоҳишу ирода ва манфиатҳои давлатро ифода мекунад" мегӯянд, чиро мефаҳмед?
2. Ибораи "Хоҳишу иродаи давлат"-ро бо моддаи 2-юми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон вобаста карда фаҳмонед.

риалҳои нормаҳои молиявию ҳуқуқӣ мустаҳкамшуда субъектҳои ҳуқуқи молиявӣ ба ҳисоб мераванд.

Муносибатҳои процессуалиии молиявию ҳуқуқӣ бо муносибатҳои тартиби тақсим намудани хазинаҳои пули давлат, шакл ва услубҳои назорати истифода аз онҳо ба амал меоянд.

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ объектҳои худро доранд. Ин объектҳо, пеш аз ҳама оид ба пул ва ўҳдадориҳои пулӣ мебошанд, аммо фақат бо ин кифоя накарда, тартибу қоидаҳои ғункунӣ ва сарфкунии маблағи пул, рафтори иштирокчиёни муносибатҳои молиявиро дар чорчўбаи қонун низ даровардан мумкин.

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ муносибати дуҷониба буда, дар давлат (муассисаҳои молия, андоз, кредит), ки ваколати талаб намудани иҷрои ўҳдадориҳоро аз ҳама ва ҳар доим дорад, аз тарафи дуюм дигар шахсони ба онҳо нормаҳои молиявию ҳуқуқӣ сафарбарбуда (идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ) иштирок мекунанд.

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ объекти муносибат, субъекти муносибат, мазмуни муносибатро ташкил мекунад.



Муносибатҳои пулӣ вобаста бо офаридани хазинаҳои маблаҳои пули марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда ва истифода аз онҳо ба вуҷуд меоянд.

Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ бидуни хусусияти ҳокимияти давлатӣ вуҷуд дошта наметавонанд.

Айнан дар кадом муносибатҳо давлат субъекти ҳуқуқи молиявӣ шуда метавонад? Ҳангоми ҷавоб ба савол аз моддаҳои Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон истифода баред.

Талабҳои нормаҳои ҳуқуқи молиявӣ ба воситаи намудҳои гуногуни муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ ба рўи об баромада, ин муносибатҳо бе субъектҳои дахлдор ё бе иштирокчиён онҳо вуҷуд доштанашон амри маҳол аст.

Дар ҳуқуқи молия ба таври анъанавӣ се гурўҳи асосии субъектҳои ҳуқуқии молия тақсим мешавад.

**1. Сохтори иҷтимоию ҳуқуқӣ**

Республикаи Ўзбекистон ва воҳидҳои ҳудудии маъмурии он. Зимнан онҳо соҳиби қобилияти молиявию ҳуқуқӣ ба шумор меравand.

Воҳидҳои мазкур ҳамчун субъекти ҳуқуқии молиявӣ бештар дар татбиқи амалии ваколатҳои дар соҳаи муносибатҳои буҷетии дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, қонунҳои “Дар бораи низоми буҷет” ва “Дар бораи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ мустаҳкамшуда намоён мегарданд.

Ҳамин тариқ, айнан дар ин субъектҳо ҳуқуқи буҷети давлат ва маҳаллӣ мустаҳкам мегардад.

Дар баъзе муносибатҳои ҳуқуқӣ фақат худи давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқии молия иштирок карданаш мумкин аст.

**2. Субъектҳои ҷамоавӣ**

Субъектҳои ҷамоавӣ дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат дар соҳаи фаъолияти молиявӣ қоби-





литяти гирифтани маҷмӯи ӯҳдадориҳои юридикӣ ва ҳуқуқҳоро доранд. Яъне, давлат ба сафи иштирокчиёни маҷбурии муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ медарояд, ин ҳолат хусусияти давлат-ҳокимияти фаъолияти молиявӣ ва ҷиҳати хоси услуби ба тартиб даровардани ҳуқуқии онро муайян мекунад.

Гурӯҳи калонтарини субъектҳои ҷамоавии ҳуқуқии молияро мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ташкил медиҳанд.

**3. Субъектҳои инфиродӣ (индивидуалӣ)**

Инҳо шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон, шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ ва шахсони ғайритабаа буда, онҳо дар мавриди субъекти молиявию ҳуқуқӣ баробаранд ва бинобарин дар санадҳои қонунӣ ҳамчун шахсони ҷисмонӣ муқаррар мешаванд. Ин тоифаи субъектҳои ҳуқуқии молия асосан дар муносибатҳои пардохти андозҳо ва монанди инҳо иштирок мекунанд. Ҳамин тавр, шахсони ҷисмонӣ супурандагони андози даромад, андози замин, андози молу мулк ва дигар андозҳои дар қонун пешбинишуда ва пардохтҳо ба ҳисоб мераванд.

## Савол ва супоришҳо

1. Иштирокдорони муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ киҳоянд?
2. Хусусиятҳои асосии муносибатҳои молиявӣ аз чиҳо иборатанд?
3. Шахсони ҷисмонӣ дар кадом мавриди иштирокдорони муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ шуда метавонанд?
4. Давлат дар кадом ҳолатҳо иштирокдори муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ мешавад?

Моддаҳои 100 ва 122-юми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистонро хонед ва бо матни додашуда мувофиқ намоед.

Барои тартиб додани рӯйхати мақомоти иҷроияи давлатӣ кӯшиш намоед.

# § 20 Буҷети давлатӣ ва ҳуқуқи буҷет дар Республикаи Ӯзбекистон



Ҳуқуқи буҷет як қисми ҳуқуқи молия ва маҷмӯи нормаҳои ҳуқуқие мебошад, ки тартиби офаридани буҷети давлат, ташаккул додан ва амалӣ намудани буҷетҳои дараҷаашон гуногунро, ташаккул додани қисми даромади онҳо ва сарф намудани маблағи буҷет, инчунин сиёсати буҷету молияи давлатро муайян менамояд.

**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**



- Мафҳуми буҷет ва ҳуқуқи он.
- Буҷети давлат ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он

## Мафҳуми буҷет ва ҳуқуқи он

Ҳуқуқи буҷетро ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои молиявию ҳуқуқии ташкил намудани маблағҳои буҷети давлат, тақсим кардан ва ба тартиб даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ, ки ҳангоми истифодаи онҳо ба вуҷуд меоянд, арзёбӣ бояд намуд.

Ташкилотҳои буҷетии давлат барои амалӣ намудани фаъолияти худ ҳамаи маблағи зарурро аз қисми хароҷоти дахлдори буҷет мегиранд.

Буҷет бо мақсади таъмин намудани функсияҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ шакли ташаккул додани маблағи пул ва хароҷоти он мебошад.

**Вазифаҳои асосии буҷет:**

- аз нав тақсим кардани даромади миллӣ;
- ба тартиб овардани иқтисод;
- таъмини молиявии сохтори соҳаи буҷет ва амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии давлат;
- ташкил кардани хазинаҳои маблағи пули марказонидашуда ва амалӣ намудани назорати истифодаи онҳо.

Санадҳои қонунии оид ба буҷет, нормаҳои дар дигар ҳуҷҷатҳои қонунӣ зикршуда бояд ба Кодекси

буҷет мувофиқ оянд. Агар дар шартномаҳои байналмилалие, ки аз тарафи давлатамон имзо мегардад, қоидаҳои зиди санадҳои қонунӣ оид ба буҷет муқаррар шуда бошанд, қоидаҳои шартномаи байналмилалӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

## Буҷети давлат ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он

Буҷети давлат ҳар сол тасдиқ мешавад ва аз 1-уми январ то 31-уми декабр амал мекунад.

Дар ҷараёни тараққиёти иқтисодию иҷтимоии давлат муносибатҳое, ки ба туфайли истифодаи буҷет пайдо мешаванд, бо меъёрҳои ҳуқуқие, ки мансуб ба гурӯҳи алоҳидаанд, ҳамчунин бо қонунҳои буҷетӣ — яке аз шӯъбаҳои асосии ҳуҷҷатҳои қонунӣ ба тартиб оварда хоҳанд шуд.

Низоми буҷети Республикаи Ўзбекистон ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- ягонагии сохтори буҷет;
- мувофиқии сохтори буҷет ба сохтори маъмурию ҳудудии Республикаи Ўзбекистон;
- баланс доштан ва бо ҳам алоқаманд будани буҷетҳои сохтори буҷет;

### Аз таърихи ҳуқуқ



Калимаи “Буҷет” аз англисӣ гирифта шудааст, маънояш “хазина” аст. Буҷет дар нимаи дуюми асри XVII баъди инқилоби буржуазии Франсия ҷорӣ карда шуд. Дар нимаи дуюми асри XIX истилоҳи буҷет дар кишварҳои Европа паҳн шуд ва дар асри XX қариб дар ҳамаи кишварҳои категорияи буҷет истифода мебурдагӣ шуд



**Ҷараёни буҷет** — аз ҷараёни ташкил додани буҷетҳои низоми буҷет, офаридан, дида баромадан, қабул кардан, тасдиқ намудан ва иҷро, назорати иҷрои онҳо, омодасозии ҳисоботи оид ба иҷрои буҷетҳои гуногун ва тасдиқ кардан, инчунин ҷараёни муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо иборат аст.

**Иштирокчиёни ҷараёни буҷет** — аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти назорати молиявии давлат, ташкилотҳои буҷет ва аз буҷет маблағ гирандагон.

- аниқ сафарбаршавӣ ва хусусияти мақсаднокии истифодаи маблағҳои буҷетҳои сохтори буҷет;
- мустақилии буҷетҳои сохтори буҷет;
- натиҷадории истифодаи маблағҳои буҷетҳои сохтори буҷет;
- ягонагии хазина;
- ҷавобгарии иштирокчиёни ҷараёни буҷет;
- ошкорогӣ.

## Сохтори буҷети давлатии Ўзбекистон

Буҷети давлатии Ўзбекистон аз буҷетҳои дараҷаи поёнӣ иборат аст:

• Буҷети Республикаи Ўзбекистон;

• буҷети Республикаи Қароқалпоқистон, буҷетҳои маҳаллии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд.

Даромадҳои буҷети давлатӣ:

- андозҳо ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ;
- ҷойгир кардани активи давлатӣ, даромадҳо аз истифода ва фурўхтан;
- маблағҳои пуле, ки аз мерос, ҳуқуқи ҳадя ба мулки давлат гузаштаанд;

### Аз таърихи ҳуқуқ

26-уми декабри соли 2013 Қонун “Дар бораи тасдиқ кардани Кодекси буҷети Республикаи Ўзбекистон” қабул шуд. Он ташкил кардани маблағҳои сохтори буҷети Республикаи Ўзбекистон, офаридан, дида баромадан, қабул кардан, тасдиқ намудан, иҷро кардан, аз ҷониби давлат маблағ ҷалб намудан ва муносибатҳои оид ба назорати иҷрои санадҳои қонунӣ дар бораи буҷетро ба тартиб медарорад.

**Ташкилоти буҷет** ташкилоти нотиҷоратиест, ки бино ба қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар асоси тартиби муқарраршуда барои амалӣ намудани функсияҳои (вазифаҳои) давлат ташкил шуда, аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

**Соли молиявӣ** — даврест, ки муддати аз 1-уми январ то 31-уми декабрро дар бар мегирад.





- даромади пуле, ки аз шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ, инчунин аз давлатҳои хориҷӣ, ки баргардонида дода намешаванд;
- пардохтҳо аз ҳисоби ссудаҳои буҷетии ба резидентҳо — шахсони юридикӣ ва кредитҳои ба давлатҳои хориҷӣ ҷудокардашуда;
- мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонунӣ аз ҳисоби дигар даромадҳо ташкил мешавад.

## Савол ва супоришҳо

**Кодекси буҷети Республикаи Ўзбекистонро ёбед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.**

1. Ваколатҳои соҳаи буҷет ба кадом органҳои давлатӣ дода шудаанд?
2. Дар бораи даромадҳои хазинаҳои мақсаднoки давлат маълумот ҷамъ кунед.
3. Таркиби хароҷоти буҷети давлатӣ аз чиҳо иборат аст?
4. Хароҷоти хазинаи пенсияи ғайрибуҷетии назди Вазорати молияи Республикаи Ўзбекистон аз чиҳо иборатанд?
5. Вазифаи Хазинаи барқароркунӣ ва тараққиёти Республикаи Ўзбекистон аз чӣ иборат аст?

**Мақомоти худудии молия** — Вазорати молияи Республикаи Қароқалпоқистон, раёсатҳои молияи ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, шўъбаҳои молияи ҳокимияти ноҳияҳо ва шаҳрҳо мебошанд.

**Ўҳдадориҳои молиявӣ** — ҳуҷҷатҳое, ки ўҳдадории гузаронидани маблағҳои пулро ба ташкилотҳои буҷет ва аз маблағи буҷет пул гирандагон бар зиммаашон мегузоранд, аз ҷумла ўҳдадориҳое, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои иҷро ба вуҷуд меоянд.



6. Аз ҷумлаҳое, ки дар ҷадвали зерин дода шудаанд, қатори дурустро аниқ кунед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | ***Соли молиявӣ*** | а | — ҷараёни ташкил додани буҷетҳои сохтори буҷет, офаридан, дида баромадан, қабул кардан, тасдиқ намудан ва иҷро, назорати иҷрои онҳо, омодасозии ҳисоботи оид ба иҷрои буҷетҳои гуногун ва тасдиқ кардан, инчунин ҷараёни муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо; |
| 2 | ***Ҷараёни буҷет*** | б | — мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти назорати молиявии давлат, ташкилотҳои буҷет ва аз буҷет маблағ гирандагон; |
| 3 | ***Иштирокчиёни ҷараёни буҷет*** | в | — ҳуҷҷатҳое, ки ӯҳдадории гузаронидани маблағҳои пулро ба ташкилотҳои буҷет ва аз маблағи буҷет пул гирандагон бар зиммашон мегузоранд, аз ҷумла ӯҳдадориҳое, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои иҷро ба вуҷуд меоянд. |
| 4 | ***Ӯҳдадориҳои молиявӣ*** | г | – ташкилоти нотиҷоратиест, ки бино ба қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар асоси тартиби муқарраршуда барои амалӣ намудани функсияҳои (вазифаҳои) давлат ташкил шуда, аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ нигоҳ дошта мешавад. |
| 5 | **Ташкилоти буҷет** | д | — даврест, ки муддати аз 1-уми январ то 31-уми декабрро дар бар мегирад. |

# § 21 Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиб даровардани даромадҳои давлатӣ



**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Даромадҳои давлатӣ.
- Мафҳуми андозҳо ва функсияҳои онҳо.
- Андозҳо ва унсурҳои пардохтҳои дигари маҷбурӣ.

Давлат барои амалӣ намудани вазифа ва функсияҳояш ресурсҳои муайяни молиявӣ доштанаш лозим. Аз ин сабаб як қисми даромади миллӣ дар шакли пардохт ва маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти он сафарбар мешавад.

Дар натиҷа вай ба даромадҳо, яъне даромадҳои давлатӣ ноил мешавад. Ин даромад таҳти назорати давлат буда, аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тасарруф карда мешавад.

Манбаъ ва низоми даромадҳои давлат, инчунин аҳамияти ҳар кадоми он ба низоми иқтисодии давлат вобаста мешавад.

Даромадҳои давлат аз низоми ягона иборат буда, унсурҳои он, маблағҳои пул маҷмӯи муайяни баъзе намудҳоро ташкил мекунад. Низоми ягонаи даромадҳои давлат чунин эзоҳ меёбад, ки ҳуҷҷатҳои қонунии дар амалбуда як намуди маблағҳои пули аз тарафи давлат барои ташкил намудани ҳамаи даромадҳояш истифодашударо муқаррар кардааст.

Низоми ягонаи даромадҳои давлат ба нишонаҳои хусусиятҳои муҳимтарини моҳияти онҳоро инъикос-



**Даромадҳои давлатӣ** – як қисми даромади миллии кишвар, ки барои ташкил намудани базаи молиявӣ равона мешавад ва бо мақсади иҷрои вазифаҳои таъмини сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат, мудофиа ва амнияти мамлакат, инчунин барои иҷрои вазифаҳои амал кардани мақомоти давлатӣ истифода мегардад.

кунанда нигоҳ карда аз рӯйи намудҳои гуногун тасниф мешаванд.

Даромадҳои давлат бо назардошти тартиби ташкилшавӣ ва истифодабарӣ ба даромадҳои марказонидашуда ва ғайри марказонидашуда чудо мешаванд.

Корхонаҳо баъди супурдани андозҳо ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ фоида ва дигар даромадҳои дар ихтиёрашон бударо ба таври мустақил тасарруф карданашон мумкин.

Даромадҳои давлат ва муносибатҳои байни онҳо пайдошуда бо меъёрҳои санадҳои қонунӣ — Кодекси буҷети Республикаи Ӯзбекистон, Кодекси андоз ва дигар қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ ба тартиб даровар да мешаванд.

Даромадҳои давлат аз рӯйи хусусиятҳояшон ба даромадҳои республикавӣ ва маҳаллӣ чудо мешаванд.

Даромадҳои давлат аз рӯйи хусусияти юридикӣ ва шаклашон ба пардохтҳои андоз ва даромадҳои ғайриандоз чудо мешаванд.

Ба андозҳо хусусиятҳои маҷбурӣ ва индивидуалии баргашта доданашавандагӣ хос мебошанд.

Пардохтҳои ғайриандоз маҷбурӣ ва ихтиёрӣ шуданашон мумкин. Пардохтҳои маҷбурии ғайриандоз аз тарафи давлат ба воситаи нишон додани хизматҳои аҳамиятноки юридикӣ, додани ҳуқуқи машғул шудан бо ягон намуди фаъолият ситонида мешаванд.Ҳангоми супурдани ин пардохтҳо ҳар ду тараф ҳам соҳиби ҳуқуқу ӯҳдадориҳо мешаванд.

Қисми калони даромадҳои ба ихтиёри мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ омадаро пардохтҳои маҷбурӣ ташкил медиҳанд. Ба онҳо андозҳо, гумрук (боҷхона), дигар пардохтҳо, ҷаримаҳо ва санксияҳои молиявӣ мансубанд.

Вақте, ки даромадҳои марказонидашуда мегӯянд, маблағҳои пуле, ки ба хазинаи ягонаи умумидавлатӣ, яъне ресурсҳои молиявиеро бояд фаҳмид, ки ба буҷети давлатии мамлакат ворид мешаванд.

Ба маблағҳои ғайри марказонидашуда даромадҳои корхонаҳои давлатӣ дохил шуда, ин даромадҳо мувофиқи тартиби қонун пешбиникарда ба ихтиёри корхонаҳо гузашта ва аз тарафи онҳо ба таври мустақил барои истеҳсолот ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ истифода мешаванд.

Пардохтҳои ихтиёрӣ аз ҳисоби бозиҳои лотерея, ҳар гуна аксияҳо, аз хайру эҳсони шахсони юридикӣ (ҳуқуқӣ) ва ҷисмонӣ, харидани коғазҳои арзишноки давлатӣ ташкил меёбад.

Бо назардошти муносибат ба мулк даромадро ба даромадҳое, ки баргардонида намешавад, муваққат истифода шаванда ва баргардонанда ҷудо кардан мумкин. Масалан, андозҳо, боҷҳо, монанди инҳо, пардохтҳое, ки аз хусусӣ шудани мулки давлат меоянд, бо шарти барнагардондан ба даромади давлат дохил мешаванд ва мулки давлат ва сохтори маъмурию ҳудудӣ ба ҳисоб меравранд.

Даромадҳои муваққат истифодашаванда ба даромади сохтори маъмурию ҳудудии давлат дохил намешаванд ва онҳо даромадҳое мебошанд, ки ғайр аз облигатсияҳо ва заёмҳо аз кредитҳое ҳосил мешаванд, ки аз тарафи банкҳо ғайр аз буҷет барои пур кардани маблағҳо ҷудо мегарданд.

Даромадҳое, ки ба таври марказонида дар буҷети давлат ғун мешаванд, манбаи асосии пардохти хароҷотҳои мамлакат ба ҳисоб мераванд, онҳо аз андозҳои бевосита ва бавосита ташаккул меёбанд.

## Мафҳуми андозҳо ва функсияҳои онҳо

Яке аз нишонаҳои муҳимтарини давлат ҷорӣ шудани андозҳо дар он аст. Яке аз институтҳои ҳуқуқи молия ҳуқуқи андоз буда, он дар аснои ҷорӣ шудани пардохти андозҳо ва ситонидани онҳо ба вуҷуд меояд.

Ба андозҳо мансубанд:

- андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ (юридикӣ);
- андози даромад аз шахсони ҷисмонӣ;
- андози қиммати иловагӣ;
- андози аксиз;
- андоз аз истифодабарандагони қаъри замин ва пардохтҳои махсус;

Ба донишҳоятон аз дарсҳои “Асосҳои дониши иқтисодӣ” такя намуда, ба мафҳумҳои “андозҳои бевосита ва бавосита” таъриф диҳед.

Андозҳо барои шахсоне, ки онҳоро месупоранд, на нишонаи ғуломӣ, балки нишонаи озодии онҳо мебошанд.

**А.Смит,**
*асосгузори назарияи ҷорикунии андоз*

- андоз барои истифода аз захираҳои об;
- андози молу мулк;
- андози замин;
- андоз аз сӯзишвории бензин, дизел ва барои истифода аз газ.

Ба қабили дигар пардохтҳои маҷбурӣ дохил мешаванд:

- пардохтҳои маҷбурӣ ба хазинаҳои мақсадноки давлат:
  - ✓ пардохти ягонаи иҷтимоӣ;
  - ✓ бадалҳои суғуртаи шаҳрвандон ба Хазинаи нафақаи ғайри буҷет;
  - ✓ пардохтҳои маҷбурӣ ба хазинаҳои мақсадноки давлат;
  - ✓ ҷамъоварӣ барои Хазинаи роҳи Республика;
- боҷи давлатӣ;
- пардохтҳои гумрукӣ;
- барои ҳуқуқи савдои чаканаи баъзе молҳо ва барои нишон додани баъзе намуди хизматҳо.

Дар ҳудуди диёрамон аз рӯйи тартиби соддашудаи ситонидани андоз мувофиқи ҳолатҳо ва тартиби

## Аз таърихи ҳуқуқ

Меъёрҳои нахустини хаттии оид ба ҳуқуқи андоз дар қонунҳои Ҳаммурапӣ ( асри XVIII пеш аз милод) нишон дода шудаанд. Дар онҳо, аввал ду намуди андоз, якумӣ: андозҳои ба хазинаи подшоҳ воридшаванда ва андозҳои маҳаллии ба хазинаи аъёну ашроф дохилшаванда; дуюм, оид ба субъектҳои андозҳо; сеюм, оид ба субъектҳои андозҳо; чорум, оид ба тартиби гирифтани андоз; панҷум, чораҳои ҷавобгарӣ ва дигарон баён ёфтаанд.

Андозҳо барои аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардани фаолияти армия, суд, аппарати давлат, ки қисми ҷудонопазири ҳокимияти оммавӣ аст, инчунин барои дигар эҳтиёҷоти давлат зарур аст.

Унсурҳои андоз ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ чунинанд:

- ✓ объекти андоз — супор;
- ✓ базаи андоз супоранда;
- ✓ ставка;
- ✓ тартиби ҳисоб кардан;
- ✓ тартиби тақдими ҳисоботи андоз;
- ✓ тартиби пардохт.

дар Кодекси андоз пешбинишуда андозҳои зеринро супоридан мумкин:

- пардохти ягонаи андоз:
- андози ягонаи замин;
- андози қатъиян барои баъзе намудҳои фаъолияти тадбиркорӣ пешбинишуда.

Ҳангоми амалӣ намудани барномаҳои умумимиллии давлатӣ хазинаҳои дахлдор ташкил шуданашон мумкин, барои онҳо дар асоси тартибе, ки дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ пешбинӣ гардидаанд, пардохтҳои маҷбурӣ муқаррар мешаванд.

## Унсурҳои андозҳо ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ

Дар ҳуҷҷатҳои қонунии оид ба андоз ё дигар пардохтҳои маҷбурӣ дар ҳолати муайян шудани унсурҳои зарурӣ барои андоз супурандагон, инчунин ҳисоб кардани андоз ва пардохтан ин андоз ё маблағи пардохт муқарраршуда ҳисоб мешавад.

Дар ҳолатҳои дар Кодекси андоз пешбинишуда ҳангоми муқаррар шудани андоз ё дигар пардохтҳои маҷбурӣ дар санадҳои оид ба андоз имтиёзҳои андоз, инчунин асосҳои барои истифода аз тарафи андоздиҳанда дар назар дошта шуданашон мумкин.

Унсурҳои андоздиҳандагон, андозҳо ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ барои ҳар як андоз ё дигар пардохтҳои маҷбурӣ мутобиқан муқаррар мегарданд.



Барои содир намудани ҳуқуқшиканиҳо оид ба андоз аз тарафи шахсони ҷисмонӣ ҷавобгарӣ аз шонздаҳсолагӣ сар мешавад.

Қонун қудрат дорад, аммо эҳтиёҷ аз он ҳам пурзӯр аст.

**Гёте**

Муносибатҳои ҳуқуқии андоз муносибатҳои иҷтимоию молиявие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи андоз ба тартиб дароварда мешаванд ва ин муносибатҳо дар ҷараёни ҷорӣ намудани андозҳо, ситонидани андозҳо аз шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ, дигар тоифаҳои андоздиҳандагон ба вуҷуд меоянд.

Муносибатҳои ҳуқуқии андоз хусусиятҳои зерин доранд:

*якум,* дар ҷараёни фаъолияти давлат дар роҳи ҷорӣ кардан ва ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ ба вуҷуд меоянд;

*дуюм,* низоми мақсаднок дорад, яъне низоми муносибатҳои ҳуқуқии андоз ба ягон мақсади муайян — ба ҷорӣ кардан ва ситонидани андоз равона карда мешавад;

*сеюм,* алоқаҳои аниқи байни субъектҳои маълумро ба тартиб медарорад;

*чорум,* бо қувваи маҷбурсозандаи давлат ҳимоя мешавад, яъне агар қонунҳои оид ба андоз вайрон шаванд, чораҳои маҷбурсозандаи давлат ба ҳаракат меояд.

## Савол ва супоришҳо

1. Кодекси андози Республикаи Ўзбекистон, кодексҳои Ҷавобгарии маъмурӣ ва Ҷиноии Республикаи Ўзбекистонро ёбед. Аз Кодекси андози Республикаи Ўзбекистон қоидаҳоро оид ба ҳуқуқу ўҳдадориҳои андоздиҳандагонро ёбед ва фаҳмонда диҳед. Барои иҷро накардани ўҳдадориҳои мазкур дар қонун чӣ гуна ҷазоҳо муқаррар шудаанд? Инро аз кодексҳои Маъмурӣ ва Ҷавобгарии маъмурии Республикаи Ўзбекистон ёфта, аниқ кунед.
2. Дар ҳудуди Республикаи Ўзбекистон мувофиқи Кодекси андоз чӣ гуна андоз ва пардохтҳои маҷбурӣ амал мекунанд.

# § 22 Асосҳои ҳуқуқии кредити давлатӣ

**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Мафҳуми кредити давлатӣ.
- Қарзи давлатӣ

## Кредити давлатӣ

Барои офаридани маблағҳои иловагии пул давлат усулҳои ихтиёрии ҷалб намудани онҳоро истифода бурданаш мумкин. Дар ин асос низоми махсуси муносибатҳои молиявӣ — кредити давлатӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар кредити давлатӣ субъектҳои муносибатҳои кредит аз як тараф—давлат, аз дигар тараф—шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ иштирок мекунанд. Дар ин ҳангом давлат ба сифати қарзгирандаи маблағҳои пули муваққатан ғайриистифодаи субъектҳои дар ин муносибатҳо қайдшуда иштирок мекунад.

Муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз рӯйи кредити давлатӣ ба вуҷуд меоянд, ҳамаи нишонаҳои хоси ҳар

**Кредити давлатӣ** – муносибати бо ҳуқуқи молия ба тартиб оварандаест, ки аз тарафи давлат барои таъмини масъалаҳои муҳимтарини тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, рӯпӯш намудани норасоии буҷет, бо мақсади сафарбар кардани ресурсҳои иловагии молиявӣ дар асоси принсипи барнагардондан, муддатнокӣ, ғаразнок ва ихтиёрӣ пули ғайриистифодаи шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ ҷалб карда мешавад.

**Кредит** (лот. creditium-қарз, ссуда) одатан додани пул ё мол бо шарти супурдани фоиз ва баргардонида додан буда, муносибатҳои иқтисодии байни кредитор ва қарзгирандаро ифода мекунад.

**Суммаи кредит** — ҳаҷми воҳиди пулест, ки ба қарз дода мешавад.

гуна муносибатҳои молиявию ҳуқуқиро дар худ доранд. Ин хусусан, ба объекти онҳо, ба ҳамчун субъекти маҷбурии муносибатҳо, ки давлат ё мақомоти ваколат додашуда мавҷуд буданаш, ба хусусияти давлат-ҳукмронии муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи кредити давлатӣ мансуб аст. Маълум аст, ки муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ хусусияти мулкӣ доранд, чунки онҳо бо сабаби маблағҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд. Аммо объекти ин муносибатҳо аз рӯи кредити давлатӣ ҳар гуна маблағҳои пулӣ набуда, балки фақат маблағи муваққатан холии шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ шуданашон мумкин.

Дар соҳаи кредити давлатӣ на фақат муносибатҳои оид ба ӯҳдадориҳои қарзи давлат, балки муносибатҳои ҳуқуқие пайдо мешаванд, ки барои кор кардани қарзи давлатӣ миёнаравӣ мекунанд. Онҳо инҳоянд:

- Муносибатҳои ҳуқуқие, ки ҳангоми маслиҳат кардан дар бораи нақшаи қарз гирифтан аз манбаъҳои дохилӣ ва берунии кредит додан барои солиояндаи молиявӣ байни ҳукумат ва Банки марказӣ ба вуҷуд меоянд;
- Шартҳои баровардани ӯҳдадориҳои қарзи давлатии Республикаи Ӯзбекистон, муқаррар намудани тартиби хизмат нишон додан оид ба заёмҳои давлатӣ ва ба муомила баровардани онҳо;
- Давлат барои иҷрои функсияҳои дилерӣ дар бозори облигатсияҳои кӯтоҳмуддат шартномаҳо бастан, инчунин, ҷойгир кардани облигатсияҳои заёмҳои давлатӣ ва ба муомила баровардан фаъолияти ташкилотҳои бо он ҷараён вобастаро назорат карда, ба муносибатҳои ҳуқуқии байни Банки марказӣ ва ташкилотҳо ва ҳ.к.

**Механизми кредит** - маҷмӯаи унсурҳоест, ки дар ташкили муносибатҳои кредитӣ истифода мегарданд.

**Объекти кредит** – пул ва молҳое, ки муваққатан ғайриистифода аст.

**Субъектҳои кредит** – ҳар хел шуданашон мумкин. Ба онҳо корхона, фирма, ташкилот, давлат ва аҳолии табақааш гуногун дохил мешавад.

## Қарзи давлат

Қарзи давлатӣ суммаи қарздорӣ аз рӯйи оператсияҳои кредити берунӣ ва дохилии давлат аст. Заёмҳои давлатӣ як намуди муносибатҳои кредитӣ буда, дар онҳо давлат ё мақомоти маҳаллии он ҳамчун қарзгиранда ё худ қарздиҳанда иштирок мекунанд.

Давлат барои дар вақташ ва пурра амалӣ намудани хароҷотҳо заёмҳо ва аз бозори молия маблағҳоро ҷалб мекунад.

Ҷалб карда шудани маблағҳои пул давлатро дар бозори молия ба сифати шакли пассиви фаъолият тавсиф менамоянд. Аз тарафи давлат ба қарз дода шудани маблағҳои пул ҳамчун шакли фаъоли ҳаракат дар бозори молия арзёбӣ мегардад.

**Қарзи давлатӣ** ӯҳдадориҳои Республикаи Ӯзбекистон аст, ки дар натиҷаи ҷалб намудани маблағҳои дохилӣ ва берунӣ ба вуҷуд омадаанд.

## Савол ва супоришҳо

Матни зеринро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гӯед.

*Хазинаи байналмилалии валюта (асъор) 20 кишвари қарзашон (дохилӣ) аз ҳама баланди дунёро муайян карда дод. Дар ин рӯйхат Япония пешқадам аст. Аз аввали солҳои 1990 Япония карахтии мунтазамро аз сар гузаронд. Ҳозир ҳукумати Япония ҳаҷми калони қариб нисфи даромадҳои андози мамлакатро ба пардохти қарз сарф карда истодааст. Сарфи назар аз он, даромаднокии облигатсияҳои даҳсолаи япон дар сатҳи аз 1% паст монда истодааст.*

1. Сабаби даромаднокии облигатсияҳои 10-солаи япон дар ҳолати ҳайратовар дар дараҷаи аз 1% паст монданашро дар чӣ мебинед?
2. Дар бораи ватанпарварии халқи япон ва ҳисси дахлдории он фикратонро баён кунед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Субъектҳои кредит | а | – пулҳо ва молҳое, ки муваққатан холӣ буда, додан мумкин аст |
| 2 | Объекти кредит | б | – ҳаҷми воҳиди пуле, ки ба ин қарз дода мешавад |
| 3 | Суммаи кредит | в | – суммаи қарздории давлат аз рӯйи оператсияҳои кредити берунӣ ва дохилӣ. |
| 4 | Қарзи давлатӣ | г | – корхона, фирма, ташкилот, давлат ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ |

# Фасли IV. ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ

## § 23 Асосҳои ҳуқуқии муҳофизати табиат



**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон— манбаи асосии ҳуқуқи экологӣ.
- Мақсад ва вазифаҳо, усулиятҳои асосии ҳуқуқи экологӣ.

### Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон— манбаи асосии ҳуқуқи экологӣ

Вақте ки манбаъҳои ҳуқуқи экологӣ мегӯянд, санадҳои қонуние фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ичтимоиро вобаста бо муҳофизати муҳити атроф, оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ ва таъмини бехатарии экологии аҳолӣ ба тартиб меоваранд.

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон манбаи асосии ҳуқуқи экологӣ ба шумор меравад.

Дар Конститутсияамон асосҳои шахс, ҷамъият ва давлат дар соҳаи ичтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсию иқтисодӣ, маданию маърифӣ мустаҳкам гардонида шуда, дар бобати ташаккул додани механизми давлатию ҳуқуқӣ оиди муҳофизати муҳити атроф, истифодаи оқилона захираҳои табиӣ аҳамияти бузург дорад.

Аз ин боис ба воситаи қоидаҳои конститутсионӣ ҳуқуқи экологии шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ, вазифаю озодиҳои онҳо ифода карда мешаванд.

Дар Конститутсиямон нисбат ба муҳити атроф эҳтиётгарона дар муносибат будани шаҳрвандон

Шаҳрвандон маҷбуранд, ки ба муҳити атрофи табиӣ дар муносибати эҳтиётгарона бошанд.

**Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 50-ум**

ҳамчун ӯҳдадорӣ (маҷбурият) қайд шудааст. Ҳамин тавр, муносибати оқилона нисбат ба экология дар дараҷаи сиёсати давлатӣ зикр мешавад.

Агар дар Конститутсия дар моддаҳои фасли “Манбаъҳои иқтисодии ҷамъият” мазмуни ҳуқуқи мулк эътироф шавад, зимнан ӯҳдадориҳои экологии шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ ҳангоми расонидани зиён дар ҷаёрни фаъолияти хоҷагӣ ва истеҳсолӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Аҳамияти моддаи 55-уми Конститутсия аз ин иборат аст, ки дар он, аввалан, асоси моддии истиқлол будани сарватҳои табиӣ, мулки халқамон будани он, сониян, зарурати истифодаи оқилона захираҳои табиӣ, сеюм, зери муҳофизати давлат гирифта шудани табиати республика, яъне кафолати муносибатҳои экологию ҳуқуқӣ аз тарафи давлат барин принсипҳои муҳим мустаҳкам гардидаанд.

## Мақсад ва вазифаҳо, усулиятҳои асосии ҳуқуқи экологӣ

Ҳуқуқи экологӣ яке аз соҳаҳои калонмиқёс ва серсоҳаи ҳуқуқ буда, он муносибатҳои экологию ҳуқуқи-

Ҳоло дар аксарияти ҳудудҳои дунё оби ошомиданӣ (нӯшиданӣ) намерасад. Албатта, ин ҳолат бар оқибати ифлосшавии ҳавзаҳои об, вайрон шудани меъёрҳои экология ва сифатан бад шудани захираҳои об рӯй додааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки партовҳои саноатӣ ва истифодаи интенсивии нуриҳо боиси ба миқдори зиёд ба об даромехтани моддаҳои кимёвии зарарнок гардиданд ва нодуруст обёрӣ намудан боиси шӯршавии замин ва ба афзоиши дараҷаи буғ шудани об оварда расонд.

Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, оламӣ растанӣ ва ҳайвонот ва дигар захираҳои табиӣ сарватҳои умумимиллӣ буда, аз онҳо оқилона истифода бурдан зарур ва онҳо зери муҳофизати давлат мебошанд.

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 55-ум**

Зери мафҳуми “таҳдиди экологӣ” чиро мефаҳмед?

еро, ки дар низоми табиат ва ҷамъият, муносибатҳои иҷтимоии ин соҳа пайдо мешаванд, ба тартиб медарорад.

Дар низоми муносибатҳои экологӣ истифода аз захираҳои (ресурсҳои) табиӣ, яъне замин, бойигариҳои зеризаминӣ, об, оламаи растанӣ ва ҳайвонот ҷойи васеъ ва муҳим доранд.

Бар оқибати ноокилона истифода бурдани захираҳои табиӣ муаммоҳои гуногуни экологӣ дар табиат пайдо мешаванд ва бӯҳрони экологӣ тезутунд мегардад. Принсипҳои (усулиятҳои) ҳуқуқи экологӣ самтҳои муносибатҳоро дар низоми табиат-ҷамъият, ҳадди онҳоро муайян мекунанд, дар бобати кафолати барқарории механизмҳои экологию ҳуқуқӣ ва ба низом овардани муносибатҳои экологӣ мутобиқи қонуну қоидаҳо аҳамияти бузург доранд.

## Аз таърихи ҳуқуқ

Республикаи мо ба чандин ҳуҷҷатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ оиди ҳифзи табиат, аз ҷумла ба Конвенсияи Рио-де Жанейро “Дар бораи гуногунии биологӣ” (1992), Конвесияи “Дар бораи ҳимояи намудани мероси маданию табиии дунё” дар соли 1972, Шартномаи аз 6-уми июни соли 1995 “Дар бораи ҳимоя кардани паррандагони дар ботлоқзорони Осиё ва Африка зиста ва кӯчидараванда”, Конвенисяи аз 3-юми марти соли 1973 “Дар бораи хариду фурӯши байналмилалии флора ва фаунаи ёбоии дар арафаи маҳвшавӣ истода”, Конвенсияи аз 28-уми ноябри соли 1992 доир ба пешгирӣ намудани истифодаи воситаҳои ҳарбӣ ё дигар воситаҳои зараррасон нисбат ба муҳити атроф, Конвенсияи доиравии 9-уми майи соли 1992 “Дар бораи тағйирёбии иқлим”, Конвенсияи аз 22-юми марти соли 1985 “ Дар бораи ҳимояи қабати озон”, Протоколи Монреал “Дар бораи моддаҳои қабати озонро вайронкунанда”, “Хартияи энергетикӣ”-и ТБҲЕ аз 17-уми декабри соли 1994, Конвенсияи 15-уми апрели соли 1994 “Муборизаи зидди зиёд шудани масоҳати саҳро ва хушкӣ” ва дигар ҳуҷҷатҳо имзо гузоштааст.

Бинобар он, ки муносибатҳои байниҳамдигарии табиат ва ҷамъият хеле гуногун ва мураккаб аст, принсипҳои ҳуқуқи экологӣ ба низоми зерин тақсим мешаванд:

- принсипҳои умумии давлат ва ҳуқуқ;
- принсипҳои муҳофизат кардани муҳити табиии атроф;
- принсипҳои истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ.

Ҳуқуқи экологӣ ҳамчун соҳаи низоми ҳуқуқӣ дар бобати ба тартиб овардани муносибатҳои экологӣ аз қонунӣ будан, адолати иҷтимоӣ, ошкорогӣ, бовар кунонидан ва ҳамкорӣ дар чораҳои маҷбурнамоӣ, як будани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсон ва монанди инҳо истифода мебарад.

## Савол ва супоришҳо

1. Матнро хонед ва таъсироти ҳалокати экологиро ба ҷамъият, соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ эзоҳ диҳед.

*Ба ҳалокат дучор шудани баҳри Арал ба табиат низ зарари калон расонда истодааст. Дар минтақа қариб аз нисф зиёди генофонди ҳайвонот ва олами растанӣ, яъне 11 намуди моҳӣ, 12 намуди ширхорон, 26 намуди паррандагон ва 11 намуди растанӣ нест шуда рафт.*

2. Ҳуҷҷатҳои қонун ва зерқонуни дар мамлакат оид ба муҳофизати муҳити атроф, табиат қабулшударо ҷамъ оваред ва бо онҳо шинос шавед. Мақсади асосии қабули ин ҳуҷҷатҳоро аниқ кунед.
3. Худи шумо дар бобати муҳофизати муҳити атроф, табиат чӣ гуна иштирок мекунед?

### Аз таърихи баҳри Арал

Дар солҳои 60-уми асри XX ба баҳри Арал аз поёноби Амударё ва Сирдарё соле то 56 мукааб километр об ҷорӣ мешуд. Дар натиҷаи афзоиши босуръати аҳолӣ, урбанизатсия, бошиддат аз худ намудани заминҳои нав оқибатҳои экологиро фикр накарда, дар ҳавзаи баҳри Арал сохтани иншоотҳои гидротехникӣ ва ирригатсионӣ ба хушк шудани яке аз ҳавзаҳои зеботарини сайёра оварда расонд.

# § 24 Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқшикании экологӣ



**Ҳуқуқи экологӣ** фондест, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиб овардани муносибатҳои иҷтимоиро байни табиат ва ҷамъият меомӯзад. Имрӯз дар Республикаи Ӯзбекистон ҳуқуқи экологӣ ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқӣ амал мекунад ва ҷой ва имконияти худро дорад, соҳаи ҳуқуқи дорои тамоил ва хусусиятҳояш ба ҳисоб меравад.

## Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед



- Мафҳуми ҷавобгарии экологӣ, моҳият ва намудҳои он.
- Қонуни Респбликаи Ӯзбекистон “Дар бораи муҳофизати табиат”.
- Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқшикании экологӣ.

Вақте ки ҷавобгарии экологӣ гуфта мешавад, истифодаи чораҳои ҷазоро нисбат ба ягон давлат, шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ барои аз тарафи онҳо вайрон шудани қоида ва меъёрҳои арзишҳои ахлоқӣ, ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ, ки максадашон муҳофизати муҳити табиии атроф аст, фаҳмидан зарур аст.

Ҷавобгарии экологӣ аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ дар се намуд намоён мешавад:

– ҷавобгарии экологию иҷтимоӣ;
– ҷавобгарии экологию иқтисодӣ;
– ҷавобгарии экологию ҳуқуқӣ.

**Ҷавобгарии экологию иҷтимоӣ** ҷавобгарии одамон дар назди аҳли ҷамъият аст.

**Ҷавобгарии экологию иқтисодӣ** як намуди ҷавобгарии иқтисодию ҳуқуқӣ буда, зимни он барои вайрон кардани қоида ва меъёрҳое, ки дар нормаҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ муайян гардидаанд, нисбат ба вайронкунандагон фақат ҳамчун чораи ҷавобгарии иқтисодӣ намуди пардохтро муқаррар мекунад.

Ҳамчун ҷавобгарии иқтисодӣ пардохтҳо (тавонҳо) барои истифода захираҳои табиӣ ва ифлос намудани муҳити атроф истифода мегардад.

**Ба ҷавобгарии экологию ҳуқуқӣ** ҳамчун чораҳои ҷазои услуби юридикӣ ононе, ки қоида ва меъёрҳои барои иҷрои маҷбурии муносибатҳои экологии нормаҳои миллию байналмилалиро шикаста-анд, истифода хоҳанд шуд.

## Қонуни Республикаи Ўзбекистон “Дар бораи муҳофизати табиат”

Қонуни Республикаи Ўзбекистон “Дар бораи муҳофизати табиат” асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи шароитҳои муҳити табиӣ, оқилона истифода бурдани ресурсҳои табииро муқаррар менамояд. Мақсади қонун аз кафолат додани ҳуқуқи инкишоф додани ҳамбастагии муносибатҳои инсон ва табиат, низомҳои экология, комплексҳои табиат ва таъмин кардани муҳофизати баъзе объектҳо, муҳити мусоиди атроф доштани шаҳрвандон иборат аст.

## Ҷавобгарӣ барои шикастани қонунҳо оид ба муҳофизати табиат

Барои вайрон кардани стандартҳо, нормаҳо, қоидаҳо ва дигар талабҳои нормативию техникӣ, аз ҷумла дар ҳолатҳои зерин:

- ➔ барои қоидаҳои ба нақша гирифтани корхонаҳо, иншоотҳо, воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳо,сохтан, аз нав сохтан, таъмир намудан, аз онҳо истифода бурдан ё онҳоро ҳангоми пўшидан, аз нуктаи назари экология маҳсулоти хавфнокро ба хориҷа баровардан ва аз хориҷа даровардан, ҳаҷми экологиии муқар-

Ҷавобгарии экологӣ оқибатҳои дорои характери иҷтимоию иқтисодӣ ва юридикиест, ки ба туфайли иҷро накардани қарз ва ўҳдадориҳои давлат, ҷамъият ва шахсон дар назди насли имрўза ва оянда оид ба таъмин намудани муҳити бехавфи экологӣ ба вуҷуд меояд.

Ҷиноятҳои экологӣ--маҷмўи рафтори хавфноки иҷтимоӣ, ки ба муҳити табиии атроф зарари хавфноки иҷтимоӣ мерасонанд.

раршудаи ҳудуд, нормаҳо ва қоидаҳои экологиро вайрон кардан;

- барои иҷро накардани талабҳои истифодаи худсаронаи сарватҳои табиӣ, экспертизаи давлатии экология;
- сар тофтан аз пардохтани маблағ тибқи қоида барои истифодаи захираҳои табиӣ, инчунин, барои ифлос кардани муҳити атроф ва рӯпӯш намудани зарари расида надодани компенсатсия (ҷубронпулӣ);

**Моддаи 12. Ҳуқуқи инсон барои зистан дар муҳити мусоиди табиии атроф ва вазифаи он дар бобати ҳимояи ин муҳит**

Аҳолии Республикаи Ӯзбекистон барои саломатии худ ва саломатии насли оянда ба муҳити мусоиди табиии атроф, муҳофизати саломатии худ аз таъсири муҳити атроф ҳуқуқ дорад.

Барои ин мақсад аҳолии Республикаи Ӯзбекистон ба муттаҳид шудани ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба муҳофизати табиат, талаб кардан ва гирифтани ахборот оид ба чораву тадбирҳои андешидашуда доир ба аҳволи муҳити табиии атроф ва муҳофизати он ҳуқуқ дорад.

Аҳолии Республикаи Ӯзбекистон ба талабҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, муносибатҳои эҳтиётгарона нисбат ба сарватҳои табиат, экология риоя карданаш шарт аст.

**Қонуни Республикаи Ӯзбекистон**
**“Дар бораи муҳофизат намудани табиат ”**

Дар миёнаҳои асри гузашта дар таркиби атмосфера миқдори $CO_2$ 0,02 % бошад, ҳоло ин рақам ба 0,03% расидааст. 31 фоизи $CO_2$-и ба муҳити беруна хориҷшавандаро ШМА, 18%-ро кишварҳои МДҲ, 7%-ро Хитой, 5,4%-ро Германия, 4,7%-ро Япония, 3%-ро Франсия мебарорад. Боқимонда 31% ба дигар кишварҳои хориҷ рост меояд.

- ижро накардани нақшаҳои доир ба сохтани объектҳои муҳофазати табиат, дигар тадбирҳои ҳифзи табиат;
- надидани чораҳо барои барқарор кардани муҳити табиии атроф, бартараф сохтани оқибатҳои таъсири зарарнок ва такроран истеҳсол намудани захираҳои табиӣ;
- барои вайрон кардани талабҳои муҳофизати табиат ҳангоми нигоҳ доштани партовҳо, воситаҳои кимёвӣ, инчунин моддаҳои радиоактив ва кимёвии зарарнок, кашондан, аз онҳо истифода бурдан, онҳоро безарар намудан ва гӯр кардан;
- монеъ шудан барои ба объектҳо даромадани шахсони мансабдор, ки дар соҳаи муҳофизати муҳити табиии атроф назорати давлатиро ба амал мебароранд, ба баъзе шахсон ва ташкилотҳои муҳофизати табиат дар роҳи татбиқи амалии ҳуқуқу вазифаҳояшон;
- барои сар тофтан аз додани ахбороти дуруст ва саривақтӣ дар бораи ҳолати муҳити табиии атроф ва истифода аз ресурсҳои он шахсони айбдор бино ба қонунҳои Республикаи Ўзбекистон ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, ҷиноӣ ва монанди инҳо кашида мешаванд.



















## Савол ва супоришҳо

1. Мазмуни зери таъсири илму техника тағйир ёфтани муҳити атрофро фаҳмонед.
2. Зери мафҳуми “Инқирози экологӣ”-чиро мефаҳмед?
3. Моддаҳои 193-196-уми Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистонро хонед ва субъектҳои ҷиноятро аниқ кунед. Ба ҷиҳати субъективии ҷиноят баҳо диҳед.

Доираи ҷавобгарии шахсони ба воя нарасидаро аниқ кунед.

*1. А., К. ва Б. (ҳамаашон 16-сола) ба ҷангал барои истироҳат рафтанд. Онҳо гулхан гиронда, ба он дарахти нав буридашударо партофтанд. Дере нагузашта оташро идора карда нашуд ва зери таъсири шамол сўхтор ба ҷангал паҳн шуд. Дар оқибати он ба табиат зарари калон расид.*

*2. Н.-и ба воя нарасида партовҳои корхонаи истеҳсолотиро на ба ҷойи муайян — чуқурии махсус, балки ба ҳавзаи об партофт, ин боиси паҳн шудани беморои сироятқунанда дар деҳа гардид. Зиёда аз ин эпидемия ба чорво низ сироят намуд.*

*3. Ҳангоми таътили тирамоҳӣ Г. бо падару модараш ва додаронаш ба боғи берунашаҳрӣ барои истироҳат рафт. Аз сабаби он, ки тирамоҳи дер шуда буд, атрофро барги дарахтон пўшида буд. Г. бо додаронаш баргҳоро дар канори боғ ғун карда, сўзонд. Ин ҳолатро падараш мушоҳида карда, гулханро хомўш намуд ва писараширо танбеҳ дод. Чуқурӣ кофта, баргҳоро он ҷо гўр карда партофтанро супориш дод. Агар баргҳо сўзонда шаванд, ба кадом оқибатҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонд?*

# § 25-26 Қонунии чиноию мурофиавӣ

**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**



- Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон— манбаи асосии ҳуқуқи мурофиавӣ.
- Эътироф шудани принсипҳои умумэътироф-шудаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории мурофиавӣ. Презумпсияи беайбӣ.
- Вазифаҳои санадҳои қонунии чиноию мурофиавӣ.
- Кодексҳои мурофиавии шаҳрвандӣ ва Чиноию мурофиавии Республикаи Ӯзбекистон.

## Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон— манбаи асосии ҳуқуқи мурофиавӣ

Ҳуқуқи чиноию мурофиавӣ дар суд бурдани кор (парванда), инчунинн ҳуқуқҳои иштирокчиён ва дигар шахсони манфиатдорро дар чаёни пурсучӯ ва тергави аввал дар назар дорад. Ҳуқуқи мурофиавӣ барои бидуни зарурият ва асос маҳдуд накардани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, ки Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон кафолат додааст, хизмат мекунад.

Ҳуқуқҳои мурофиавӣ характери демократӣ доранд, даъво ва низоъҳо, аз чумла, зуд ва дуруст тафтиш



Дар Республикаи Ӯзбекистон демократия бо принсипҳои умумиинсонӣ асос меёбад, бинобар онҳо инсон, ҳаёти инсон, озодӣ, шаън, қадру қиммат ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазир арзиши олӣ ба шумор меравад.

**Аз моддаи 13-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон**



Кори ҳар як шахси ба содир шудани ҷиноят айбдор пиндошташуда дар суд мувофиқи қонун, ошкоро дида баромада, то айби ӯ аниқ нашавад, вай айбдор ҳисоб намешавад. Дар суд барои ҳимоя намудани шахси айбдоршаванда ҳамаи шароит таъмин карда мешавад.

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 26-ум**

шудани корҳои ҷиноиро, асоснок, аз рӯйи қонун ва одилона ҳал намудани онҳоро кафолат медиҳанд.

Ҳуқуқи мурофиавӣ барои ҳимоя кардани манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ (юридикӣ) низ хизмат мекунад. Дар кори ҷиноӣ ҳимоя намудани ҳуқуқи мурофиавии муҳимтарини дахлдор ба шахси гумонбар ва айбдоршаванда ва истифода аз ҳимоягар иборат аст.

## Эътироф шудани принсипҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории мурофиавӣ

16 декабри соли 1966 аз тарафи СММ ҳуҷҷати ҳуқуқи байналмилалӣ бо номи Пакти байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қабул шуд, ки дар бобати таъмини ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодиҳои инсонҳо бисёр муҳим аст. Пакти мазкур аз 5 қисм, 53 модда иборат аст.

Пакти байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пеш аз ҳама ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон, иштироки онҳоро дар идора кардани корҳои давлат ва ҷамъият таъмин менамояд.

### Ҳуқуқи байналмилалӣ



Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва барои бе ягон тафовут бо қонун баробар ҳимоя шудан ҳуқуқ доранд. Ҳамаи одамон барои баробар ҳимоя шудан аз ҳар гуна поймолкунии зидди ин Баёния ва аз ҳар гуна барангехтанҳои ба ин гуна поймолкунӣ даъваткунанда ҳуқуқ доранд.

**Аз моддаи 7-уми Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои инсон**

Мувофиқи қисми сеюми моддаи 14-уми ин пакт ва қисми сеюми моддаи 6-уми Конвенсияи Европа дар бораи ҳимоя кардани ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон кори суд шахсе, ки ба содир шудани ҷиноят айбдор пиндошта шудааст, беасос мавқуф гузошта намешавад. Ин ҳуқуқи айбдоршаванда яке аз кафолатҳои асосии адолати ҳуқуқиро дар худ ифода менамояд. Аз тарафи суд баргардонидани кори ҷиноӣ барои гузаронидани тафтиши иловагӣ зидди ин кафолат аст.

## Презумпсияи беайбӣ

Мувофиқи презумпсияи беайбӣ то даме, ки ҷинояти айбдор аз рӯйи тартиби қонунӣ исбот нагардад, вай беайб шуморида мешавад. Шахси гумонбар, айбдоршаванда ё судшаванда то он вақте, ки айбдории вай дар ҷиноят мувофиқи тартиби қонун исбот нашавад ва бо ҳукми суд ба эътибори қонунӣ надарояд, шахси беайб аст. Ӯ беайб будани худашро исбот карданаш шарт нест. Ҳамаи шубҳаҳо, агар имкони бартараф кардани онҳо набошад, ба фоидаи гумонбар, айбдоршаванда ё судшаванда



**Моддаи 23-юм. Презумпсияи беайбӣ**

Шахси гумонбар, айбдоршаванда ё судшаванда то он вақте, ки айбдории вай дар содир кардани ҷиноят мувофиқи тартиби қонун исбот нашавад ва бо ҳукми суд ба эътибори қонунӣ надарояд, беайб ба ҳисоб меравад.

**Аз Кодекси ҷиноию мурофиавии Республикаи Ӯзбекистон**

## Ҳуқуқи байналмилалӣ



1. Ҳар як инсоне, ки ба содир шудани ҷиноят айбдор пиндошта мешавад, зимни таъмин шудани ҳамаи имкониятҳо бо роҳи маҷлиси ошкорои суд то даме, ки айбаш мувофиқи қонун аниқ нагардидааст, барои беайб донистан ҳақ дорад.

2. Ҳеҷ кас ҳангоми содир шудан бино ба қонунҳои миллӣ ё ҳуқуқҳои байналмилалӣ ҷиноят дониста нашавад, барои кирдор ё бефаъолиятиаш ба ҷазо маҳкум шуданаш мумкин нест. Инчунин ҳаноми содир кардани ҷиноят нисбат ба ҷазое, ки барояш истифода шуданаш мумкин, додани ҷазои вазнинтар мумкин нест.

**Аз моддаи 11-уми Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон**

ҳал шуданаш лозим. Ҳангоми истифодаи қонун шубҳаҳои ҳосилшуда низ ба фоидаи айбдоршаванда, судшаванда ҳал мешавад.

Ба ҳар як шахс барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ ба воситаи суд, ҳуқуқи ба суд шикоят кардан нисбат ба рафтори ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ кафолат дода мешавад.

**Моддаи 44-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон**

## Вазифаҳои санадҳои қонунии ҷиноию мурофиавӣ

Вазифаҳои санадҳои (ҳуҷҷатҳои) ҷиноию мурофиавӣ (процессуалӣ) аз зуд ва пурра фош кардани ҷиноятҳо, ба ҳар як шахси ҷиноят содирнамуда додани ҷазои одилона ва ба ҷавобгарӣ кашида нашудани шахси айб надошта ва фош намудани айбдорони ҳукм накарда ва аз таъмини татбиқи саҳеҳи қонун иборат аст. Тартиби дар қонуни ҷиноию мурофиавӣ муқарраршудаи бурдани корҳои ҷиноӣ ба мустаҳкам шудани қонунҳо, гирифтани пеши роҳи ҷиноятҳо, ҳимоя намудани манфиатҳои шахс, давлат ва ҷамъият бояд ёрӣ расонад.

Процесси ҷиноят фаъолияти муайяни ҷиноию мурофиавии иштирокчиёни процесс ва низоми муносибатҳои ҳуқуқии ба ин фаъолият дахлдорро ташкил медиҳад.

Вазифаҳои процесси ҷиноят аз фош кардани ҷиноят, одилона ҷазо додани айбдорон, инчунин пешгирӣ намудани дигар ҷиноятҳо, аз тарбияи шаҳрвандон дар рўҳи риояи қонунҳо иборат аст.

Хусусияти ҷудонопазири процесси ҷиноятро табиати ҳуқуқии он-аз нигоҳи қонун қатъиян ба тартиб овардани муносибатҳои ин фаолият ва муносибатҳои дахлдори иҷтимоӣ ташкил мекунад.

Қонуни ҷиноию мурофиавӣ ҳуҷҷатҳои дахлдори расмишавандаи ҳаракатҳои муайяни мурофиавӣ: пурсуҷў ва зинаи аввали тергав—қарорҳо ва баённомаҳо, дар зинаи муҳокимаи суд—ҳукмҳо ва монанди инҳоро дар назар мегирад.

## Савол ва супоришҳо

*Шахсе бо номи Ш. то дари шифохона бо мошин омада, аз нишастгоҳи ақиб духтарбачаи тахминан даҳсоларо, ки аз сараш хун мерехту, либосҳояш чанг, дасту пояш харошидаю бемаҷолро ба даст бардошта, тарафи қабулхона шитофт. Ба саволи духтури миёнақади синну солаш аз чил гузашта "Чӣ шуд?" "Надонам, аз кӯча ёфтам" гӯён ҷавоб дод. Духтур духтаракро муоина намуда, ба ҳамшира ӯро дарҳол ба хонаи рентген бурданро супориш дод.*

*Духтур аз Ш. тафсилоти ҳодисаро пурсида, дар дафтари навбатдорӣ қайд намуд: "Ҳамаатон ҳамин тавр мегӯед. Корро, ки кардед, ҷавобашро додан зарур, бародар! — гуфта монд. — Мо ба идораи корҳои дохилӣ хабар медиҳем. Мана ин ҷо имзо гузоред. Навиштани рақами мошин ва телефонатонро аз ёд набароред. Ҳеҷ куҷо наравед, ман аз ҳоли духтарак хабар гирам".*

*Вақте, духтур аз назди духтарак баргашта омад, Ш. аллакай рафта буд. "Ин ҷавон ҷиноятгари ҳақиқӣ будааст", – аз дил гузаронд духтур. Ҳамин дам ба хона ходимони идораи корҳои дохилӣ даромада омаданд. Онҳо аз хусуси воқеа ва як нафар духтаракро ба ин ҷо овар-данашро гуфтанд. Бино ба тафсилоти воқеа дар ҷойи маҳалли рӯйдод мошини сафеди тамғаи "Lasetti" духтаракро зада, аз ҷойи воқеа гурехта пинҳон шудааст. Ронандаи автомобили аз дунболи "Lasetti" омада духтаракро аз роҳ бардошта, ба шифохона овардааст. Кормандони милитсия соҳиби "Lasetti"-ро аниқ карданашонро ҳам гуфтанд. Духтур беасос айбдор донистани он ҷавоне, ки духтаракро оварда буд, ба ёд оварда, хиҷолат кашид.*

1. Нисбат ба иштирокчиёни воқеа муносибататонро баён кунед.
2. Шахсеро бо номи Ш. оё ҷиноятгар гуфтан мумкин?
3. Ронандаи "Lasetti"-и сафедро чӣ?
4. Оё дар ин воқеа презумпсияи беайбӣ вайрон шудааст? Фикратонро асоснок кунед?

# § 27 Иштирокчиёни протсесси ҷиноят



Протсесси ҷиноӣ аз якчанд марҳилаҳои дар поён тавсифшаванда иборат аст:
а) бо вазифаҳои алоҳидаи аз вазифаҳои умумии протсесси ҷиноят баромада;
б) бо таркиби алоҳидаи иштирокчиён; в) бо ҳаракатҳои ба худ хоси ин иштирокчиён ва муносибатҳои ҳуқуқӣ; г) бо ҳуҷҷатҳои ба худ хоси ба ин фаъолият хотима гузоранда.



**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**

- ➔ Иштирокчиёни протсесси ҷиноят.
- ➔ Шахсони дигари дар протсесс иштироккарда.

Дар протсесси (мурофиаи) ҷиноӣ пурсуҷӯкунанда, тергавчӣ, судя, котиби маҷлиси суд, прокурор иштирок мекунанд. Дар пеш бурдани кори ҷиноӣ ҷамоаҳо ва намояндагони онҳо низ иштирок мекунанд.

Инчунин, дар протсесси ҷиноӣ онҳое, ки манфиати худро ҳимоя карданӣ мешаванд ва ҳимочиён ва намояндагон иштирок мекунанд. Ба инҳо айбдоршаванда, шахсони гумонбар, ҳимоячӣ, ҷабрдидагон, даъвогарони шаҳрвандӣ, ҷавобгари шаҳрвандӣ, намояндагони гумонбар, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии ҷабрдида, намояндагони ҷабрдида, даъвогарони шаҳрвандӣ ва ҷавобгари шаҳрвандӣ дохил мешаванд.

Ба сифати дигар шахсони дар протсесси ҷиноӣ иштироккунанда гувоҳ, адвокати гувоҳ, эксперт, мутахассис, тарҷумон, холисҳоро гуфтан мумкин.

Дар Кодекси ҷиноию мурофиавии Республикаи Ӯзбекистон ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни протсесси ҷиноӣ алоҳида қайд шудаанд.

Дар ҳолатҳои зерин судя, инчунин маслиҳатчии халқ, прокурор, муфаттиш, пурсуҷӯкунанда, шахси мансабдори то тергав тафтиш карда, котиби маҷлиси суд дар бурдани кори ҷиноӣ ҳақ надоранд иштирок кунанд ва онро бояд рад кунанд агар ба шарте, ки:

1) вай аз рӯи инкор ба сифати ҷабрдида, даъвогари шаҳрвандӣ, ҷавобгари шаҳрвандӣ, эксперт, мутахассис, тарҷумон, холис, гувоҳ, ҳимоячӣ, инчунин ба сифати намояндаи гумонбар, айбдоршаванда, вакили қонунии айбдоршаванда ё ҷабрдида, ҳамчун даъвогари шаҳрвандӣ, ҷавобгари шаҳрвандӣ иштирок намоянд ё пеш аз ин иштирок дошта бошанд;

2) агар вай хешу ақрабои ягон шахси мансабдори масъули бурдани ин кор ё хеши шахсони бегонаи дар банди 1-уми қисми якуми моддаи 76-уми Кодекси ҷиноию мурофиавии Республикаи Ўзбекистон қайдшуда бошад;

3) агар дигар ҳолатҳои барои холисӣ ва беғаразии вай шубҳа пайдошванда бошад.

Агар судя пештар дар бурдани ин кор то тергав ба сифати шахси мансабдори органи ин корро тафтишнамуда, пурсуҷӯкунанда, тергавчӣ, прокурор, котиби маҷлиси суд иштирок карда бошад, ҳангоми дидани ҳамон кор иштирок карда наметавонад.Судяе, ки дар суди инстансияи якум, инстансияи аппелятсия ё кассатсия ё ҳангоми тартиби назорат барои муҳокимаи кор иштирок карда бошад, то дами бекор шудани ҳукм, қароре, ки бо иштироки вай қабул шудааст, дар дидани ҳамон кор иштирок карда наметавонад.

Фикр карда бинед, марҳилаҳои протсесси ҷиноӣ баъди якдигар паси ҳам амалӣ гардад, ба чӣ гуна оқибатҳо овардаанаш мумкин аст?

Агар шахси мансабдори органи то тергав тафтишро амалисозанда бино ба сабабҳои мавҷуд будани ҳолатҳои дар моддаҳои 76, 79-уми Кодекси ҷиноию мурофиавии Республикаи Ўзбекистон худаш худашро рад накунад, масъалаи рад шудани он бино ба аризаи шахсони манфиатдор аз тарафи сардори органе, ки тафтишро то тергав амалисозанда ё прокурор ҳал карда мешавад. Дар бораи қонеъ намудани рад кардан ё қонеъ накардан қарор бароварда мешавад.

Судяе, ки дар суди инстансияи якум оид ба муҳокимаи кори ҷиноӣ иштирок кардааст, дар дида баромадани ҳамин кори ҷиноӣ дар инстансияи апеллятсия ё кассатсия ё тибқи тартиби назорат иштирок карда наметавонад.

Судяе, ки кори ҷиноиро дар суди инстансияи апеллятсия иштирок кардааст, дар дида баромадани ҳамин кори ҷиноӣ дар суди инстансияи якум ё инстансияи кассатсия ё тибқи тартиби назорат иштирок карда наметавонад.

Судяе, ки кори ҷиноиро дар суди инстансияи кассатсия иштирок кардааст, дар дида баромадани ҳамин кори ҷиноӣ дар суди инстансияи якум ё инстансияи апеллятсия ё тибқи тартиби назорат иштирок карда наметавонад.

Судяе, ки дар дида баромадани кори ҷиноӣ тибқи тартиби назорат иштирок кардааст, дар дида баромадани ҳамин кори ҷиноӣ дар суди инстансияи якум ё инстансияи кассатсия ё кассатсия иштирок карда наметавонад.

Иҷрои ӯҳдадории мурофиавии худ аз тарафи пурсуҷӯкунанда, муфаттиш, инчунин котиби маҷлиси суд, агар ҳамин кор барои бурдани тергави иловагӣ ё барои аз сари нав дидан ба суд фиристода шуда бошад, барои аз тарафи онҳо ба бурдани пурсуҷӯи зарурӣ, тергави аввалин, инчунин барои тартиб додани баённомаи маҷлиси суд монеъгӣ намешавад.



Хиҷолат ва шарм доштан ба туфайли ғаму бадӣ оромиро вайрон мекунад. Аз ин инсон сарфи назар аз мавқеаш дар гузашта, имрӯз ва дар оянда худашро сарзаниш мекунад.

**Абӯалӣ ибни Сино**

## Савол ва супоришҳо

*1. Бо мақсади омӯхтани маълумоти оперативӣ хонаи зисти М.А., соли таваллудаш 1979, сокини ноҳияи Балиқчии вилояти Андижонро тафтиш карданд, зимни он аз хонаи сохтмонаш нотамом 326,5 грамм моддаи нашъаманди коғазпеч ёфта, ҳамчун далели ашёвӣ гирифта шуд.*

*2. 16-уми феврали соли 2018 дар бинои суди оид ба корҳои ҷиноии вилояти Тошканд суди А.Т. ва шарикони ба ҷиноят гумонбаршуда баргузор шуд.*

*Дар маҷлиси суд аз рӯйи кори ҷиноӣ судшавандагон суханони охирини худро гуфтанд. Онҳо барои содир кардани ҷиноятҳое, ки дар банди “а” ва “б”-и қисми 3-юми моддаи 177-уми Кодекси ҷиноӣ, моддаи 188, моддаи 189, бандҳои “а” ва “в”-и моддаи 190-ум дар назар дошта шудаанд, айбдор дониста шуданд.*

1. Ин ҷиноятҳо дар кадом марҳилаи протсесси ҷиноӣ дониста мешавад?
2. Онҳо дар кадом марҳилаҳо шуда гузаштаанд?
3. Ба фикри шумо дар протсесси ҷиноӣ кадом шахсон иштирок кардаанд? Фикратонро дар асоси моддаҳои Кодекси ҷиноию мурофиавии Республикаи Ӯзбекистон асоснок кунед.
4. Шахсонеро, ки дар ин просесси ҷиноӣ манфиати худро ҳимоя мекунанд, ҷудо карда, нишон диҳед.
5. Дар кадом ҳолатҳо судя, инчунин, маслиҳатчии халқ, прокурор муфаттиш, пурсуҷӯкунанда, шахси мансабдори органи тафтишро то тергав амаликунанда, котиби маҷлиси суд дар бурдани кори ҷиноӣ иштирок кардан чаро ҳақ надоранд ва онро бояд рад кунанд?
6. Судяе, ки дар суди инстансияи якум дар дида баромадани кори ҷиноӣ иштирок кардааст, аз рӯи ҳамин масала дар кадом инстансияҳои судҳо иштирок карда наметавонад?

# § 28 Ҳолатҳое, ки дар қонунгузории ҷиноию мурофиавӣ муайян кардан лозим аст



Исбот кардан барои қонунӣ, асосёфта ва одилона ҳал намудани кор (парванда) бо мақсади аниқ кардани ҳақиқат оид ба ҳолатҳои дорои аҳамият далелҳоро ғун кардан, тафтиш ва арзёбӣ кардан мебошад.



Маълумотҳо ва чизҳоро фақат баъди дар баённомаи ҳаракати тергав ё баённомаи маҷлиси суд қайд карда шудан онҳоро ба сифати далел истифода бурдан мумкин аст.

**Дар дарси имрӯза бо мавзӯъҳои зерин шинос мешавед**



- ➔ Далелҳо ва ҳолатҳое, ки исботро талаб мекунанд. Далелҳо ва намудҳои онҳо.
- ➔ Шартҳои умумии исбот кардан.
- ➔ Истинтоқ кардан ва тартиби он.
- ➔ Тартиби истинтоқ кардани шахси ба воя нарасида, шартҳои эълон намудани айб.

## Далелҳо ва ҳолатҳое, ки исботро талаб мекунанд

Барои ҳалли масъалаи рӯй дода ё надодаи кирдори хавфноки иҷтимоӣ, содир шудани ин кирдор айбдор ё беайб будани шахс ва дуруст ҳал намудани кор дигар ҳолатҳои дорои аҳамият, ҳар гуна маълумоти ҳақиқии барои аниқ шудан асосшавандаи пурсуҷӯкунанда, муфаттиш ва суд мувофиқи тартиби қонун оид ба кори ҷиноӣ далел ба ҳисоб меравад.

Ин маълумотҳо бо материалҳои иборат аз гувоҳиҳои (шаҳодати) гувоҳ, ҷабрдида, гумонбар, айбдоршаванда, судшаванда, бо хулосаи эксперт, далелҳои ашёвӣ, сабти овоз, сабти видеоӣ, навори кино ва фотосуратҳо, бо баённомаҳои тергав ва ҳаракатҳои суд ва дигар ҳуҷҷатҳои аниқ карда мешаванд.

Натиҷаҳои тадбирҳои тезкору ҷустуҷӯӣ, ки тибқи риояи талабҳои қонун дар назардошта гузаронида шудаанд, баъди дар асоси нормаҳои Кодекси ҷиноию мурофиавӣ санҷидан ва арзёбӣ шудан оид ба кори ҷиноӣ далелҳо гуфта эътироф мешаванд.

... дар ҳолати ҷиддӣ шикастани қонунҳои мурофиавӣ ё бо услубҳои ноқонунӣ, аз ҷумла:

дар ҳолати нисбат ба иштирокчиёни протсесси ҷиноӣ ё хешу ақрабои наздики онҳо азият додан, тазйиқи психологӣ ва дигар намудҳои муомила бераҳмона, ғайриинсонӣ ё худ поймолкунандаи қадру қиммат истифода шавад;

дар ҳолати вайрон намудани ҳуқуқи ҳимоявии гумонбар, айбдоршаванда ё судшаванда, инчунин шикастани ҳуқуқи истифода аз хизмати тарҷумон;

дар ҳолати саросема намудан бар оқибати нофаҳмиданҳои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсӣ дар протсесси ҷиноӣ иштирок намуда, дар оқибати аз тарафи шахси ҳуқуқӣ амалӣ намудани бурдани кори ҷиноии мазкурро надошта ҳаракатҳои мурофиавиро гузаронидан;

гувоҳиҳои аз манбаи номаълум ё оиди кори ҷиноӣ ҳангоми бурдани кор аз манбаи аниқ шуданаш ғайриимкон, аз ҷумла, дар ҷараёни тергави аввалин гувоҳии дар суд тасдиқи худро наёфта бо маҷмӯи далелҳои мавҷудаи ҷабрдида, гувоҳ, гумонбар, айбдоршаванда, судшаванда;

ғайр аз ҳолатҳои бо далелҳои мавҷуда тасдиқшуда, гувоҳиҳои ба тахмин ё овозаҳо (миш-мишҳо) асосшудаи ҷабрдида, гувоҳ, гумонбар, айбдоршаванда, судшаванда гирифташуда ва оид ба корҳои ҷиноӣ ба истифода бурдан аз маълумотҳои ба таври зарурӣ эътибори юридикӣ надошта ҳамчун далел роҳ дода нашавад.

**Аз Фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон зери рақами ФП-5268 “Дар бораи чораву тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар фаъолияти суду тергав” аз 30-юми ноябри соли 2017**

Барои исбот намудани ҳолатҳои зерин манъ карда мешаванд:

1) кирдорҳои барои ҳаёту саломатии шахсон хавфнок буда ё рафторҳои поймолкунандаи шаън ва қадру қиммати онҳо;

2) ноил шудан ба гувоҳӣ гирифтан, фаҳмонидан, хулоса бо роҳи зӯрӣ, пӯписа, фиреб ва дигар роҳҳои хилофи қонун, ба иҷрои ҳаракатҳои экспериментали, ҳуҷҷатҳо ва тайёр намудани чизҳо ва додани онҳо расидан.

3) бурдани ҳаракати тергав бевақтии шаб, яъне аз соати 22.00 то соати 06.00. Пешгирӣ намудани ҷинояти тайёршуда ё содир шуда истода, роҳ надодан ба нестшавии осори (изи) ҷиноят, гурехтани шахси гумонбар, дар ҷараёни эксперимент ҳолати зарурати аз нав баргузор кардани ҳолати ҳодисаи тафтишшаванда аз онҳи мустасно мебошанд. Ҳангоми тергав ва ҳаракати суд чизҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки гирифта монда мешаванд, дар баённомаи зарурӣ аниқ қайд мегарданд. Нусхаи баённома ба соҳиби чизҳо ё ҳуҷҷат ё нусхаи кӯчонидашудаи он супурда, забонхат гирифта мешавад. Чиз ва ҳуҷҷатҳои ба кор алоқа надоранд, ба соҳиби қонунӣ дарҳол баргардонида мешавад.

Чизҳои ҳуҷҷатҳои шаҳрвандоне, ки барои нигоҳ доштан манъ гардидаанд, нобуд карда ё барои нигоҳ доштан ба муассиса ё ташкилотҳое, ки ваколат доранд ва онҳоро тасарруф карда метавонанд, дода мешаванд.



Муддати истинтоқ ё пурсиш намудан дар як рӯз набояд аз ҳашт соат гузарад. Як соати танаффус, ки барои истироҳат ва хӯрок хӯрдан дода мешавад, ба ин ҳисоб намедарояд.

## Истинтоқ (пурсиш) кардан

Пурсуҷӯкунанда ё муфаттиш гувоҳро, ҷабрдидаро, шахси гумонбарро ва айбдоршавандаро дар маҳалли пурсиш, тафтиши аввалин ё шахси истинтоқшаванда дар куҷое бошад, дар маҳалли гузаштани ҷараёни суд истинтоқ (пурсиш) мекунад.

Пурсуҷӯкунанда, муфаттиш ва суд пеш аз истинтоқ намудан аввал фамилия, исм ва насаби ӯро, вақти таваллуд (сол, моҳ, рӯз), ҷойи таваллуд, маълумот, ҳолати оилавӣ, маҳкумшуда ё маҳкумнашудагии шахси таҳти пурсишро аниқ карда ва ин маълумотҳоро бо маълумотҳои ҳуҷҷатҳои шахсии кори ҷиноӣ ё шахси таҳти пурсиш муқоиса карда, ё пурсидашаванда худро чӣ гуна муаррифӣ карда бошад, айнан ҳамон шахс будани ӯро бо дигар роҳ аниқ намуда, бовар ҳосил карданаш лозим.

Шахси пурсидашаванда забони кори бурдашавандаро донистанаш, вай ба кадом забон гувоҳӣ доданашро низ аниқ кардан лозим.

Баъди аниқ шудани шахси пурсидашаванда ба ӯ ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшро мувофиқи Кодекси ҷиноию мурофиавӣ фаҳмондан лозим. Фаҳмонда додани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар баённомаи истинтоқ ё баённомаи маҷлиси суд қайд мешавад.

Агар гувоҳиҳои шахси таҳти истинтоқ бо рақамҳо ё дигар маълумотҳои дар хотира нигоҳ доштан мушкил бошад, вай дар ҷараёни пурсиш аз ҳуҷҷатҳои худаш ё аз ҳуҷҷатҳои дар кор иловашуда ё аз дигар навиштаҷотҳо истифода бурданаш мумкин.

Ба шахси пурсидашаванда дар ҷараёни пурсиш ба хонда, шунавонида додани ҳуҷҷатҳои худаш ва дигар навиштаҷотҳо рухсат дода мешавад.

Пурсуҷӯкунанда, муфаттиш ва суд аз шахси таҳти истинтоқ дар ҷараёни истинтоқ ҳуҷҷатҳо ё дигар навиштаҷотро талаб кардан, онҳоро баъд баргардонида додан ё ба кор илова карданашон мумкин аст.

**Истинтоқ намудани гувоҳ ё ҷабрдидаи** синнаш то шонздаҳсола бо иштироку розигии намояндаи қонунӣ ё хешу табори солаш калон, педагог ё намояндаи ҷабрдида мегузарад. Шахсони мазкур бо рухсати шахси пурсидашаванда ба гувоҳ ё ҷабрдида саволҳо доданашон мумкин.



Муддати умумии истинтоқи (пурсиши) шахси гумонбар, айбдоршавандаи ба воя нарасида дар як рӯз агар танаффуси як соатинаи барои хӯрокхӯрӣ ва истироҳатро ба ҳисоб нагирем, набояд аз шаш соат зиёд бошад.

**Шахси гумонбар ва айбдоршавандаи ба воя нарасида** бо иштироки ҳимоягар пурсида мешавад.

Дар аснои пурсиш (истинтоқ) бо рухсати муфаттиш (тергавчӣ) намояндаи қонунии шахси ба воя нарасида иштирок карданаш мумкин.

Ҳимоягар ва намояндаи қонунӣ ба шахси гумонбар ё айбдоршаванда барои саволҳо додан ҳақ доранд. Дар поёни пурсиш ҳимоягар ва намояндаи қонунӣ барои бо баённома шинос шудан ва оид ба он мулоҳизаҳои худро баён кардан ҳақ доранд.

## Савол ва супоришҳо

1. Далелҳо барои чӣ заруранд? Шартҳои умумии исбот карданро фаҳмонда диҳед.
2. Ҳолатҳои зарурии исботкуниро аз рӯйи корҳои ба воя нарасидагон фаҳмонда диҳед.
3. Шартҳои истинтоқ намудани шахси гумонбари ба воя нарасида аз чиҳо иборат аст?
4. Фармони дар боло зикршудаи Президенти Республикаи Ўзбекистон барои ба тариб овардани кадом муносибатҳо хизмат мекунад?

*Шахси 14-солаи исмаш З. ҳангоми аз сарҳади давлат хилофи қонун гузаронидани чизҳои пиротехникӣ аз давлати ҳамсоя ба даст афтод.*

*Шахси ба воя нарасида бо исми З. ҳангоми аз пости Қоплонбеки байни Қазоқистону Ўзбекистон гузаштан дар гузаронидани моддаҳои нашъаманд иштирок карда, аз тарафи хизматчиёни гумрук ба даст гирифта шуд.*

**Барои исбот кардани айби иштирокчиёни масъалаи мазкур чӣ гуна ҳаракатҳо амалӣ мегардад?**

Умри инсоне, ки вақтро бо "эҳ, афсўс", "кошки"-ҳо мегузаронад, умри аз ҳама кўтоҳ аст.

**Кубро**

Дар байни аслиҳаи вайронгаре, ки инсон ихтироъ намудааст, сухан ҳанўз ҳам аз ҳама хатарнок ва пурқудрат аст.

**Пауло Коэло**

# Мундарича

Муқаддима .................................................................. 3
§ 1. Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон —
асоси ҳуқуқи давлат............................................... 4

**Фасли I. ҲУҚУҚИ ОИЛА**

§ 2. Оила — ҳалқаи асосии ҷамъият ............................ 8
§ 3. Тартиб ва шартҳои ақди никоҳ ........................... 14
§ 4. Ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои шахсии шавҳару зан .... 19
§ 5. Ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои мулкии шавҳар ва зан .. 23
§ 6. Тартиби шартномавии молу мулки шавҳар ва
зан ........................................................................ 27

**Фасли II. ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ**

§ 7. Мақсад, вазифа ва принсипҳои ҳуқуқи
ҷиноятӣ ................................................................ 34
§ 8. Нишонаҳои ҷиноят.............................................. 39
§ 9. Низоми ҷавобгарии ҷиноӣ ва ҷазо..................... 44
§ 10-11. Ҷиноятҳои зидди ҳуқуқу озодиҳои дар
Конститутсия ва қонунҳо мустаҳкамшудаи
шаҳрвандон ......................................................... 51
§ 12. Ҷиноятҳои зидди оила, ҷавонон ва ахлоқ....... 62
§ 13. Ҷиноятҳои зидди сулҳ ва бехатарӣ.................. 68
§ 14. Ҷиноятҳои соҳаи иқтисодиёт ........................... 74
§ 15. Ҷиноятҳои зидди тартиботи идоракунӣ.......... 81
§ 16. Ҷиноятҳои зидди бехатарии ҷамъиятӣ........... 86
§ 17. Ҷиноятҳои соҳаи технологияҳои ахбор .......... 89

## Фасли III. ҲУҚУҚИ МОЛИЯ

§ 18. Низоми молияю кредит дар Ўзбекистон......... 95
§ 19. Муносибатҳои молиявию ҳуқуқӣ.................... 99
§ 20. Буҷети давлатӣ ва ҳуқуқи буҷет дар Республикаи Ўзбекистон.................................. 104
§ 21. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиб даровардани даромадҳои давлатӣ.......................................... 109
§ 22. Асосҳои ҳуқуқии кредити давлатӣ................ 115

## Фасли IV. ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ

§ 23. Асосҳои ҳуқуқии муҳофизати табиат ........... 118
§ 24. Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқшикании экологӣ ..... 122

## Фасли V. ҲУҚУҚИ МУРОФИАВӢ

§ 25-26. Қонуни ҷиноию мурофиавӣ...................... 127
§ 27. Иштирокчиёни протсесси (ҷараёни) ҷиноят 132
§ 28. Ҳолатҳое, ки дар қонунгузории ҷиноию мурофиавӣ муайян кардан лозим аст............... 136

*O‘quv nashri*

**Nargiza Kamaritdinovna ISMATOVA,**
**Omina Abduraxmanovna KARIMOVA**

# «DAVLAT VA HUQUQ ASOSLARI»

O‘rta ta’lim muassasalarining 11-sinfi uchun darslik

*(Tojik tilida)*

*Birinchi nashr*

Toshkent – «Yangiyul Poligraph Service» – 2018

Nashriyot litsenziyasi AI №185, 10.05.2011 y.

Тарҷумон – Ш. Салимов
Муҳаррир – Ш. Бобоҷонов
Муҳаррири техникӣ – М. Рихсиев
Мусаввир – Ҷ. Азимов

Аз оригинал-макет ба чоп 13.07.2018 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 1/16. Гарнитураи «Times New Roman».
Бо усули офсет чоп шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,0. Ҷузъи чопии шартӣ 10,53.
Теъдоди нашр 7648 нусха. Супориши № 4957.

Дар чопхонаи ҶММ «Yangiyul Poligraph Service» чоп карда шуд.
112001, вилояти Тошканд, шаҳри Янгийўл, кўчаи Самарқанд, 44.

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора дода**

| Р/т | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Китоби дарсӣ ба иҷора дода шуда, дар охири соли хониш ҷадвали боло аз тарафи раҳбари синф дар асоси меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқоваааш бутун, аз қисми асосии китоби дарсӣ ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова қаҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад. Аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |